ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**УДК-371.671+502 (2-тоҷ)**

**ББК-28+28.08 (2-тоҷ)**

**К-85**

**ҚӮЗИЕВА РАЪНОГУЛ МИРМУҲАМАДОВНА**

# ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5 – 9 ДАР ҶАРАЁНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФИЮ БЕРУНАЗМАКТАБӢ АЗ БИОЛОГИЯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи
педагогика ва таҳсилот

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Миралиизода А.М.

**ДУШАНБЕ – 2022**

МУНДАРИҶА

Муқаддима..........................................................................................3
Тавсифи умумии таҳқиқот.........................................................................5
**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-9 ДАР ҶАРАЁНИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБӢ АЗ БИОЛОГИЯ**..........................................14
1.1. Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9.......................................14
1.2. Асосҳои педагогӣ ва дидактикии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ .....................36
1.3. Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ ...........................................................65
Хулосаи боби 1...........................................................................................86
**БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБИИ СИНФҲОИ 5-9 ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ УМУМИБИОЛОГӢ** ...................88
2.1. Нақш ва мақоми донишҳои экологӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологии хонандагон....................88
2.2. Машғулиятҳои беруназсинфӣ ва нақши онҳо дар ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ ..................................................................102
2.3. Натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ...................................................118
Хулосаҳои боби дуюм.............................................................................134
Хулосаҳои умумӣ ....................................................................................138
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо......................................145
Рӯйхати адабиёт........................................................................................147
Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.................................................164

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди бомарому бошиддати илмӣ-техникӣ, ки аз охири асри XX ва оғози садаи XXI – фарорасии ҳазорсолаи савум боиси бозёфту комёбиҳои соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, бахусус пешрафту навоварии нанотехнологӣ, бозсозию ислоҳоти соҳаҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои появию бунёдӣ ва марҳалаҳои навоварӣ гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун дигар мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба раванди нави таълим ва фазои ягонаи таҳсилоти умумибашарӣ, яъне низоми кредитии таҳсилот шомил шуд.

Азнавсозӣ, ислоҳот ва такмили нақшаю барномаҳои таълимии фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар заминаи амалисозии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020 №1445 Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040 сурат гирифта истодааст. Дар ин радиф ба нақша ва барномаҳои таълимии фанҳои биологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ, экология ва биологияи умумӣ) бо тақозои замони муосир тағйироту иловаҳо ворид гардиданд. Соҳаи маориф аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз «Соҳаҳои афзалиятноки кишвар» эълон гардида, санаду ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар ин самт рӯз аз рӯз мукаммал гардида истодаанд.

Рушди сохторҳои илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои олии касбии омӯзгорӣ дар доираи иҷрои амалии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (2020), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи давлатии тарбияи фарҳангии экологии аҳолии Тоҷикистон то солҳои 2020» (аз 2.04.2015, №178) сурат гирифта истодаанд.

Новобаста ба ин пешравиҳо, дар фаъолияти омӯзгорону методистони фанҳои биологӣ, роҳбарони муассисаҳои миёнаи умумӣ ва олии касбии омӯзгорӣ ҷиҳати беҳдошти раванди таълиму тадрис, зина ба зина болобарии дараҷаи дониш, маҳорату малака, касбомӯзию интихоби касбҳои тахассусии толибилмон мушкилот мавҷуд аст. Масъалаҳои мубрами соҳа «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» ва дар ин замина, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон мавриди омӯзиш, таҳлил ва тавсифу баррасӣ қарор гирифта истодаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Асосҳои педагогию дидактикӣ ва илмию методологии назариявӣ дар мавзуи ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология дар пажӯҳишҳои олимони хориҷӣ А.А. Вербитский, В.В. Дежкин, Лихачев, Б.Т., И.Т. Суравегина, Л.И. Салеева, А.П. Сиделковский ва дигарон инъикос ёфтаанд. Натиҷаи баланди таълиму тарбияи экологии насли наврас ин ташаккулдиҳии маърифати экологии онҳо ба шумор меравад. Омӯзиш ва таҳияи роҳу усулҳо ва ҷанбаҳои таълиму тарбияи экологӣ дар замони муосир дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ: А.Н. Захлебний, Л.В. Моисеева, И.Т. Суравегина ва олимони ватанӣ Э.А. Турдикулов, С. Мирзоев, А. Раҳимов, А. Давлатов, М. Саидов, А. Эргашев ва дигарон аз нигоҳи педагогӣ, дидактикӣ, методию амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баррасӣ гардидаанд.

Масъалаҳои таълиму тарбия ва маърифати экологии хонандагони муассисаҳои таълимӣ дар асару мақолаҳои олимону муҳаққиқони кишвар М. Лутфуллоев, Н.О. Холбеков, А.И. Раҳимов, Холназаров С., Ёров Ҷ., Насриддинов С., А.М.Мирализода, С.Мирзоев, М. Досаков ва дигарон инъикос гардида, нақши онҳо ба рушди илми педагогикаи ватанӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** Коркард ва тарҳрезӣ намудани асосҳои илмию назариявии ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои берунсинфию беруназмактабӣ аз биология маҳсуб меёбад.

Барои расидан ба мақсади таҳқиқот **вазифаҳои зерин** муайян ва мавриди пажуҳиш қарор дода шудаанд:

1. Омӯзишу таҳлили ҳолат ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ дар адабиёту сарчашмаҳои фалсафӣ, педагогию дидактикӣ, умумибиологӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ;

2. Таҳлили ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, методӣ ва таҳияи амсилаи мавзуи “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология”;

3.Ҷустуҷӯ, дарёфт ва таҳияи роҳу усулҳои амалисозии ҷанбаҳои илмӣ, назариявӣ ва методии “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология”.

4. Аз нигоҳи педагогию дидактикӣ ва методӣ муайян намудани роҳу усулҳои самарабахш ҷиҳати ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ.

5.Коркарди натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот: озмоишҳои педагогӣ, санҷишу муайян кардани маълумоти оморӣ-математикӣ оид ба амсилаи таҳқиқот дар синфҳои 5-9 - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Объекти таҳқиқот:** - Раванди фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология.

**Предмети таҳқиқот:** дарёфти роҳу усулҳои педагогию дидактикии "Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология" иборат мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот:** ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология ҷиҳати рушди маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 ба шарте мусоидат менамояд, ки агар:

– мазмуну мундариҷаи сохтори машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҳамчун ҷузъи таркибию идомаи дарсҳои муқаррарии ҷараёни таълиму тадриси хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз нигоҳи педагогию дидактикӣ ва методӣ тарҳрезӣ ва муайян карда шавад;

– роҳу усулҳои истифодаи самараноки фаъолгардонӣ ва ташаккули табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифати экологии хонандагон дар заминаи машғулиятҳои берунасинфию беруназмактабӣ, тибқи талаботи педагогию дидактикӣ ва методӣ амалан коркарду баррасӣ карда шаванд;

– роҳу усулҳои амалисозии "Модели таҳқиқот оид ба "Фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии таҳия ва татбиқ карда шавад".

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар тули солҳои 2017-2022 гузаронида шуда, аз се марҳилаи дорои мазмуну муҳтавои бо ҳам алоқаманд иборат аст.

**Марҳилаи аввал (2017-2018).** Омӯзиш, таҳлил, ҷамъоварӣ ва асосноккунии маъхазу сарчашмаҳои педагогӣ, дидактикию умумибиологӣ муайян кардани мақсад, фарзия, методология ва усулҳои назариявии таҳқиқот, вазифа ва теъдоди мавзуъҳои ба таҳқиқот ҳамбастбударо дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар ин марҳила барномаю

нақшаи амалисозии санҷишҳои эмпирикӣ, дастгоҳи илмӣ, фарзия, роҳу усулҳо ва методҳои таҳқиқот низ муайян карда шудаанд.

**Марҳилаи дувум (2019-2020).** Таҳияи намунаи модели таҳқиқот, озмоишҳои таълимӣ – педагогӣ, маводи таълимӣ, анкетаҳо, тестҳои тахассусӣ, варақа – саволномаҳо, корҳои хаттӣ – санҷишии фарогири васеи тарзу усулҳои озмоишӣ, мубоҳисаҳо, ҷанбаҳои педагогию дидактикии “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология” тарҳрезӣ ва баррасӣ шуданд.

**Марҳилаи савум (2021-2022).** Марҳилаи ниҳоӣ - муқаррароти ҷанбаҳои асосии мавзуи диссертатсионӣ, амалисозии модели тадқиқот, коркарди омории натиҷаҳои тарҳрезишуда, натиҷаи самтҳои назариявӣ ва озмоишӣ дар низоми машғулиятҳои дарсӣ, озмоишҳои педагогию амалӣ ҷамъбаст ва таҳияи матни рисолаи илмиро дар бар мегирад.

**Асосҳои назарявии таҳқиқот**: Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи сарчашмаҳои фалсафӣ оид ба “Асосҳои фалсафии салоҳиятҳои экологӣ” (Н.Н Моисеев, Н.Ф. Рейгрие ва диг.), асосҳои педагогию дидактикӣ оид ба “Муътадилии ҷараёни таълиму тарбия” (Ю.К Бабенский) “Сохтори низоми раванди таълим” ва “Назарияи фаъолият” (А.Н. Леонтев)- “Консепсияи маърифати таълимӣ” (Т.И. Шамова, Т.И. Шукина) ва умумибиологӣ, аз ҷумла экологӣ “Назарияҳои педагогӣ оид ба моҳият ва мазмуни тарбияи экологии хонандагон” (Н.Ф. Виноградова, И.Д. Зверев, А.Н. Захлебний, И.Т. Суравегина ва диг.), оид ба “Назария ва амалияи ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, аз сикли фанҳои умумибиологӣ” (К.И. Василева, Р.М. Евдокимова, С.С. Мирзоев); инчунин Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи маориф, аз ҷумла “Қонун дар бораи маориф” (2013), “Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020” (2017), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати маориф ва

илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ, семинару ҷаласаҳои Шурои илмӣ-методии донишгоҳ ва кафедраҳои тахассусиро дар бар мегирад. Татбиқи амалии натиҷаҳои модели мавзуи илмӣ – таҳқиқотӣ, тахти унвони “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология”, тариқи пурсишу суҳбатҳои шифоҳӣ, саволнома – анкетаҳо (тестҳои тахассусӣ), корҳои хаттӣ – санҷишии хонандагон дар доираи барномаҳои таълимии сикли фанҳои умумибиологӣ сурат гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**: Барои омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқу санҷиши ҷанбаҳои педагогию дидактикии таҳқиқот ва натиҷаҳои татбиқи амалии фарзияи пешниҳодшуда ва дар маҷмуъ ноил шудан ба ҳадафҳои мақсаднок методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ интихоб ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Сарчашмаи маълумот -** Осори илмии олимони ватаниву хориҷӣ, методистону педагогҳо ва психологҳо оид ба роҳу равиш ва воситаҳои ташаккули малакаҳои хонандагон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стандартҳои давлатии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаву барномаҳои таълимии соҳавӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ.

**Заминаҳои эмпирикӣ:** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим; омӯхтан ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; истифода аз методҳои эмпирикӣ - суҳбат ва саволномаҳо бо муаллимону мактаббачагон, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда; таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо,

мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи асосии озмоишии таҳқиқотро** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №18,19,39,5,37,32,- и н. Фархори минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Дар мавриди гузаронидани таҳқиқоту озмоишҳои педагогӣ, яъне анкетапурнамоӣ 1367 нафар хонандагон ва 101 нафар омӯзгорну мутахассисон, аз ҷумла 42 нафар омӯзгорони ҷавони бо собиқаи кории то 5 сол, 37 нафар омӯзгорони бо собиқаи кории беш аз 10 сол ва ҳамчунин 22 нафар мутахассисонеро, ки ба ҳайси роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, шуъбаҳои маориф ва илм, омӯзгорони дорои тахассуси баланд фаъолият мекардаанд, фаро гирифта шудаанд.

**Навгонию навовариҳои таҳқиқот чунин арзёбӣ мегарданд**:

1. Модели илмӣ-назариявӣ ва методию амалии мавзуи таҳқиқотӣ доир ба “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология” - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коркард ва аз ҷиҳати амалӣ асоснок карда шуд;

2. Муайян карда шуд, ки барои фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон системаи яклухти ҷараёни таълим, ягонагию боҳамалоқамандии самтҳои мундариҷавии таҳқиқот мавҷуд набуда, ин раванд ҷараёни мунтазами муаррифию арзёбӣ, тарҳрезӣ ва мураттабсозии технологияҳои навро талаб менамояд;

3. Нақш ва мақоми методҳои гуногуни таълим, шаклҳои ташкилии раванди таълим, аз ҷумла машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологӣ,

инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон аз сикли фанҳои умумибиологӣ муайян ва арзёбӣ гардид.

4. Дар ҷараёни гузаронидани мушоҳидаҳо, озмоишҳои педагогӣ, саволнома-анкетаҳо, корҳои хаттӣ-санҷишӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз сикли фанҳои умумибиологӣ мазмун ва мандариҷаи машғулиятҳои намунавӣ барои гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ таҳия карда шуд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Муҳтавои асосии таҳқиқот барои ҳимоя муқаррароти зеринро дар бар мегиранд:

1. Амсилаи мавзуи таҳқиқотӣ тахти унвони «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5, 18, 19, 32, 37 ва 39-и ноҳияи Фархори вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мазмуну мундариҷаи донишҳои экологӣ, ва умумибиологӣ, баландбардории ҷанбаҳои назариявию амалӣ, таълимию диққатҷалбкунандаи масъалаҳои фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз сикли фанҳои биологӣ.

3. Сохтори педагогии «Ташаккули маърифати экологии хонандагон мутобиқ бо маҷмӯи ҷараёни таълим, ҳамроҳию ягонагии ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва муаррифӣ-арзёбӣ, инчунин мақсад, мундариҷа, роҳу усулҳо, методҳо ва дигар шаклҳои ташкилии раванди таълим бо машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ.

4. Шароитҳои педагогии фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон дар пойгоҳ ё заминаи ду ҷанба;

– дар заминаи ҷанбаи мундариҷавӣ, яъне пурзӯр намудани самту дараҷаи донишҳои экологӣ, кишваршиносӣ ва умумибиологӣ;

– дар пояи ҷанбаи муаррифӣ-арзёбӣ ташаккулу инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, ҷараёнҳои маърифатнокии хонандагон, яъне тафаккур, хотира, шуур, диққат, эҳсосот, идрок дар ҷараёни дарсҳои асосӣ-синфӣ, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ.

5. Дар заминаи мафҳумҳои «Омилҳои экологӣ», «Муҳити зист», «Ҷомеаи табиӣ», «Ҳифз ва истифодаи самараноки боигариҳои табиӣ-биологӣ» ва мавриди омӯзиш қарор додани онҳо аз оғози омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ, яъне аз раванди таълими фанҳои появӣ-табиӣ дар синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** иборат аз ҷустуҷӯ ва дарёфти ҷанбаю самтҳои вобаста ба таҳия ва асосноккунии модели назариявӣ ва сохтори технологии фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон дар заминаи ягонагии самтҳои мундариҷавӣ, рушди бемайлони донишҳои экологӣ, кишваршиносию умумибиологӣ, самтҳои муаррифию арзёбӣ, яъне аз таҳлили мафҳуми "Маърифати экологӣ" роҳу усулҳо, методҳо ва меъёру ташаккули ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 - и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, фаъолияти педагогию касбии омӯзгорон ва аз ҷониби онҳо интихоб ва самаранок истифода намудани шаклу усулҳои таълими анъанавӣ ва методҳои муосири раванди таълим, аз ҷумла истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо назардошти навоварии раванди таълиму тадрис, аз сикли фанҳои умумибиологӣ мебошад.

Ҷанбаҳои амалии таҳқиқот аз таҳияю мураттабсозии модели таҳқиқот, методика ва амалисозии мавзуи рисолаи илмӣ оид ба "Ташаккули экологии хонандагон, дар як қатор таҳқиқоти методию амалии олимон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тарбияи

экологии хонандагон, намунаи нақшаҳои гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, экскурсияҳо ва дигар намудҳои машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, бо ёрии муаллимону методистони касбӣ иборат мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии бадастомадаи таҳқиқоти озмоишии педагогӣ, ки дар маводи Паёми ДМТ, Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, дар васоити таълимӣ-методӣ, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи ДМТ, конференсияҳои илмӣ-назариявии ДМТ, ҷумҳуриявӣ чоп ва таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ҳамзамон, дар ҷараёни гузаронидани дарсҳои синфӣ, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, дар фаъолияти илмию педагогии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони сикли фанҳои умумибиологӣ, ҳамчун маводи ёрирасони методӣ истифода бурда мешаванд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар 17 мақолаи илмӣ-методӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Президенти Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот» (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад: *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар марҳалаҳои таҳқиқот:

интихоб, таҳия, коркард, банақшагирию асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти заруриӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъовариӣ ва мураттабсозии маводи озмоишҳои педагогӣ ва коркарди оморию риёзии онҳо, таҳлил корбаст ва тарҳрезии натиҷаҳои корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии бадастовардашуда дар тамоми давраҳои таҳқиқот дар конференсияҳои умумидонишгоҳӣ (ДМТ) ва ё иттиҳодияҳои илмӣ – методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва кафедраҳои педагогикаи ДМТ пешниҳод ва баррасӣ гардидаанд.

Ҳамчунин, дар раванди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои 2017-2022 бахусус дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№5,18,19,32,37 ва 39 н. Фархор, кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2017-2022) санҷида шуда, дар конфронсҳои илмӣ ва назариявии муаллимон ва донишҷӯён дар ҷаласаҳои кормандони соҳаи маориф баррасӣ гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки мазмуни асосии таҳқиқотро ифода мекунанд, бо теъдоди 17 мақолаҳои илмӣ: 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 дар маводи конференсияҳо ва 3 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумию пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Шумораи адабиёти истифодашуда ба 200 адад расида, ҳаҷми умумии диссертатсия дар 167 саҳифаи чопи компютерӣ таълиф шудааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-9 ДАР ҶАРАЁНИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБӢ АЗ БИОЛОГИЯ

## 1.1. Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, роҳи бунёди ҷомеаи воқеан ҳуқуқбунёд ва демократиро пеш гирифта, ғояҳои инсондӯстиро дар маркази асосии идеологияи худ қарор дода, барои ҳалли мушкилоти экологӣ, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиат фаъолиятҳои рӯзафзунеро татбиқ карда истодааст.

Бошиддат рушд намудани ҷомеаи инсонӣ, рушди саноат ва бо таври бераҳмона истифода бурдани сарватҳои табиӣ, проблемаҳои глобалии экологӣ ва ҳифзи муҳити зистиро ба миён овардаast, ки ин пеш аз ҳама дар халалдор шудани мувозинати биологию экологӣ, яъне унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаи минтақаҳои географӣ, гармшавии иқлим, олудашавии муҳити зист зоҳир мегардад.

Фаъолиятҳои ҳамарӯзаи хоҷагидории инсон, ки рӯз то рӯз фарохтар ва пуртаъсиртар гардида, баробари таъмини беҳдошт ба некӯаҳволии халқ, боз ҳолатҳои номатлубу ногувореро эҷод карда истодаанд, ки боиси ба миён омадани мушкилоти экологӣ мегарданд.

Зуҳур кардани мушкилоти глобалии экологӣ масъалаи нав набуда, аз замони пайдоиши инсон, ки ҳадафмандона ба табиат таъсиррасониро оғоз кард, мавҷуд буд. Пайдоиши мушкилоти мазкур боиси инкишофи илм ва шуури ҷамъиятӣ гардида истодааст.

Баробари пайдо гардидани шуури ҷамъиятӣ дар инсони ибтидоӣ тафаккури барғалате ташаккул ёфт, ки дар заминаи он худро шоҳи табиат ҳисобида, тамоми неъматҳои моддии табиатро дар ихтиёри худ ва

ба манфиати худ мавриди истифода қарор дод. Аз сабаби он, ки дар ибтидо воситаҳои таъсиррасонӣ ба табиат бисёр содаю номукаммал ва маҳдуд ба назар мерасиданд, ҷанбаҳои таъсиррасонӣ доимо дар мувозинат ва барқароршавӣ қарор дошта, аз ҳаду меъёрҳои табиӣ берун намебаромаданд.

То замоне, ки инсон истифодабарии оташро ёд нагирифта буд, ин мувозинат пойбарҷой ва устувор нигоҳ дошта мешуд. Дар ибтидо инсон, ки нисбати дигар мавҷудоти зиндаи олиташкил осебпазиртар ба назар мерасид аз оташ ҳаросида мегурехт. Вале оҳиста-оҳиста дарк намуд, ки оташ дар баробари сӯзонидан, боз хосияти дар ҳама боду ҳаво ва шароит гарм карданро низ дорад. Инсон дид, ки баъд аз сӯхтор гӯшти ҳайвоноти аз оташ раҳоӣ наёфта ва меваю бехмеваи баъзе растаниҳо нисбатан мулоим ва хушлаззаттар гардидаанд. Инсон пухтани хӯрокро ёд гирифт. Акнун инсон на ин ки аз оташ меҳаросид, балки машъал дар даст худро аз дигар даррандагон ҳифз мекардагӣ шуд. Инсон оташро аз душмани бераҳми қиркунанда ба дӯсти муҳофизаткунанда ва воситаи меҳнат табдил дод. Вай аз оташ барои пухтани хӯрок, гармшавӣ ва ҳифзи худ аз сармо, манбаи рӯшноӣ ва тарсонидани дигар дарандагон истифода менамуд. Дар аввал инсон ба пуррагӣ аз табиат ҷудо нагардида, ба ғояҳои бузургманишӣ дода нашуда буд.

Ҷомеаи инсонӣ босуръат тараққӣ ёфта, олоти меҳнат ва дар робита бо он истеҳсолот низ инкишоф ёфта, мураккабтар гардидан мегирифт. Дар замони ҷамъияти ғуломдорӣ, акнун инсон ба табақаҳо ҷудо гардида, истисмори инсон аз тарафи инсон зуҳур намуда, муносибатҳои ҷамъиятӣ тезутунд шудан гирифт. Баробари ташаккулёбиии маданияти зироаткорӣ, бо мақсади аз худ кардани сарвати асосии табиӣ - замин, ки ҳамчун модар ғизодиҳандаи инсон ба шумор мерафт, ҷангалзорҳо сӯзонида шуда, заминҳои кишт васеъ шудан гирифтанд. Дар таърихи инсоният ин аввалин таъсиррасонии ҳадафмандона ба муҳити табиӣ мебошад, ки гарчанде ба манфиати иқтисодии гурӯҳи иҷтимоие амалӣ шуда бошад ҳам, оқибаташ раванди

ба биёбон табдилёбии сатҳи сайёраро тезонид. Агар дар ибтидо, инсон танҳо аз хосиятҳои гармкунии оташ истифода мебурд, акнун хосияти сӯзонандагии онро мавриди истифода қарор додан гирифт.

Ниёзи доимӣ ба ғизо ва зиёдтар гардонидани насли худ, аз талаботи асосии биологии мавҷуди зинда ба шумор меравад, ки инсон низ аз он истисно набуда, балки ин равандро ҳадафмандона ва бошуурона амалӣ менамояд. Дар асрҳои миёна дар марказҳои бузурги тамаддун насли инсон он миқдор зиёд гардид, ки мушкилии дарёфти ғизо дар ҷомеаи мутамаддин ба мушкилии рақами аввал табдил ёфт. Пас маълум мешавад, ки сабаби ҳиҷрати аҳолӣ низ сайру саёҳат ва ё ҷустани роҳату моҷаро набуда, дар таҳти қонунҳои махсуси чамъияту табиат мегузаштааст. Масалан, халалдор шудани шароити табиӣ ва мувозинат дар биосфера боиси ҳиҷрати тамоми мардуми ба нажоди ҳиндуаврупоӣ тааллуқдошта гардида истодааст.

Дар охирҳои таназзули феодализм мардум дар талоши зиндагӣ рӯ ба шаҳр оварданд, ки ин боиси рушди босуръати саноат гардид. Саноати рӯ ба инкишоф, албатта дар заминаи ашёи хоми арзон, ки аз табиат гирифта мешуд, рушд меёфт. Яъне таҳаввулоти инсон ҳамчун мавҷуди биологӣ боиси таҳаввулоти техника ва технологияи итилоотӣ гардид. Ҳар қадаре, ки ҷомеаи инсонӣ пеш мерафт, техникаю технология бо суръати дучандон тараққӣ мекард, яъне санъати истеҳсолот ба таҳаввулот дучор гардидан гирифт, таъсиррасонӣ ба табиат ва муҳити зист даҳҳо мартиба афзуд. Ин боис гардид, ки табиати замин ба куллӣ дигаргуна гардида, занҷираи ғизоӣ низ тағйир ёфта, ба мувозинати табиӣ, яъне биологию экологӣ дар табақаи географӣ халал ворид созад. Халалдор гардидани мувозинати табиӣ дар биосфераи Замин боиси ба миён омадани мушкилоти ҷиддие, ки ба мавҷудияти минбаъда сайёра ва ё дар оянда боқӣ мондан ё намондани он ҳамчун сайёраи ҳомили ҳаёт гардидааст.

Рафъи масъалаи ба миёномада харочоти зиёди иқтисодиро талаб кунад ҳам ба пуррагӣ иҷронашаванда боқӣ мемонад. Зеро ҷомеаи инсонӣ

дар марҳилаҳои пешазсаноатии тараққиёташ ҷомеаи инсонӣ, вобаста ба дараҷаи инкишофи воситаҳои истеҳсолот ва олоти меҳнат ҳамон қадар ба табиат зарар расонида метавонист, ки табиат худаш онро барқарор карда тавонад. Вале дар марҳилаи ташаккули капитализм рушди саноат раванди харобкунии табиатро чунон суръат бахшид, ки тамоми ҳадҳоро гузашта, дигар аз доираи имкониятҳои худбарқароршавии табиӣ ба куллӣ берун баромад. Ва имрӯз бонги хатаре, ки олимони соҳа зиёда аз 30-50 сол пештар оид ба ногузирии нестшавии ҳаёт дар рӯи замин мезаданд, ба назар тааҷҷубовар намерасад. "Имрӯз оид ба нестшавии ҳаёт дар рӯи замин ҳеҷ тааҷҷуб набояд кард. Он метавонад бо ду роҳ ба амал биёяд: аввалан ҷанги ядрой, ки ногаҳонӣ ва дар як фосилаи бисёр кӯтоҳи вақт метавонад на ин ки ҳаётро, балки худи сайёраро ба нестӣ барад ва роҳи дуюм буҳрони экологӣ бисёр тӯлонӣ ва фавқулоддаю дарднок мегузарад. Ин бошад олудасозиии табиат бо партовҳои саноатӣ ва ба вуҷудоварии бӯҳрони экологӣ мебошад"[32]. Ин суханони зиёда аз 30 сол пештар иншогардида мебошанд. Имрӯз мушкилоти экологӣ садҳо маротиба шадидтар гардидааст.

Таъсири мутақобилаи инсон ва табиат дар тамоми давру замон ҳамчун воситаи мавҷудият ва инкишофи ҷамъият ба шумор мерафтааст. Имрӯз дар замони инкишофи босуръати илму технология таъсири инсон бо табиат суръати кайҳониро гирифта истода, ба тағйирот ва таҳаввулоти бузург дучор гардида истодааст. Мутаассифона, дар ин мубодилаю муносибат, насли инсонӣ танҳо ба манфиатҳои модии худаш бартарӣ дода истодааст. Муносибату истифодабарии нооқилонаи инсон ба муҳити зист, боиси аз байн рафтани ҷангалзорҳои азим, намудҳои гуногуни олами растаниҳо, ҳайвонот ва захираҳои дигари табиӣ гардида, имрӯз хатар ба худи инсон эҷод карда истодааст. Натиҷаи ин харобкориҳои инсон тамоми ҳаду ҳудудҳоро гузашта, берун аз атмосфераи замин ба фазои наздизаминии кайҳон паҳн гардида истодааст.

Ҷомеаи инсониро зарур аст, ки дар тамоми сатҳҳои ҷамъиятӣ, муносибатро ба муҳити зист ба куллӣ дигар намояд, то ин ки саломатию ҳаёти худро ва дар маҷмуъ сайёраро ҳифз намояд. Дигар вақти он расидааст, ки мафкураи «инсон шоҳи табиат»-ро ба «инсон иҷоранишини табиат» иваз намуда, муносибатро бо ин хонаи умумии мавҷудоти зинда ва тамоми сокинони ин «хона» дигаргун намоем. Имрӯз мушкилии экологӣ на танҳо мушкилии ҳифз намудани муҳити зист, балки тарбияи инсони комил низ мебошад. Вайрон шудан ва халалдор гардидани низоми табиӣ, зарар расонидан ва хароб кардани табиат - ин пеш аз ҳама вайрон шудани инкишофи шахсияти комил, аз ҳади инсонӣ баромадани насли одамӣ ба шумор меравад. Ин ҳаддест, ки инсон хислати азими инсонии худро гум карда, ақлу шуури худро қурбонии ҳавою ҳавас, нафсу манфиатҳои модии худ мегардонад.

Бинобар ин, бо мақсади рафъи бӯҳронҳои экологии болозикр ва ҳифзи шароитҳои мусоиди табиӣ, барои наслҳои оянда, пеш аз ҳама иваз намудани тафаккури муосири иқтисодӣ ба тафаккури нави экологӣ зарур аст. Барои расидан ба ин ҳадаф инсонро ба ҳамон шароити ташаккули табииаш, тарбияи меъёрҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ баргардонидан зарур аст. Танҳо дар ҳамин сурат низоми муътадили алоқамандиҳои байни «инсон – табиат – ҷомеа»-ро барқарор кардан мумкин аст. Ин низомро дар натиҷаи ташаккул додани фарҳанги экологӣ дар байни ҷомеа, маҳаки он тафаккури муносибати эҳтиромона ва эҳтиёткорона, ки ба сарватҳои табиат ва дигар субъектҳои биосфера меистад, барқарор кардан мумкин аст. Яъне, баробарҳуқуқии тамоми фазои биосфераро барқарор кардан зарур аст.

Бинобар ин, баробари ташаккули ҷомеа, инқилоби илмӣ-техникӣ, ки боиси дигаргуншавии муҳити зист гардид, ниёз ба ташаккул ва инкишофи чунин соҳаи илм ба миён омад, ки қонуниятҳои робитаҳои ҷомеаи инсониро бо муҳити табиии иҳотанамудааш омӯхта, вазъи ба миёномадаро ислоҳ ва беҳбудӣ бахшад. Баҳри иҷрои ин вазифа илм бо номи экология зуҳур намуд.

Экология ҳамчун соҳаи илмии ҷавон ва зуд инкишофёбандае мебошад, ки дар заминаи илми биология ва география зуҳур намудааст. Маҳаки асосии ин соҳаи илмиро муносибатҳои байниҳамдигарии мавҷудоти зинда ва дар маҷмуъ алоқамандиҳои мутақобилаи олами зинда бо муҳити географӣ, ки ҳамчун муҳити зист истифода мегардад ташкил менамояд.

Экология зиёда аз чил соҳаи гуногуни илмро дар бар мегирад [152]. Дар баробари экологияи умумии системаҳои табақаи географӣ, экологияи растанӣ, экологияи ҳайвон, экологияи микроорганизмҳо, экологияи тиббӣ, экологияи техникӣ ва иҷтимоӣ дар ҳоли инкишоф қарор доранд. Махсусан экологияи растанию ҳайвон ва иҷтимоӣ масъалаҳои пуртазоди биосфераро дар сатҳи ҷаҳонӣ меомӯзанд. Мақсади рушди ин соҳаҳои илми экология пеш аз ҳама дарёфти усулҳои беҳгардонии шароити беҳдошти муҳити зист барои тамоми субъектҳои биосфера ва баъдан инсон, паст гардонидани шиддати бӯҳронии иҷтимоӣ, экологӣ ва идории фаъолиятҳои ҷомеа барои беҳтар сохтани шароити муҳити зист тарҳрезӣ шудааст. Мо, ба он хотир баъдан инсонро ёдовар шудем, ки муҳити зисти инсон, миллионҳо сол пештар ба ин ду олами мавҷуди зинда (растаниҳо ва ҳайвонот) тааллуқ дошт. Тавре, ки Саидов М. дар такя ба таҳқиқи пажӯҳандагони соҳа иброз доштаанд: “...вазъи экологиро тавассути иқтисодиёт, маблағ ва чораҳои иқтисодӣ ислоҳ намудан ғайриимкон аст. Бо ин роҳ танҳо шиддати бӯҳронро каме паст кардан мумкин аст. Вазъи экологӣ ҳамон вақт ба эътидол меояд, ки мардум дорои маърифат, фарҳанг ва донишҳо оид ба шароит, сабаб ва натиҷаҳои алоқамандиҳои мутақобилаи ҳамаи субъектҳои биосфера гарданд” [152].

Аввалан ба шарҳи мазмуни педагогӣ-психологӣ ва илмии мафҳуми биосфера мепардозем. Аслан, мафҳуми биосфера калимаи юнонӣ буда, маънояш “биос”- ҳаёт ва “сфера”- кура (яке аз қабатҳои геосфера) мебошад. Яъне қабати геосфераро, ки мавҷудоти зинда паҳн

гардидаанд ва ё имкони мавҷудияти организмҳои зинда дар он дида мешавад, биосфера меноманд.

Г. Раҳмихудоев ҳудуди паҳншавии ҳаётро 7-8 километрии атмосфера ва чуқуриҳои 10-11 километрии гидросфераю атмосфера муайян намудааст [146].

М. Саидов ҳудуди паҳншавии мавҷудоти зиндаро ҳудудҳои поёнии атмосфера, тамоми гидросфера, ва чуқуриҳои 2-3 км-ии қишри замин муайян кардааст [150].

Биосфера қисми поёнии атмосфера (тропосфера ва як қисмати поёнии стратосфера) то баландии 22,5 км, тамоми гидросфера ва қисми болоии қишри замин, то чуқуриҳои аз 4,5 км то 7,0 км-ро дар бар мегирад. Ин нуқтаи назарро Забиров Р.Ғ. пешниҳод намудааст [61].

Дар ҷои дигар қайд менамоянд: "Биосфера, ин қабати мураккаби берунии ҷилди замин мебошад, ки дар он организмҳои зинда сукунат доранд.Биосфера аз қабатҳои гидросфера, қисми болоии литосфера ва қисми поёнии атмосфера иборат аст" [61].

Ҳамзамон Раҳимов М. ва Эргашев А. қайд менамоянд, ки "Биосфера қабати махсуси курраи замин аст, ки дар он организмҳои зинда мавҷуданд". Он қисми поёни атмосфера (тропосфера), тамоми гидросфера ва қисми болоии қишри замин (литосфера)-ро то чуқурии 2-3 км-ро дар бар мегирад [148].

Дар луғати электронӣ – интернетӣ Википедия, бошад биосфера, ҳамчун қисми табақаи географӣ, ки таркиб, сохтор ва энергетикаи онро фаъолияти якҷояи организмҳои зинда ташкил медиҳанд, тавсиф ёфта ҳудуди паҳншавии он қабатҳои болои атмосфера (то сарҳади озоносфера), тамоми гидросфера ва қисми болоии литосфера нишон дода шудааст.

Ҳамаи нуқтаҳои назаре, ки дида баромадем мазмунан ба ҳам монанд бошанд, ҳам вале ҳудуди паҳншавии ҳаётро гуногун нишон додаанд. Ҳатто баъзе муаллифон дар мавзеъҳои гуногун фикри худро гуногун баён кардаанд.

Дар натиҷаи таҳлили маводи дастрасгардида мо ба хулосае омадем, ки биосфера он қабати табақаи географӣ мебошад, ки мавҷудоти зинда, имконияти бурдани ҳаётро дошта, шароит ва ҳудуди паҳншавии он хеле фарохтар аз онест, ки мо мепиндорем. Зеро имрӯз аз таркиби газ ва нефте, ки аз чуқуриҳои 5-6 км истеҳсол мегардад, бактерияҳои анэробии қобили ҳаёт ёфт шудаанд. Дар таркиби ҷисмҳое, ки аз танӯраи оташини газии “Дарвозаи дӯзах” дар Туркманистон, ки ҳарораташ 2800-3500 дараҷа аст, баъзе бактерияҳои қобили ҳаёт мушоҳида гардидаанд. Ин далелҳо имконият медиҳад хулосабарорӣ намоем, ки чунин мавҷуди зинда дар қабатҳои болоии атмосфера зинда монда метавонад.

Тамоми мавҷуди зинда, аз хурдтарин микроорганизм то бузургтарин ҳайвоноту растанӣ муҳити махсуси зисти худро дорад, ки бо шароити хоси худ фарқ карда меистад. Ин муҳит бо мавҷуди зинда доимо дар ҳолати додугирифт ва таъсири мутақобила қарор дошта, ҳамдигарро дигаргун карда меистанд. Яъне тибқи қонуниятҳои диалектикии маърифат, табиату ҷамъият бо таври доимӣ дар ҳолати ташаккул, инкишоф ва таҳаввул қарор дошта, дигаргун мешаванд. Ба омӯзиши он, соҳаҳои гуногуни фалсафа, дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ, илмҳои заминшиносӣ ва биологӣ машғуланд. Дар аксари маводи мавриди таҳлил қарордодаи мо илми ба омӯзиши проблемаи зикргардида экология, ҳамчун як шохаи илми биология шарҳ ёфтааст.

«Экология илмест, ки аз як тараф муносибати дохилии ҳайвоноту набототу микроорганизмҳоро ва аз тарафи дигар, муносибати ҳамаи онҳоро бо муҳит таҳлил ва таҳқиқ мекунад» [106].

Истилоҳи “экология” аз калимаҳои юнонии “oikos” ба маънии маскан, зистгоҳ, манзил ва “logos” илм, фан ё таълимот аст. Экология соҳаи илмест, ки муносибати организмҳои зиндаро байни худ бо муҳити сукунат, инчунин муносибати инсонро бо биосфера меомӯзад. Ин истилоҳ дар соли 1866 тавассути олим ва табиатшиноси олмонӣ Эрнест

Геккел (1834-1919) дар корбурдҳои илмӣ муаррифӣ шуд. Ин истилоҳ ҳамчун фикри комилан ҷадиде дар Аврупо он замон матраҳ шуд. Вай мавзуи таҳқиқоти экологиро робитаи мавҷудоти зинда бо муҳит донист. Популятсияи организмҳо, намудҳо, ҷамоатҳо, экосистемаҳо ва умуман биосфера мавзуи тадқиқоти экология мебошад.

Аммо дар илми муосир мафҳуми "экология" фақат бо аҳамияти биологӣ маҳдуд намешавад. Дар робита бо ҷомеа ва инсонҳо ҷанбаи биологии ин мафҳум бо омилҳои иҷтимоӣ, муҳитӣ, техникӣ ва беҳдоштии зиндагии инсонҳо мушаххас мешавад. Бинобар ин, ҳамон тавр, ки қаблан гуфта шуд, экология ба намудҳои иҷтимоӣ, техникӣ ва тиббӣ ҷудо мешавад, ки ҳамроҳ бо экологияи системаҳои табиӣ як экологияи пурраро ташкил медиҳанд. Он ҳамчун барнома барои эҷоди як стратегияи муштарак барои рафтори инсон дар табиат тарроҳӣ шудааст.

Дар марҳилаҳои аввал инкишофи экологияи муҳити зист бо дарназар гирифтани таъсири шахс он ва фаъолияти иқтисодии ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Қаблан дар қарни XIX робитаи мустаҳками табиат ва инсонро дар тамоми марҳилаҳои ташаккул ва пешрафти инсоният қайд кардаанд: "Ба моҳияти табиати атроф таъсир расонда, ӯ (инсон) дар айни ҳол моҳияти табиати худро тағйир медиҳад" [110].

Андешаҳои мутараққии педагогӣ ба нақши табиат дар ташаккули шахсият то ҳадде муқаррар мекунад, ки назарияи Карл Маркс бар ин асос ёфтааст, ки "зиндагии маънавии шахс бо табиат пайванди ногусастанӣ дорад" [110] ва ҳамчунин формулаи вай: "нигариши ман ба муҳити ман огоҳии ман аст" саҳеҳияти комил дорад [110].

Таваҷҷуҳи бештар ба табиат мутафаккирони барҷаста, аз қабили Дюрер, Ж. Бюффон, Гёте, Дидро, Ш. Монтескё, ҳамчунин педагогҳои барҷаста Спенсер, В.Ф. Оденевский, К.Д. Ушинский, Е.И. Тихеев, Л.К. Шлягер, С.Т. Шатский ва Н.И. Крупскаяро бетараф нагузоштааст.

Масалан, Ж. Бюффон дар китоби машҳури худ “Таърихи табиат” фикрҳои ҷолиби қабулро доир ба тағйирёбии намудҳо таҳти таъсири муҳит пешниҳод кардааст. Мутафаккир Шарл Монтескё бошад усулҳои таълиму тарбияи экологиро муайян карда, ду ақидаро пешниҳод мекунад: “лозим аст дар мавриди табиат ва ҷомеа маълумоти ҷолиб баён шавад, ки тавассути он инсон ахлоқи солеҳро аз худ карда, барои худ иқдомоти солеҳро интихоб кунад; табиатро эҳсос карда, чизҳои муфидро аз он барояш ҷамъ оварад, то минбаъд битавонад ба он пайравӣ дошта бошад” [136].

Дар ибтидои асри XX дар Россия барномаи илмҳои табиӣ барои синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёна тасдиқ шуда буд, ки тавассути олими рус Кайгородов Д.Н. таълиф шудааст. Ин барнома на бо мавзуъҳои илмҳои табиӣ, ба мисли ботаника, зоология ва ғайра, балки дар “ҳамзистӣ дар табиат”, яъне дар маҷмааҳои табиӣ: ҷангал, боғ, чаманзор, ҳавз, дарё ва ғайра таҳия шуда буд. Омӯзиши ҳар як “ҳамзистгоҳ” аз ҷониби синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии миёна мавриди баррасӣ қарор гирифт. Талабагон ночор буданд дунёи наботот ва муҳити номаҳдудро фақат дар робита бо фаслҳои сол мутолиа кунанд (аввалин бор низоми мавсимӣ муаррифӣ шуда буд) ва фақат аз тариқи сафарҳои майдонӣ, аз онҷо, ки табиат мебоист ба таври зинда, зебо, воқеӣ мавриди омӯзиш қарор гирад, на ба таври шиносоӣ дар гербария ва маҷмуаҳо.

Ҳадафи омӯзиши ин фанни таълимӣ огоҳӣ ёфтан аз қонунҳои шигифтангез дар зоти он “қудрати бузург” аст, ки бо он ҳама чиз дар табиат ва кулли ҷаҳон эҷод ва идора мешавад [85].

Яке аз пайравони Кайгородов Д.Н., педагог ва табиатшиноси рус Половцов В.В. дар асари худ “Усулҳои равиши шинохти умумии илмҳои табиӣ” (соли 1907) “методи биологӣ” - и омӯзиши илмҳои табииро матраҳ кард. Моҳияти он дар ин воқеият нуҳуфтааст, ки дар раванди ошноӣ бо падидаҳои табиат бояд робитаҳое, ки дар ихтиёри талабагон

дар як синнусоли муайян қарор мегиранд, вуҷуд дошта бошад ва он дар табиат вуҷуд дошта, барои мушоҳидаи мустақим қобили дастрасӣ аст. Вай чунин шарҳ дод: «....бояд сабки зиндагӣ дар робита бо муҳити зист мавриди омӯзиш қарор гирад. Ҳангоми омӯзиши табиат наметавон худро дар тавсифи содаи ашё маҳдуд кард ва лозим аст, ки робитаҳои байни ашё кашф шавад. Ворид шудани “методи биологӣ”-ро дар илми табиатшиносии таълимӣ метавон ибтидои омӯзиши маърифат ва таълиму тарбияи экологии талабагон ҳисобид» [141].

Истилоҳи “экологияро” М. Саидов, К. Исоев, А. Давлатов ва Ҳ. Саидов [151], ҳамчун илм доир ба таҳқиқи қонунҳои инкишофу фаъолияти набототу ҳайвонот ва микроорганизмҳо дар шароити табиӣ бо назардошти таъсири омилҳои антропогенӣ номидаанд.

М. Саидов кайд мекунад, ки «экология яке аз соҳаҳои илми биология буда, муносибати мавҷудоти зиндаро байни ҳамдигар ва ба муҳити зист, ҳамчунин таъсироти гуногунҷабҳаи муносибати инсонро бо биосфера меомӯзад [152].

Ҳамзамон қайд мекунад, ки “Экология (аз калимаҳои юнонии ojkos – хона, манзил, ҷои зист ва logos – илм, фан ё таълимот) – соҳаи илмиест, ки муносибати организмҳои зиндаро байни худ ва бо муҳити сукунат, инчунин муносибати инсонро бо биосфера меомузад.

Раҳимов М. ва Эргашев А. дар китобашон “Экологияи умумӣ” айнан ҳамин тавсифи М. Саидовро овардаанд [148].

Экология илме мебошад, ки муносибати байниҳамдигарии организмҳои зиндаро дар ҳамбастагӣ бо муҳити атроф мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ин шарҳе мебошад, ки Забиров Р.Ф. дар китоби Экология овардааст [62].

Таҳлили адабиёти илмӣ моро ба ин хулоса овард, ки муҳақиқон экологияро сирф аз нуқтаи назари биологӣ баҳогузорӣ ва тавсиф намуда, онро шохаи илми биология номидаанд, ки мо ба ин нуқтаи назар розӣ шуда наметавонем. Аз назари аввал ҳеҷ ҷои инкор намудан нест, ки

объекти омӯзиши он мавҷуди зинда мебошад ва онро аслан биология меомӯзад. Вале тарафи дигари масъаларо набояд нодида гирифт ва ё ба он сатҳан назар кард, ки мавҷудияти олами зинда бе табиати ғайризинда, омилҳои табиӣ, ки новобаста аз олами зинда буда метавонад, имконнопазир мебошад. Вобаста ба қонуниятҳои табиӣ, физикию химиявӣ инкишофи олами зинда сурат мегирад. Инак таъсири андаке мавҷуди зинда ба қонуниятҳои ҳодисаҳои табиӣ расонид, ки офату хатарҳои азиме ба мисли бӯҳронҳои глобалии экологӣ ба миён омад. Ва мавҷуди зинда оҷизии худро танҳо дар як дараҷа тағйир ёфтани ҳарорати атмосфераи замин ҳис намуд.

Пас мо ба хулосае омадем, ки мавриди баҳси экология масъалаҳое қарор мегиранд, ки ба омӯзиши пеш аз ҳама оқибатҳои фаъолияти инсон дар табиат, ки ҳадафмандона бе назардошти манфиати умумибиологӣ, ландшафтсозии ғайри қобили таҳаммули дигар мавҷудоти зинда бошад. Зеро ба қавли Фирдавсии бузург:

Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду, ҷони ширинш хуш аст.

Ва ё чуноне, ки Саъдӣ мефармояд:

Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Намонад, дигар узвҳоро қарор.

Чун мо танҳо як узви ин ҷомеаи мавҷудоти зинда ба шумор меравем, дар ҳоле, “ки дар офариниш зи як ҷавҳарем”, бояд ҳатман дарки он кунем, ки халалдор гардидани қонуниятҳои ин “ҷавҳар”-и асли, табиати сайёраи замин боиси пеш аз ҳама ба дард омадани узве мегардад, ки ҳассосияти баланд дорад ва ин узви ҷомеаи биологӣ пеш аз ҳама худи инсон ба шумор меравад. Чуноне, ки зикр гардид пеши роҳи бӯҳрони экологии глобалиро ҳеҷ гуна чорабиние: на иқтисодӣ на фарҳангӣ на ҳарбӣ гирифта наметавонад, магар ки баланд бардоштани маърифату фарҳанги экологию ҳифзи табиати аҳолӣ. Ва ин амалро аз синни хурди кӯдакӣ, аз замони то ба мактаб омадани кӯдак сар кардан

зарур аст. Дар мактаб бояд тамоми раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ ҷанбаи экологие дар худ дошта бошанд.

Аммо ҳалли мушкилоти таълиму тарбия ва ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳои дарсӣ ва машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ бидуни омӯзиши таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои инкишофи фанни экология ғайримумкин аст. Таълиму тарбияи экологӣ ба монанди дигар ҷанбаҳои дидгоҳҳои омӯзишӣ таърихи нисбатан қадимтар дорад ва бахши ҷудоинопазири таърихи рушди инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлили тамоми ҷанбаъхои проблемаи фарҳанги экологӣ нишон дод, ки ташаккулёбии он бисёр мураккаб ва марҳиланок гузашта дар адабиёти соҳавӣ гуногунранг ва гуногунмазмун шарҳ ёфтааст.

Аз мавқеи назариявӣ фарҳанги экологӣ ҳамчун таълимот ва системаи донишҳо оид ба қонуниятҳои инкишофи табиат ва тафаккури ҷамъиятӣ дар солҳои 70-уми асри 20 зуҳур намудааст. Ин зуҳурот ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ-озмоишӣ санҷида шуда бошад ҳам, то ба ҳол шарҳи пурра ва таърифи ягонаи худро наёфтааст.

Мафҳуми фарҳанги экологӣ аз тарафи доктори илмҳои педагогӣ Игнатьева В.А. ҳамчун ҷузъи фарҳанги инсоният, ки ифодакунанда ва ба меъёр дароварандаи муносибатҳои инсон дар тамоми намудҳои фаъолиятҳояш мебошад, шарҳ дода шудааст. Ҳамзамон дар омӯзиши проблемаҳои ҳамбастагӣ ва алоқамандиҳои фаъолиятҳо ва ҳаёти инсонҳо бо табиат таҳқиқоти Моисеев Н.Н. [27], Урсула А.Д. [178], Данилова М.А. [50] ва диг. бахшида шудаанд.

Гарчанде, ки таҳқиқотҳои илмӣ иҷро шуда бошанд ҳам яке аз аввалинҳо шуда проблемаи фарҳанги экологиро В.И. Вернадский дарк ва мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода буд. Вернадский В.И. консепсияи ҳамбастагиҳои биосфера ва ноосфераро таҳия намуда гуфта буд, ки инкишофи минбаъдаи табиат ва инсоният бояд дар заминаи коэволютсия, - ягонагӣ ва бо назардошти манфиатҳои умум – сурат гирад [37].

Ташаккулёбии фарҳанги экологӣ дар натиҷаи тарбияи ҳадафмандонаи насли инсонӣ оид ба дарки бошууронаи қонуниятҳои инкишофи табиат, муҳити зист, муносибати эҳтиёткорона ва боэҳтиромона ба табиат, ҳифзи сарватҳо ва унсурҳои он, оқилона истифодабарии сарватҳо ва боигариҳои он ва дар зиёд гардонидани ин сарватҳо саҳми арзанда гузоштан мебошад.

Мафҳуми фарҳанги экологиро бошад, ба доираи истифодаи илмӣ Л.Н. Коган ворид намудааст. Ӯ фарҳанги экологиро, ҳамчун «ҳамбастагии инкишофи маданӣ-ахлоқӣ ва табиии тамаддуни инсонӣ» тавсиф намудааст [88].

Ба ақидаи ӯ, фарҳанги экологӣ ин ҷузъи фарҳанги умумиинсонӣ буда, дар маҳорату малака ва таҷрибаҳои ҳаётие таҷассум меёбад, ки аз насл ба насл дода шуда, ҳамчунин ташаккулёбии самараи арзишҳо, меъёрҳо, андешаҳо ва анъанаҳо ба шумор меравад.

Дар адабиёти илмӣ шарҳҳои дигари фарҳанги экологӣ низ вомехӯранд. Чуноне, ки Воедилова И.А. зикр менамояд, «фарҳанги экологӣ таҷассумгари ҳамбастагиҳои томи меъёрҳо, андешаҳо ва хулосаҳое мебошад, ки дар муносибатҳои ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва шахсият ба табиат таҷассум меёбад» [38].

Жиркова В.И. фарҳанги экологиро ҳамчун андешаҳои устувори муносибатҳои ғамхорона бо табиати атроф номидааст, ки дар тафаккур ва фаъолияти ҳар як шахсият зоҳир мегардад.

Таҳти мафҳуми фарҳанги экологӣ, Кривощеева Е.С. [91], маълумоти мураккаби шахсӣ, ки масъулиятнокиро нисбат ба ҳолати табиати атроф, андеша ва хулосаҳои шахсии экологӣ, таҷриба аз фаъолиятҳояш дар самти омӯзиш, ҳифзи табиат ва системаи мафҳумҳои илмиро доир ба проблемаҳои экологии муосир тавсиф намудааст [91].

Ба ақидаи Ермолаева П.О. [58] бошад, таҳти мафҳуми фарҳанги экологӣ бояд ҷиҳати махсуси фарҳанги умумии ҷомеаро фаҳмид, ки воситаҳои некназаронаи муносибатҳои ҷамъияти инсониро бо муҳити

табиӣ ифода карда, фаъолиятҳои амалии мақсаднокеро дар самти беҳдошти муҳити зист дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, дар замони муосир мафҳуми фарҳанги экологӣ таърифи ягона ва мушаххаси худро надошта бошад ҳам, мазмунан қариб ҳамаи нуқтаҳои назар ба якдигар наздиканд.

Мо таҳти фарҳанги экологӣ шуури ягонаи экологиро мефаҳмем, ки дар ҳолатҳои равонӣ-психологӣ ва фаъолиятҳои амалии шахсият таҷассум меёбад. Мо фарҳанги экологиро таҳқиқ намуда, дар он аломатҳои зеринро дарёфтем:

– мавҷудияти маълумот ва шуури экологӣ, кӯшидан дар ҷодаи ҳифз ва беҳдошти муҳити табиӣ, ки сабаби мавҷудияти ҳаёт ва махсусан инсоният мебошад;

– қобилияти истифода намудани донишҳои экологӣ дар амал ва ҳаёти ҳамарӯза;

– маҳорати дарк ва дарёфти проблемаи экологии ба миёномада ва ҷустани роҳҳои ҳал ва бартарафнамоии он.

Зикр намудан ба маврид аст, ки фарҳанги экологӣ миллӣ ва ё қавмӣ набуда, сарҳаду забон надорад ва метавон гуфт, ки он умумибашарӣ аст. Зеро ҳеҷ як халқият ва ё миллате бе табиат ва муносибатҳои мутақобилае бо табиат вуҷуд дошта наметавонад ва проблемаи экологӣ проблемае нест, ки дар як минтақа зуҳур карда ба дигар минтақа бетаъсир монад. Он фарҳанге мебошад, ки хусусияти умумибашарӣ дошта, дар тӯли таърихи мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ ташаккул ва омезиш ёфта, дар фаъолияти меҳнатию фарҳангии ҳар як халқият зоҳир мешавад.

Дар асоси ақидаҳои олимон ва таҳлилҳои худ мо ба хулосае омадем, ки фарҳанги экологиро ба ду навъ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Фарҳанги экологие, ки дар заминаи анъанаҳои қавмию миллӣ ва маҳалӣ ташаккул ёфта, аз насл ба насл гузашта, ҷанбаи маҳаллӣ дорад;

2. Фарҳанги экологие, ки дар заминаи синтези маданиятҳои ҳифзитабиатии умумибашарӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ ҳадафмандона дар шароити махсус ташкил гардида, ташаккул меёбад.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар Тоҷикистон мардум асосан ба фарҳанги экологии типи якум такя намуда, аксари мардум аз ҳолати ногувори экологии минтақаҳои ҳамшафат ва ё сайёравӣ бехабаранд.

Ҳамчунин натиҷаи омӯзиш нишон дод, ки:

– муҳити табиӣ аз тарафи инсон ҳамчун шароити мусоиди ҳаётӣ, ҷои зист дарк карда мешавад на ҳамчун арзиши томи мустақил, ки танҳо як ҷузъи он ба шумор меравем;

– вазъи муҳити зист аз ҳолати равонии бошандагони он вобаста мебошад;

– талабот ба муҳити зист танҳо аз хостаҳои шахсии инсонҳо иборат аст, манфиати дигар бошандагони он ба назар гирифта намешавад;

– гуногунрангии табииро инсоният ҳеҷ қабул накарда истодааст, танҳо овора аз паи ниёзу хостаҳои худ мегардад;

– дарки экология ва проблемаҳои экологӣ характери ибтидоӣ дорад.

– шумораи беҳад ками пурсидашудагон (2,3%) дорои навъи фарҳанги экологии умумибашарӣ мебошанд.

Ҳамин тавр мо, ба хулосае омадем, ки барои ҷамъияти муосир фарҳанги экологие хос аст, ки муҳити табиӣ ҳамчун муҳити қулай ва барои зист мусоид қабул гардида, хислати экосентризмиашро болотар мегузорад [38].

Маҳз ҳамин экосентризми инсон нисбати табиат мебошад, ки арзишҳои истеъмолии худро болотар аз ҳамаи унсурҳо ва бошандагони муҳити зист гузошта, боиси ғолиб омадани нафсу эҳсосот бар ақл, паст гардидани арзишҳои ахлоқию равонӣ ва ғояҳои инсони комил гардида,

ба ташаккулёбии хислатҳои зараррасонию муфтхуриаш сабаб гардидааст.

Натиҷаи инро мо дар муносибати беҳиссона, бетафовутона, бемасъулиятона ва бадахлоқона, бераҳмона ва ноокилона ба табиат мушоҳида менамоем.

Аз ҳамин сабаб, зарурате ба миён омад, ки низоми муайян ва ҳадафноки таҳсилоти экологӣ ба миён ояд, то ин ки таҳти таъсири чорабиниҳои махсус ташкилгардидаи таълимию тарбиявӣ дар инсон аз синни хурдӣ таҳсилоти фарҳанги экологиро ташаккул дода, дар дигар зинаҳои таҳсилот онро боз ҳам баланд бардорем.

Бо ин мақсад, аз синни хурдӣ дар кӯдак ташаккул додани хислатҳои муносибати бовиҷдонона, ғамхорона, масъулиятнокона ба табиатро ташаккул ва тарбия додан лозим аст, то ки аз муносибати ғоратгарона нисбат ба сарватҳои табиат ва олуданамоии муҳити географӣ даст кашем [60]. Яъне ҳалли масъалаҳои экологии ба миёномада дар масштаби умумисайёравӣ бе тағйир додани шуури экологии мавҷудаи аҳолӣ ғайриимкон аст.

Фарҳанги экологӣ категорияи шоханок буда, аз ҷузъиёти зиёд иборат мебошад. Айни замон, дар байни муҳаққиқони соҳа фикру ақидаи ягонае дар бораи тавсифоти он дида нашавад ҳам, мазмунан фикрҳо ба якдигар наздиканд ва ё пурракунанда ва тақвиятбахшандаи ҳамдигар ба шумор мераванд.

Дар сохтори фарҳанги экологии башариятро ба 4 ҷузъиёт ҷудо мекунанд.

Ба гурӯҳи якум дохил мешаванд:

- фарҳанги экологии когнитивӣ;
- фарҳанги экологии эстетикӣ;
- фарҳанги экологии тафаккури арзишӣ,
- фарҳанги экологии амалӣ.

Аз шумораи боло ҳар якеаш дар марҳилаҳои гуногуни синнусолии шахсият бартарӣ пайдо карда, дар ташаккули шахсият таъсиргузор мешаванд.

Ба ҷузъиёти гурӯҳи дуюми фарҳанги экологӣ доҳил мешаванд:

– муҳабат ба табиат ва проблемаҳои ҳифзи он;

– ҳосил намудани донишҳо оид ба табиат ва ва роҳҳои ҳифзу инкишофи устувори он;

– фаъолияти бошууронаи экологӣ дар муҳити табиӣ;

– нишон додани падидаҳои ахлоқӣ ва зебоипарастӣ дар муносибат бо табиат;

– омилҳои барангезандаи рафтор ва фаъолияти шахсият дар ҳифзи табиати атроф.

Кашлев С.С. бошад, дар сохтори фарҳанги экологии шахсият ҷузъиёти зеринро ҷудо менамояд [86]:

1) Барангезанда: низоми муайяни фаъолияти экологӣ, рафтори инсон дар табиат;

2) Аксиологӣ: фаъолиятҳо ва тафаккури арзишманди инсон, дарки фардии арзиши ҳаматарафаи табиат барои ҷамъият ва шахсият (иқтисодӣ, хоҷагидорӣ, сиёсӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғ.), ҳамчун арзиши умумибашарӣ;

3) Гностикӣ: системаи донишҳои илмӣ ва эмперикӣ оид ба табиат ва ҷузъиёти он, шинохтани худ ҳамчун як ҷузъи таркибии табиат, алоқаи мутақобилаи инсон ва табиат, шахсият, донишҳои экологӣ, экологияи иҷтимоӣ, ҳифзи табиат, маҷмуи малакаҳои таҳқиқотӣ, омӯзиши табиат, оқибатҳои таъсири инсон ба табиат;

4) Этикӣ (меъёрӣ): системаи меъёр ва қоидаҳои рафтор ва фаъолият дар табиат, ҳамбастагӣ бо табиат;

5) Фаъолияти амалӣ: системаи маҳорати экологӣ, маҳорату малакаҳои амалии экологии фард, доштани қобилият, метод ва роҳҳои технологии таъсиррасонӣ ба табиат;

6) Эҳсосотӣ-иродавӣ: ҳассосияти баланди фард ба табиат, таҷрибаи бойи ҳамбастагӣ бо табиат, иродаи мустаҳками шахсӣ дар ҳалли мушкилиҳои экологии ба миёномада [86].

Кривошеева Е.С. [91] ба ҷузъиёти зерини аҳамиятноки фарҳанги экологӣ, ки имкон медиҳанд шахсият худашро ҳамчун яке аз элементҳои табиат эҳсос карда, масъулият ҳис намояд, диққати ҷиддӣ додааст. Масъулияти экологӣ сатҳи баланди шуури экологиро талаб мекунад. Фарҳанги экологӣ на танҳо маънои мусаллаҳ гаштан бо донишҳои экологиро дорад, балки дар натиҷаи он ҷаҳони ботинии шахсият ба куллӣ дигар мегардад.

Дар заминаи масъулияти экологӣ, муносибати хайрхоҳона ва масъулонаи одамон ба табиат ташаккул меёбад, ки таҳкурсии он донишҳои экологӣ ба шумор мераванд. Масъулияти экологӣ ин муносибати дӯстдорона ва хайрхоҳона ба табиат набуда, балки дар асоси он муносибате меистад, ки вазифаи иҷрои он ҳатмӣ ва ҳисси ҷавобгарӣ барои ҳар як амали иҷрогардида дар табиат меистад.

Лихачев Б.Т. [105] чунин мешуморад, ки шуури тараққикардаи ягонаи экологии ҷамъиятиро ҳамчун фарҳанги экологӣ шуморидан мумкин аст. Ӯ зикр менамояд, ки шуури экологӣ дар худ зарурияти муҳофизат намудани табиат ва дарки натиҷаи ҳар як амалиёти худ дар табиатро таҷассум менамояд. Меъёр ва қоидаҳои ахлоқӣ низ дар баробари фаъолият дар табиат ташаккул меёбанд.

Дар алоқаманди бо ин Кривошеева Е.С. [91] чунин меҳисобад, ки арзишҳои экологӣ, нисбат ба арзишҳои иҷтимоӣ, истеъмолӣ ва иқтисодӣ мавқеи дуюминдараҷа дошта, мувозинати табииро халалдор намуда истодааст. Дар ин ҷо сухан дар бораи бартарӣ додан ба инсон ва табиат нарафта, зарурияти таҳияи системае мебошад, ки дар он унсурҳои алоҳида нисбати якдигар бартарият надошта, балки тақвиятбахшанда ва пурракунандаи якдигар ба шумор мераванд. Барои дар оянда инкишофи устувори ҷомеаи инсониро таъмин намудан, бояд мувозинати табииро

халалдор накарда, экология ва этика масири инкишофи онро нарму ҳамвор гардонанд [91].

Ҳамин тавр, мо ба хулосае омадем, ки мазмуни фарҳанги экологӣ дар заминаи омилҳои зерин ташаккул меёбад:

1) Сатҳи донишҳои экологӣ;

2) Сатҳи шуури экологӣ ва рафтор дар табиат;

3) Таҷрибаи амалӣ ва маҳорату малакаҳои ҳифзитабиатӣ. Сохтори онро дар ҷадвали зерин дидан мумкин аст:

**Ҷадвали №1.**

Сохтори таркибии фарҳанги экологӣ

| № | ОМИЛҲО | ТАРКИБИ ОМИЛҲО |
|---|---|---|
| 1. | Сатҳи донишҳои экологӣ | Донишҳо дар бораи табиат ва қоидаҳои муносибатҳои мутақобилаи инсон-табиат-ҷомеа |
| 2. | Сатҳи шуури экологӣ ва рафтор дар табиат | Андешаҳо, назарҳо, арзишҳо, муносибати ахлоқӣ-зебоипарастӣ ба табиат, муҳаббат ба табиат, масъулиятнокӣ. |
| 3. | Таҷрибаи амалӣ ва маҳорату малакаҳои ҳифзитабиатӣ | Ахборотӣ, таълимӣ-таҳқиқотӣ, ҳифзитабиатӣ, равшаннамоӣ. Маҳорату малакаҳои ҳифзи табиат |

Маҳз ҳамин ҳамбастагии се ҷузъ – дониш, арзишҳо ва фаъолият – муайянкунандаи асосии ташаккулёбии фарҳанги экологӣ ба шумор мераванд.

Чуноне, ки Левин В.А. қайд мекунад одамоне, ки дар онҳо фарҳанги экологӣ ташаккул наёфтааст, метавонанд донишҳои муайянеро соҳиб шаванд, вале онҳоро дуруст истифода бурда наметавонанд. Яъне фарҳанги экологӣ, шуури экологӣ ва рафтори экологиро дар бар мегиранд.

Рафтори экологӣ, ҳамбастагии амалҳои мушаххас ва фаъолиятҳои одамон мебошад, ки бевосита ва ё бо воситаи чизе ба муҳити табиат

таъсир расонида мешавад ва ба истифодаи сарватҳои табиат нигаронида шудааст.

Дар навбати худ, рафтори экологиро хусусиятҳои шуури экологӣ ва маҳоратҳои асосии амалии ҳифзитабиатӣ муайян мекунад, ки дар ин ҳолат шуури экологӣ ҳамбастагиҳои тасаввуротҳои экологӣ ва ҳифзитабиатӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва муносибатҳои некбинона ба табиат ва дурнамои фаъолиятҳои экологиро ифода мекунад.

Нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули фарҳанги экологӣ инҳоанд: муносибати хештаншиносӣ, муносибат бо ҷомеа ва муносибат бо табиат (муҳити зист). Ҳамзамон се гурӯҳи меъёрҳои ташаккули фарҳанги экологиро ҷудо намудан мумкин аст:

– масъулияти экологӣ;
– меъёрҳои функсионалӣ;
– меъёрҳои сохторӣ.

Ҳамин тавр фарҳанги экологӣ сифати интегралӣ дошта, аз хосиятҳои муҳими шахсият, ки ифодакунандаи дараҷаи тайёрии психологӣ, назариявӣ ва амалии фаъолиятҳои масъулиятшиносона дар табиат ва муҳити зист мебошад, тавсиф дода мешавад [138].

Мазмуни фарҳанги экологиро ҷузъҳои зерин ташкил медиҳанд:

А) зеҳнӣ (сатҳи дониш);

Б) Арзишмандӣ (сатҳи шуур, рафтор дар табиат);

В) Фаъолиятӣ (маҳорату малакаҳои амалӣ, ки барои фаъолиятҳои ҳифзитабиатӣ заруранд.

Яъне ба хулосае омадан мумкин аст, ки маърифати экологӣ категорияест, ки метавонад берун аз раванди таълиму тарбия, бо таври ғаризавӣ (инстинктӣ) ташаккул ёбад ва ҳам онро метавон ҳадафмандона дар рафти фаъолиятҳои махсус тарҳрезигардидаи таълимӣ-тарбиявӣ ҳосил кунонид. Зверев И.Д. қайд менамояд: “Маърифати экологӣ метавонад ҳамчун як унсур аз таҳсилоти умумӣ, ки бо фаро гифтани асосҳои илмии муносибати табиат ва ҷомеа аз ҷониби талабагон

алоқаманд аст, дар назар гирифта шавад. Ҳадаф аз маърифат ва таълиму тарбияи экологӣ ташкил намудани як низоми донишҳои илмӣ, нуқтаи назар ва ақидаҳо аст, ки аз эҷод гардидани тафаккури масъулонаи талабагон ба муҳити зист итминон медиҳад. Як нишондиҳанда аз таълиму тарбияи экологӣ метавонад ҳамчун иқдоми амалӣ дар робита бо муҳити табиӣ, ки мутобиқ бо ахлоқи инсонӣ аст, дар назар гирифта шавад. Бинобар ин, таълиму тарбияи экологӣ бо ҳадафи ташаккул додани маърифати экологӣ созгор аст” [77].

Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки маърифати экологӣ мушкилоти ҳар давраи хос ба таври давомнок ва густурда дар ҳоли тавсеа аст. Лозим ба зикр аст, ки экология ва ҳифзи муҳити зист як илми бисёрҷабҳа буда, бо география, биология, иқтисодиёт, тибб, ҳуқуқ, таърих, равоншиносӣ, педагогика ва фанҳои техникӣ пайванд аст. Аз як ҷиҳат ин илм талаботи ҷадидро барои ташаккулёбии шуури талабагон фароҳам оварда, аз тарафи дигар маърифати экологӣ, тафаккури экологӣ ва огоҳӣ аз муҳити зистро дар онҳо ривоҷ медиҳад.

Академик Зверев И.Д. менависад: “Тезутунд шудани мушкилоти муосири муносибати байни ҷомеа ва табиат бисёр корҳои навро барои мактаб ва маориф матраҳ кардааст, ки бо мақсади тарбияи насли наврас тарроҳӣ шудаанд ва ин метавонад таъсироти манфии байни инсон ва табиатро пешгирӣ кунад, ки дар оянда нисбат ба он боэҳтиёт рафтор мекунад. Комилан возеҳ аст, ки наметавон корро бо равшанфикрии талабагони мактаб дар заминаи ҳифзи табиат маҳдуд намуд. Кулли маҷмуаи мушкилоти масоили экологии мо андешаҳои файласуфонаи ҷадид, таҷдиди назари як силсила мавзуоти иҷтимоӣ-экологӣ, ҷустуҷӯҳои илмии тоза ва бозтоби комилтар ва пайдарҳамро аз моҳияти чандҷабҳагии фанни экология дар таълимоти мактабӣ талаб мекунад” [70].

Маърифати экологӣ дар худ маҷмуае аз арзишҳои фарҳангӣ ва ахлоқии инсониро таҷассум намуда, яке аз муҳимтарин василаҳои

мавқеъгирии иҷтимоии фард дар низоми таъсироти мутақобилаи инсон-табиат, инсон-ҷомеа ва инсон-ҷомеа-табиат ба ҳисоб меравад. Маърифати экологӣ шахсиятро ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳам дар дохил ва ҳам дар байни ҷомеа ва табиат мавриди назар қарор дода, ба сифати яке аз неруҳои таҳрикдиҳандаи инкишофи ҷамъият, илм ва фарҳангу маънавиёти мо хидмат мекунад.

Бояд таъкид кард, ки ташаккулёбии тафаккури экологӣ ва шаклгирии маърифати ахлоқӣ ногузир бо таълиму тарбияи экологии фард алоқаманд аст. Ҳангоми ташкил кардани таҳқиқот мо аз ин воқеият натиҷа мегирем, ки дарк, арзёбӣ, таҷрибаи эстетикӣ аз зиндагӣ ва табиат натанҳо як равиши муҳим барои барқарор шудани муносибати як фарди муосир бо табиат аст, балки як омили фаъоли пуртаъсир дар таълиму тарбияи ахлоқӣ, ташаккулёбии мавқеи инсонӣ ва фарҳангу рафтори ӯ мебошад. Таълиму тарбияи ахлоқӣ ва экологӣ ташаккулёбии ҷиҳатгирии талабагони муассисаҳои таълимиро ба фаъолияти экологӣ барангехта, фарҳанги экологии онҳоро ташаккул медиҳад.

## 1.2. Асосҳои педагогӣ ва дидактикии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ

Бомаром афзудани мушкилоти экологӣ дар байни ҷомеа ва табиат дар охирҳои асри XX ва оғози асри XXI барои муассисаҳои таълимӣ ва илми педагогика вазифаҳои нав эҷод кардааст. Аз ин рӯ, бояд фаъолияти соҳа тарзе тарҳрезӣ карда шавад, ки воқеан ба насли дар мактаб таҳсилкунанда, дар самти ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии онҳо кӯмак намуда, ба оқибатҳои таъсироти манфии экологӣ ғолиб омада, ин оқибатҳоро бартараф намояд.

Олимону муҳаққиқони бахши фанҳои умумибиологӣ, бахусус экологияи муосир кӯшиш ба харҷ медиҳанд аз бозсозии биосфера ба манфиати насли башар, ки манфиати якҷониба дорад, канорагирӣ намоянд. Дар айни ҳол, ҳифз ва барқароркунии манбаъҳои табиӣ дар вазъияти аслии онҳо аз назари экологӣ ғайримумкин аст. Густариши системаи ҳамл ва нақл, хушкшавии марғзорҳо, аз байн рафтани ҷангалҳо, афзоиши теъдоди шаҳрҳо, баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, хушкидани чашмаю дигар манбаъҳои оби нӯшокӣ, биёбоншавии минтақаҳои дашту доманакӯҳ муҳити зистро дар саҳнаи тағйироти ҷиддӣ қарор додааст.

Ин ҳолат дар ҷумҳурии мо, махсусан дар водии дарёи Панҷ намоён аст. Имрӯз воқеан таҳдиде аз нобудшавии манбаъҳои табиӣ дар мавзеъҳои афсонавии кишвар, ба мисли Бешаи Палангон, дараи Ромит, Варзоб, Сарихосор, Искандаркӯл, Сарез, Федченко (Хирсон) ва ғайра ба миён омадааст. Ба далели мушкилоти иқтисодӣ, камбудии маводи сӯхт ва масолеҳи сохтмонӣ мардум маҷбур ҳастанд ҷиҳати аз байн бурдани боигариҳои табиат саҳмгузор шаванд. Аз ҷангалҳои атроф дар ҳама ҷо ба ҳайси маводи сӯхт ва масолеҳи сохтмонӣ истифода мешавад, ки мутаассифона имрӯз мушкилоти мазкур роҳи ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санаду ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқиро марбут ба экология ва ҳифзи табиат қабул кардааст, ки ба рафъи воқеии мушкилот дар ин самт ва баланд бардоштани ҳисси масъулият ва маърифати шаҳрвандон барои ҳифзи табиат то як андоза мусоидат карда истодаанд.

Дар асоси имкониятҳои мавҷуда мо бояд пояҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии фарҳангу маърифати экологии насли наврасро ташаккул дода, нақши мактаб ва маорифро дар ташаккулдиҳии маърифати экологии толибилмон ва ҷаҳонбинии илмии онҳо исбот намоем. Дар раванди корҳои беруназсинфӣ табиат натанҳо ҳамчун, як муҳити модии

мавҷудияти инсон, балки ба унвони як муҳити маънавӣ низ дар назар гирифта мешавад, ки ба объектҳои тафаккури илмӣ ва бадеӣ ворид шуда, чун воситаи фаъолияти ҳаётии инсон хидмат менамояд. Зеро бидуни тавоноии тавсеаёфтаи идроки ахлоқӣ як дидгоҳи ҷомеъ ва фаҳмиши асосии як ашёи табиӣ ҳамчун падидаи эстетикӣ мушаххасан ба равиши хоси худ комил нест. Бидуни ин арзёбӣ саҳеҳии он ғайримумкин аст ва роҳи ҳалли бархе аз корҳои шинохтӣ, коргарӣ, эҷодкорона дар робита бо шахс аст.

Дар ин робита мо ба осори чунин педагогҳои машҳур,ба мисли Моисеев Н.Н., Урсул А.Д., Данилов М.А., Богданова Д.К., Зверева И.Д., Захлебный А.Н., Плешков А.А. ва дигарон такя намуда, таҳқиқоти худро коркард, тарҳрезӣ ва баррасӣ намудем.

Бинобар ин, дар ин таҳқиқоти мо ташаккулёбии маърифату фарҳанги экологӣ муҳтавои корҳои тарбиявӣ, меъёрҳои ташаккулёбӣ, мафҳумҳои асосӣ, арзишҳои экологӣ, ниёзҳои маъмулии ҷойдошта, фаъолиятҳои авлавиятдор, мавқеиятҳои тарбиявӣ, усулҳои оптималӣ, шаклҳо, василаҳо, технологияҳои тавлидӣ ва вижагиҳои хоси таълиму тарбияи экологӣ ба таври барҷаста нишон дода шудааст.

Бо вуҷуди зиёд будани асарҳои илмӣ дар мавриди баррасии фарҳанги экологӣ, паҳлӯҳҳои бисёри раванди ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ ва маърифати экологӣ ба андозаи кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Мушкилоти ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ ва маърифати фарҳанги экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ ниёз ба таҷдиди назар дорад.

Ба ақидаи муҳаққиқон Ж. Аллак, Т. Урсул, В.М. Зелинченко, В.А. Дмитриенко, А.Р. Луриа ва дигарон системаи омӯзиши навин ҳамчун механизме, ки қодир ба ташаккулдиҳии ҷаҳонбинӣ бошад, имрӯз дар ҳолати бӯҳрон қарор дорад. Модели системаи омӯзишии аз ҷониби Я.А. Коменский таҳияшуда, ки солҳои зиёд дар низоми таҳсилот ҷорӣ буд, иҷозат медод талабагонро бо донишҳои энсиклопедӣ омода кунанд,

аммо амалкарди системаи омӯзиширо то шаклгирии дониш ба маҳоратҳо маҳдуд кардааст. Карахтӣ ва маҳдудияти чунин системаи омӯзишӣ сабаб гардидааст, ки махсусиятҳои дунёи муосир ба таври зарурӣ омӯзиш намеёбад.

Чунин ба назар мерасад, ки мактаби оянда бояд барои рушди муносиби инсон ҳама чизеро, ки табиат медиҳад ва он чиро, ки инсон дар табиат метавонад, истифода барад, то табиат ба ӯ хидмат кунад. Танҳо аз ҳамин сабаб мо бояд захираҳои мавҷудаи табииро ҳифз ва барқарор кунем, гуфта буд В.А. Сухомлинский.

Инсоният ба давраи муҳими таърихии худ ворид шудааст. Дирӯз даҳшатноктарин калима - ҷанг буд ва имрӯз ҳамрадифи он фалокати экологиро фаҳмидан мумикин аст. Дирӯз, мо нишонаҳои ташвишовар ва таҳдидомезро ҳис кардем. Гарчанде, ки инсоният бо бисёр мушкилоти ҳалношуда рӯ ба рӯ аст, аммо экология яке аз муҳимтарини онҳост. Экология илми оянда буда, мавҷудияти инсон бевосита аз пешрафти ин илм вобаста аст.

Масоили экологӣ, характери глобалӣ пайдо карда, ба мушкилии тамоми инсоният табдил ёфтааст. Дар мамлакати мо, хатарноктарин падидаҳои он зуҳур карда истодааст. Зеро ватани мо таъминкунандаи минтақаи Осиёи Марказӣ бо оби ошомиданӣ буда, ҳаёту фаъолияти мардумони поёноб аз мушкилоти экологие, ки дар кӯҳистони мо ба амал меояд вобастагӣ дорад. Ва сабаби асосии ин бемасъулиятии куллии экологист, ки дар тӯли солҳои зиёд, махсусан сад соли охир ба вуҷуд омадааст ва мутаассифона, дар шароити имрӯза суръати зиёдтар касб намуда истодааст.

Ин суханонро ҳар рӯз аз воситаи ахбори омма, аз рӯзномаю маҷаллаҳо, радио ва телевизион, интернет хондану шунидан мумкин аст: "Боақлона рафтор кунед, мардум, ояндаи Замин дар хатар аст!" Аммо ин даъватҳо он қадар таъсирбахш нестанд. То он замоне, ки мо чизи асосиро дарк накунем: инсоният дар арафаи фалокати экологӣ қарор

дорад, ба он муҳити бехатар лозим аст, одам ба табиати зинда ва ғайризинда муносибати даррандавор намуда, боиси вайроншавии биосенозҳо ва ландшафтҳо гашта, ба ин васила табиати атрофро хароб мекунад.

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки мушкилоти экологӣ характери глобалӣ гирифтааст ва онро танҳо бо кӯшиши якҷояи тамоми башарият бартараф кардан мумкин аст.

Дар ҳалли ин масъала, нақши илми педагогика муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳангоми таҳия ва гузариш ба нақшаҳо ва барномаҳои нави таълимӣ, ки дар ҷумҳурии мо татбиқ карда мешаванд, масъалаҳои ҳамоҳангсозии робитаи ҷомеа бо муҳити зист, ташаккул ва инкишофи муносибати масъулиятнок ба он, тарбияи ҳисси табиатдӯстӣ, ташакули фаъолияти зебоипарастии кӯдакон, маърифатию фарҳанги экологӣ, табиатдӯстӣ ҳамчун гаҳвораи ҳастию зиндагӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар ин самт нақши машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ бағоят муҳим мебошад.

Яке аз вазифаи муҳиме, ки дар назди системаи таълим ва тарбияи муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истодааст, ин ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологӣ ва шуури экологии хонандагон маҳсуб меёбад.

Воситаҳои мубрами фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар мактаби муосир аз нигоҳи мо, аз инҳо иборат мебошад: мушоҳида, меҳнат дар табиат, маҳфилҳои фаннӣ, экскурсияҳо, озмоишҳою мушоҳидаҳои экологӣ ва манфиатҳои биологию экологӣ.

Аз пурсишҳои шифоҳӣ ва натиҷаи озмоишҳои педагогии дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронидаи мо маълум гардид, ки сатҳи маърифати экологиро на танҳо дар байни хонандагон

ва волидайни онҳо, балки дар умум дар байни омӯзгорон низ баланд бардоштан зарур аст. Мо ба хулосае омадем, ки пурзӯр намудани самтҳои фаъолгардонӣ ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ экологӣ проблемаи афзалиятнок дар фаъолияти педагогии мактаб ва омӯзгорону хонандагон буд ва боқӣ мемонад.

Таълими экологиякунонидашуда, мақсаднок ташаккул додани донишҳои мактаббачагон дар бораи асосҳои илмии таърихи табиат, маҳорат ва малакаҳои зарурӣ, принсипҳои ахлоқӣ ва мавқеи фаъоли ҳаётӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ фаҳмида мешавад.

Дар асоси ин, вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии таълими экологӣ аз синни хурди таҳсилот муайян карда шудаанд, ки ба инҳо дохил мешаванд:

– барангезонидани фаъолият ва таваҷҷуҳи мактаббачагони хурдсол ба чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ оид ба ҳифз ва беҳтар намудани муҳити зист;

– тарбияи эҳтиром ба табиат, қобилияти дидан ва дарки зебоии он,

ба низом даровардани донишҳо дар бораи муҳити зист;

рушди фаъолияти маърифатӣ, эҷодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷараёни фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатӣ;

тарбияи ҳисси эҳтиром ба табиати диёр.

Аз ин рӯ, ҳадафи фаъолгардонӣ, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз сикли фанҳои умумибиологӣ ҳифзу истифодаи оқилона ва афзун намудани сарватҳои табиати ватан нигаронида шудаанд. Бинобар ин, аз ҷониби толибилмон омӯхтану дарк кардани табиат, манбаи захираҳои табиӣ, ҳамчун муҳити зиндагии инсон, манбаи барқарорсозии қувва ва саломатии ӯ, объекти донишҳои илман асоснок оид ба қонунҳои табиат

ва истифодаи амалии онҳо зарур арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, машғулиятҳои беруназсинфии экологии хонандагон бояд бо ҳаёт ва инкишофи мустақилияти эҷодии онҳо алоқаи зич дошта бошад.

Тарбияи насли навраси аз ҷиҳати экологӣ донишманд яке аз омилҳое мебошад, ки нигоҳ доштани биосфераро дар сайёраи мо муайян карда, ҳамоҳангии тайёрии экологӣ, унсурҳои гуногуни табиати зинда ва ғайризиндаро барқарор мекунад.

Мактаббачагони хурдсол, ки барои дарки табиати атроф саъй мекунанд, дар синну соле мебошанд, ки барои ташаккули тасаввуроти ибтидоии экологие, ки дар раванди корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ ташаккул меёбанд, мувофиқат мекунад. Бояд қайд кард, ки шаклҳои чунин фаъолиятҳо хеле зиёданд - инҳо дарсҳои экология ва дарсҳои ҳамгирошудаи таърихи инкишофи табиат, олами атроф ва албатта шакли асосӣ корҳои беруназсинфӣ мебошад, зеро ин як шакли кори ихтиёрист.

Дар корҳои беруназсинфӣ хонандагон мустақилияти эҷодии худро нишон дода, дониши худро оид ба барномаи таълимии мактаб васеъ мекунанд. Чорабиниҳои беруназсинфӣ имкон медиҳанд, ки таъсири муташаккилона ва мақсадноки муаллим ба хонандагони хурдсол густариш дода шуда, вақти холии онҳоро ба таври оқилона ва самаранок гузаронида ба инкишофи шахсияташон таъсири мусбӣ расонида шавад. Қонеъ гардонидани ниёзҳои маърифатии онҳо ба омӯзиши амиқи табиат дар рафти ин чорабиниҳо низ амалӣ карда мешаванд. Аз ҷиҳати мундариҷа, шакли ташкил ва усулҳояшон корҳои беруназсинфӣ бениҳоят гуногунанд.

Ба қатори машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ чорабиниҳои зерин дохил мешаванд:

- ташкили гурӯҳҳои кӯдаконаи кабудизоркунӣ ва гулшинонӣ;
- гурӯҳҳои муҳофизони табиат;
- ҷамъияти дӯстдорони табиат;

- маҳфилҳои таърихӣ-кишваршиносӣ ва экологӣ;
- олимпиадаҳои фаннӣ;
- шабнишиниҳои экологӣ;
- конфронсҳои илмӣ-амалӣ;
- озмуну мубоҳисаҳо;
- бозиҳои шавқоварӣ экологӣ;
- идҳои экологӣ;
- намоишҳои табии экологӣ;
- намоиши расмҳои экологӣ;
- намоиши коллексияҳои экологӣ;
- гузаронидани шанбегиҳои экологӣ;

Дар ин қисмати рисолаи илмӣ мо мазмун, шакл, намудҳои чорабиниҳои беруназсинфие, ки ба ташаккули фаъолиятҳои экологӣ ҳифзитабиатии хонандагони синфҳои 5-9 мусоидат менамоянд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Экскурсияҳо ва сайругаштҳо дар табиат, ки дар раванди он кӯдакон наботот ва ҳайвонотро мушоҳида мекунанд, ба онҳо зебоии табиати ватани худ, беҳамтоии онро ошкор мекунанд. Дар баробари ин, кӯдакон таъсири беасоси зараровари инсонро ба табиат пай мебаранд. Нишон додани мавзеъҳои дар ҳолати табиӣ буда ва муқоиса намудани мавзеъҳое, ки инсон хароб намудааст зарур аст. Дар айни замон, тамоюли ташкили корҳои беруназсинфии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар гурӯҳҳои синну сол ва дараҷаи инкишофи психологиашон якхела ба назар мерасад. Ин дар заминаи қонуниятҳои психологии инкишоф асоснок карда шудааст, зеро ташкили гурӯҳҳои синну солашон якхела аҳамияти тарбиявӣ дошта, ба фароҳам овардани фазои мусоид ва ягонаи психологӣ дар коллективи хонандагон мусоидат карда, ба расонидани ёрии амалӣ мусоидат менамояд.

Хонандагони синфҳои 5 – 9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар дар чорабиниҳои оммавӣ (одатан якдафъаина ва эпизодӣ) иштирок мекунанд. Бояд ин чорабиниҳои умумимактабӣ ба ҷалби диққати хонандагон ба ҳама гуна масъалаҳои муҳими экологӣ равона карда шаванд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин чорабиниҳои экологиро оид ба ҳифзи табиат гузаронидан мумкин аст: даҳсолаи экология, пайраҳаҳои экологӣ, ҳафтаҳои экологӣ, Рӯзи Замин (22 апрел), олимпиадаҳои экологӣ, шабнишиниҳо, озмунҳо ва амсоли онҳо.

Дарсҳои инфиродӣ бо хонандагони алоҳида гузаронида мешаванд. Ин метавонад кор бо хонандагон еро, ки лоиҳаҳои экологиро иҷро мекунанд, супоришҳои таълимӣ ва таҳқиқотиро дар мавзуъҳои экологӣ иҷро кунанд. Чунин кор суҳбати инфиродиро талаб мекунад. Ҳадафи гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанни экология ин фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангии экологии хонандагон, ҷалби онҳо ба фаъолияти илмию эҷодӣ, таваҷҷуҳ ба касбҳои марбут ба экология, пурзӯр намудани тайёрии назариявӣ ва методии хонандагон, тарғиби роҳнамоии касбинтихобкунӣ ва омода намудани онҳо барои интихоби касб дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Баръакси маҳфилҳо, корҳои беруназсинфӣ бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошанд. Мазмуни онҳо бештар аз мантиқи мавзуъ, ба заминаи моддии муассисаи таълимӣ вобаста аст. Иштирок дар корҳои беруназсинфӣ барои хонандагони синфҳои 5 – 9 муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ ҳатмист. Ҳамаи маълумоти вобаста ба корҳои беруназсинфӣ дар журналҳои синфӣ бояд сабт карда шаванд.

Яке аз фаъолиятҳои экологие, ки ҳамчун чорабинии махсуси беруназмактабию беруназсинфӣ истифода кардан мумкин мебошад, ин туризми экологӣ аст. Агар амиқ назар кунем нерӯи ташаккулдиҳандаи

фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатии мактаббачагони хурдсол дар раванди ин фаъолият хеле қавӣ ба назар мерасад.

Туризми экологӣ – яке аз шаклҳои махсуси машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ буда, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегардад.

Истилоҳи "туризми экологӣ"-ро бори аввал соли 1980 иқтисоддони мексикоӣ Гектор Себаллос Ласкурия истифода кардааст. Ба ақидаи ӯ, туризми экологӣ маънои омезиши саёҳат ва эҳтиром ба табиатро дошта, ба шахсият имкон медиҳад, ки кайфияти тамошо ва омӯзиши намунаҳои олами наботот ва ҳайвонотро бо саҳмгузорӣ дар ҳифзи онҳо якҷоя намояд. Эҳтиёткорона муносибат намудан ба ашёи табиӣ мазмунан маънои туризми экологиро дорад.

Мушкилоти дарки моҳияти туризми экологӣ мутахассисони зиёдеро ба андешаронӣ водор намудааст. Мафҳуми "саёҳати экологӣ" якчанд тавсиф дорад:

– ҳама гуна шаклҳои туризм, ки ба ҷалб намудани ҳолати табиии экологии кишвар асос ёфтаанд;

– туризме, ки дар баробари саёҳат, гирифтани маълумотҳоеро дар бораи ҳифзи муҳити зист дар бар мегирад;

– сафар ба гӯшаҳои беназири табиат бо ҳадафҳои мушаххаси омӯзиши растаниҳо, ҳайвоноти нодир, намудҳои махсуси экосистема;

– саёҳате, ки метавонад робитаҳои мусбӣ байни туризм ва ҳифзи муҳити биологиро фароҳам орад.

Дар луғати истилоҳоти байналмилалии туристӣ, туризми экологӣ ҳамчун фаъолияти фароғатии инсон, ки дар рафти он ба муҳити атроф зарар намерасад, фаҳмида мешавад. Туризми экологиро ҳамчун фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади тамошо, омӯзиш ва ҳифзи ашёи мероси фарҳангиву табиии ҷаҳон фаҳмидан мумкин аст.

Дар айни замон, туризми экологӣ дар шакли фаъолиятҳои гуногуни алоқаманд ба таълими экологии расмӣ ё ғайрирасмӣ истифода мешавад. Ба он омӯзиши ёдгориҳои табиӣ (масалан, экскурсияҳое, ки муаллимон барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ғорҳои кӯҳи Хоҷа-Мӯъмин ташкил мекунанд), намудҳои гуногуни экспедитсияҳо ва саёҳатҳои экологӣ (масалан, иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар чорабиниҳои ҳифзи табиат) иборатанд. Таъсиси музейҳои таърихӣ-кишваршиносӣ, боздид аз корхонаҳои паррандапарварӣ, фермаҳои чорвопарварӣ, майдонҳои кишоварзӣ, инчунин иншооти обтозакуниро ба агротуризм, ки ҷузъи ҷудонашавандаи сайёҳии экологӣ мебошад, нисбат додан мумкин аст.

Дар чорабиниҳои марбут ба сайёҳии экологӣ, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият доранд, ки дониш, маҳорат ва малакаҳоеро, ки минбаъд дар зинаҳои болоии таҳсилот, дар омӯзиши география, физика, химия, биология, экология, таърихи кишвар ва адабиёт заруранд, ҳосил кунанд.

Туризми экологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки зарурати риояи қоидаҳои рафторро дар табиат дарк кунанд, инчунин бо қоидаҳои саёҳат ба табиат ошно шаванд. Туризми экологӣ қисми муҳими барномаи давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва тарбияи шаҳрвандони аз ҷиҳати экологӣ маърифатнок дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ба шумор меравад.

Чорабинии дигар, ки дар рафти он мушкилоти ҳифзи табиат ва барқарорнамоии ҳолати муътадили он баррасӣ мешаванд, ташкилу баргузории маҳфилҳо мебошад. Ҳамзамон, ташкили чорабиниҳо бахшида ба иду ҷашнвораҳое, ки дар онҳо мавзуи асосӣ ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти мактаббачагон, ташаккули мавқеи фаъоли ҳаёти онҳо, масъулият барои тақдири табиати ватани худ равона карда мешавад, ҷиҳати баланд бардоштани дониш ва фаҳмишҳои экологии шогирдон мусоидат менамояд. Номи идҳо гуногун буда метавонанд:

"Рӯзи табиат", "Фестивали паррандаҳо", "Иди махсуси ягон растанӣ ва ё ҳайвон" "Тоҷикистон – сарзамини табиати зинда".

Ба роҳ мондани суҳбату вохӯриҳо, ҷалби мутахассисон барои хондани лексияҳои мавзуӣ низ метавонад, ба ҳалли мушкилоти глобалии экологӣ ва имкониятҳои пешгирии онҳо дар шароити ҳаёти ҳаррӯза то андозае саҳм гузорад. Ин намуди корҳои беруназсинфӣ метавонанд намоиши оммавии филмҳо ва тасвирҳои мундариҷаи экологиро дар бар гиранд.

Бозӣ як амали табиӣ ва шавқоварест, ки шахсияти хонандагон ташаккул медиҳад. Бозӣ озмоишгоҳи ҳаётие аст, ки ба фазои зиндагии хоннандагон лаззат мебахшад, ки самараи он бемисл аст [61].

Бозиҳои дидактикӣ як намуди бозиҳо бо қоидаҳое мебошанд, ки аз ҷониби муаллимон махсус бо мақсади тарбияи хонандагон таҳия карда шудаанд. Онҳо ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси таълимӣ, инкишофи шахсият нигаронида шудаанд.

Бозиҳои дидактикӣ якчанд намуди бозиҳоро дар бар мегиранд, ки тавсифи мухтасари онҳоро дар зер меорем:

**Бозиҳои сайёҳӣ**, барои баланд бардоштани тасаввурот, ҷалб кардани диққат ба он чизе, ки дар табиати атроф мавҷуд буда, аммо хонанда ба он аҳамият намедиҳад, пешбинӣ шудаанд. Онҳо мушоҳидаи кӯдаконро нисбат ба мушкилоти экологӣ беҳтар ва амиқтар мекунанд.

**Бозӣ - пиндоштҳо "чӣ мешуда бошад?".** Дар назди хонандагон вазъияте ба вуҷуд оварда мешавад, ки вокунишро талаб мекунад. Бо гузаронидани чунин бозиҳо метавон зарурат ва аҳамияти мушкилоти экологиро хеле хуб нишон дод. Ҳангоми ин гуна бозиҳо фаъолияти зеҳнӣ ва қобилияти гӯш кардани якдигар фаъол мешаванд.

**Бозиҳои мубоҳисавӣ**. Онҳо ба муошират асос ёфтаанд. Заминаи асосӣ барангезиши эҳсосот, ба ташвиш овардани хонанда нисбати харобиҳои табиат мебошад, ки барои тарбияи экологии онҳо, инчунин шавқ ва иродаи некашон хеле муҳим аст.

Фаъолиятҳои бозӣ инчунин аз гузаронидани озмуну чорабиниҳои фарҳангӣ (КВН), бозиҳо дар табиат ва сайри ҳамарӯза иборатанд. Нашри газетаҳои деворӣ аз тарафи хонандагон дар мавзуъҳои экологӣ, ҳифзитабиатӣ ва рӯзномаҳои экологии махсуси онҳо, инчунин баргузории намоишгоҳҳои расмҳо ва дигар коллексияҳои ашёҳои табиӣ. Дар натиҷаи ин намудҳои корҳои беруназсинфӣ таваҷҷуҳи шахсии хонандагон, ташаббуси эҷодии онҳо, таҷрибаи таҳқиқотӣ ва албатта муҳаббати рузафзунашон ба табиати атроф ҳосил мешавад [61].

Самаранокии корҳои беруназсинфӣ дар самти ташаккули фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатии хонандагон бештар аз мундариҷа ва шакли ташкили он вобаста аст. Кори беруназсинфӣ бояд шавқмандии мактаббачагонро бедор карда, онҳоро бо машғулиятҳои гуногун банд созад.

Номгӯйи корҳои беруназсинфӣ барои хонандагони хурдсол аз фанҳои ҳатмии дар барномаи таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинишуда бояд мунтазам такмил дода шуда, дар онҳо ҳамеша хусусиятҳои синнусолии онҳо ба назар гирифта шаванд.

Барои таҳияи мушаххаси корҳои беруназсинфӣ пеш аз ҳама, бояд афзалият ба он фаъолиятҳое дода шавад, ки аҳамияти тарбиявӣ дошта, назарияро бо амалия пайванд кунанд, аҳамияти мушкилоти муҳити зисти имрӯзаро нишон дода, принсипи таълимӣ-таҳқиқотиро татбиқ кунанд. Яъне, мазмуни корҳои беруназсинфӣ бояд барои гурӯҳи муайяни синну сол дастрас бошад.

**Саёҳатҳо ва экскурсияҳои экологӣ**. Вазифаҳое, ки муаллимони синфҳои 5 – 9 ҳангоми ташкил кардани экскурсия ва сайру саёҳат бояд иҷро намоянд:

- васеъ ва мустаҳкам намудани донишҳои экологӣ ва истифодаи онҳо дар амал;
- ташаккули малакаҳои экологӣ-ҳифзитабиатӣ ва фарҳангӣ;
- банақшагирии фаъолияти хонандагон дар табиат;

– ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани хонандагон.

Бояд қайд кард, ки экскурсияҳои экологӣ аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд, зеро онҳо мустақиман хонандагонро бо ашёҳо ва ҳодисаҳое, ки дар шароити табиӣ асос ёфтаанд, шинос менамоянд. Аз ин рӯ, нақшаи омодагӣ ба экскурсияҳо бояд аз ду бахш иборат бошанд:

а) тайёрии фардии муаллим;

б) омодагардонии хонандагон.

Муаллим барои гузаронидани экскурсия пешакӣ омода мегардад. Вай бояд аввал ба хатсайри ташкили сайру сайёҳӣ худаш рафта, ҷойҳои истгоҳи қулайро муайян карда, объектҳои мушаххас ва ҷолибтаринро пайдо намояд.

Нақшаи экскурсияро таҳия карда, бо кӯдакон гуфтугӯи муқаддимавиро гузаронида, барои суҳбати ниҳоӣ саволҳо тартиб дода ба хонандагон масъалаҳои экологиеро, ки дар рафти экскурсия мувоҷеҳ шуданашон мумкин аст, фаҳмонида, ҳолати проблемавиро ба миён орад.

Тавре ки зикр гардид, самараи таълимии экскурсия бештар аз сатҳи омодагии он вобаста аст, бинобар ин хонандагонро ба он омода кардан лозим аст. Супоришҳо барои мушоҳида ва гузаронидани озмоишҳоро дар табиат пешакӣ додан лозим аст.

Масалан барои гузаронидани экскурсияи экологӣ ба табиат дар баҳорон ва ё охири соли хониш бояд пешакӣ хонандагонро вобаста ба шавқу завқашон ба гурӯҳҳо ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи якум хонандагонеро ҷалб намудан зарур аст, ки нисбати олами растаниҳо шавқмандии баландтар доранд. Ба гурӯҳи дуюм хонандагонеро ҷалб намудан зарур аст, ки нисбати олами ҳайвонот шавқмандии баландтар нишон медиҳанд. Гурӯҳи сеюм метавонад ба ҷамъоварӣ, коллексияи сангҳо ва ё таҳияи гербария сафарбар карда шавад. Ҳамин тавр, ҳар як гурӯҳ фаъолияти худро иҷро намуда, ҳамзамон бояд аз ҳамдигар алоқамандии унсурҳо ва ҳодисаҳои табииро дарк намуда, пеш аз ҳама ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории инсон

дар табиат ва оқибатҳои он шинос шаванд. Маводи дар вақти экскурсияи экологӣ ҷамъоварӣ гардида, дар давоми якчанд соати дарсии дигар ва ё маҳфилҳо коркард ва мавриди омӯзиш қарор гирифта ба музей ва ё утоқи махсуси табиатшиносӣ супорида шаванд.

**Иду ҷашнвораҳои экологӣ**. Ҳангоми омодагӣ ба идҳои экологӣ, бояд пеш аз ҳама дар бораи он фикр кунем, ки онро дар кадом рӯз гузаронидан мумкин аст. Пеш аз ид, мо метавонем экскурсия гузаронем, аксҳо, китобҳои шавқовар, сафол, сангҳо, растаниҳои гербарияшуда, коллексияи ҳашаротҳо ва ё расмҳои растаниҳою ҳайвонот, растаниҳои ороишӣ ва намунаҳои партовҳои маводи табиӣ ва саноатию маиширо вобаста ба мавзуи ҷашн ҷамъоварӣ намоем. Мо инчунин метавонем, синфхонаро бо газетаҳои деворӣ, намоишгоҳҳои расмҳои хонандагон аз рафти фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатиашон, рӯзномаҳо ва шиору овезаҳо оро диҳем.

Доваронро барои интихоб ва ровиёнро барои муаррифии беҳтарин асарҳои намоишгоҳ интихоб намудан лозим аст. Ба хонандагони синфҳои дигар гузаронидани озмуни газетаҳои девориро дар мавзуи экологӣ-ҳифзитабиатӣ қаблан эълон намуда, дар китобхона намоишгоҳи китобҳоро дар мавзуи ҷашн ташкил кардан лозим мебошад. Ҳангоми омода кардани ҷашнвора дар синф, ба нақша гирифтани лексияҳо, суҳбатҳо, викторинаҳо ва озмунҳо заруранд.

Бо ҳамроҳии хонандагон барнома тартиб дода, тарроҳии визуалии толор, либосҳо, ороишҳои хандоварро дар барнома илова намуда, мусиқӣ ва баромади ҳаваскоронро омода карда, меҳмононро интихоб ва даъват кардан самараи таълими-тарбиявии ташаккулёбии фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатии хонандагонро баланд мебардорад [184].

**Омодагӣ ба чорабиниҳои фарҳангӣ.** Маҳфили зарифон (Маҳзар). Маълум аст, ки хонандагон бисёр шӯху зирак буда, андак ҳодисаи ноҷоро мушоҳида кардан замон, зуд ба муҳокима ва ҳазл мекашанд.

Бинобар ин, дар синф ташкил намудани ду даста ва ё ташкили маҳфили зарифон дар байни синфҳои парралели ва ба саҳна гузоштани рафтори нодурусти ҳамсинфону ҳамсолонеро, ки дар табиат ва ё бо ҷузъиёти алоҳидаи он кардаанд ва маҳкум намудани ин амалҳои манфӣ аз манфиат холӣ нест.

Ҳар як синф метавонад дастаи даҳнафарӣ пешниҳод кунад, ду нафар дар ҳайати ҳакамон, боқимондаи хонандагон мухлисонанд. Ҳар як гурӯҳ барои ҳарифон саломнома, панҷ саволи экологӣ ва вазифаи хонагӣ омода мекунад. Барои мухлисон озмунҳои махсус ташкил карда мешаванд, ки метавонанд ба дастаҳо холҳои иловагӣ расонанд. Дастаҳо, ба ғайр аз табрикот ва вазифаи хонагӣ, бояд номи даста ва нишони экологӣ - як навъ нишони фарққунандаи даста низ пешниҳод кунанд.

Мавқеи марказиро саҳначаи ҳаҷвии экологӣ ишғол менамояд. Барои гузаронидани “Маҳзар”, толор ва ороиши он, инчунин экран, мусиқӣ ва ё сабти овози ҳайвонот, об, шамол, омода карда шуда, барандаҳо интихоб карда мешаванд.

**Озмуни газетаҳои дар мавзуи экологӣ ва табиатшиносӣ**. Ин озмунро дар рафти дигар чорабиниҳои беруназдарсию беруназсинфӣ ва ҳам дар алоҳидагӣ гузаронидан мумкин аст. Гурӯҳи хонандагон иборат аз панҷ то ҳафт нафар дар болои ҳар як газета кор мекунанд. Онҳо мавзуъро муайян карда, вазифаҳоро дар байни худ тақсим мекунанд: ороиши ҳошияи плакат, омода кардани шарҳи матн, барнома барои асоснок кардани мавзуъ ва аҳамияти экологӣ-ҳифзитабиатии он. Ҳайати ҳакамон аз байни хонандагони фаъолу бовиҷдон ва омӯзгорон бояд интихоб карда шаванд.

Қобили қайд аст, ки омӯзгорони калонсол дар ин масъала таҷрибаи бойе аз замони шӯравӣ доранд. Он замон дар ҷашнвораҳои “Рӯзи Замин” “Рӯзи сулҳ”, “Рӯзи наҷоти кӯдакон” дар байни хонандагон озмун-фестивали кашидани расм боб бӯр дар роҳи мумфарш гузаронида

мешуд. Гузаронидани ин гуна чорабиниҳо имрӯз ҳам аз аҳамият холӣ нест.

**Бозӣ.** Тавре ки зикр гардид, бозиҳо гуногунанд: нақшофарӣ, мавзуӣ, дидактикӣ, мобилӣ ва ғайра. Азбаски бозӣ намуди фаъолияти табиӣ ва шавқбарангези кӯдак ба шумор меравад, шахсияти кӯдаконро ташаккул дода, ба он тамоюли экологӣ ворид менамояд, бештар ба натиҷаҳои мусбӣ умед бастан мумкин аст.

Барои мисол, бозии нақшофарии "Конфронси матбуотӣ"-ро истифода карда метавонем. Барнома таҳия шуда, хонандагон матнҳои баромадҳоро меомӯзанд, расму плакат ва овезаю шиорҳо мекашанд, барои рӯзноманигорон ва хабарнигорон ва бо номи ташкилотҳое, ки дар раванди конфронс ширкат бояд кунанд, даъватнома, аломатҳои рамзнок ва нишонаҳо месозанд.

Таҷҳизоти ҳуҷра. Синф ба таври шартӣ ба ду қисм тақсим карда шудааст. Дар пеши ҳар як мухбири даъватшуда бо номи ташкилоте, ки ӯ намояндагӣ мекунад, лавҳа гузошта мешавад. Дар қисми дуюми ҳуҷра намояндагони халқ (депутатҳо) ва олимону тамошобинон нишастаанд. Тахта ва қисми поёни ҷадвалҳо бо таблиғот ва плакатҳои экологӣ оро дода мешаванд, ки ҳангоми бозӣ ба диққати мизбонон ва сарпарастон ба он ҷалб карда шаванд.

Дар саҳна директори заводи семент, ки вазъи экологии маҳалро халалдор кардааст мешинад. Ҳангоми омода кардани нишасти матбуотӣ, кӯдакон адабиёти дахлдорро хонда, барои додани савол ва посух машқ мекунанд. Аз кормандони собиқадори завод, духтурон, кӯхансолон, ҷангалбонон маълумот ҷамъоварӣ намуда, саҳнаи ҷолиберо таҳия намудан мумкин аст.

Ҳангоми омодагӣ ба бозиҳо, тартиб додани қоидаҳои бозӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳо хеле муҳим аст. Онҳо талаботи ахлоқӣ барои муносибати хонандагон, риояи меъёрҳои рафторро аз тарафи онҳо дар бар мегиранд. Агар бозӣ самаранок ташкил карда шуда, роҳбари заводи

сement даъват карда шавад ва ё аққалан намояндаи он иштирок кунад, пас ин бозӣ на танҳо дар ташаккули фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатии хонандагони хурдсол, балки ҳисси масъулиятшиносии насли калонсол низ таъсири мусбӣ расонида метавонад.

**Маҳфили экологӣ.** Омодагӣ ба ташкили маҳфили экологӣ гуногун ва мушкил аст. Зеро барои ба маҳфил ҷалб кардани хонандагон, пеш аз ҳама барангехтани шавқи онҳо зарур аст. Пеш аз оғози фаъолияти маҳфил экскурсияи хуб ташкил намудан зарур аст. Тавассути он шавқмандии баланди хонандагонро ҳосил кунонидан мумкин аст. Дар ин раванд хонандагони шавқмандиашон баландро ҷудо намудан лозим аст. Хоҳиши онҳо барои иштирок дар чунин маҳфил аксар вақт пас аз баргузории чорабиниҳои оммавӣ пайдо мешавад. Бояд қайд кард, ки иштирок дар маҳфил ихтиёрӣ буда, аз ин рӯ қоидаҳои кори онро худи хонандагон муҳокима ва қабул кунанд беҳтар аст. Аз ҷумла, хонандагоне, ки дар вохӯрии аввал дар маҳфил номнавис карда мешаванд, бояд дар худ як қатор заминаҳо дар шакли маҳорату малакаҳои ташкилӣ-амалӣ, иртиботӣ, ахборотӣ ва худомӯзӣ дошта бошанд. Дар рафти маҳфил ба онҳо додани мустақилияти бештар масъулиятнокӣ ва ҷӯяндагии онҳоро баланд бардошта, ба инкишофи нутқашон дар барқарор кардани алоқа бо калонсолон ёрӣ мерасонад. Инчунин зарур аст, ки хонандагон тақрибан ҳамсол ва аз бист нафар зиёд набошанд, вагарна муттамарказонидани диққати ҳама ба раҳбари маҳфил ва мавзуи фаъолият душвор мегардад [134].

Ин гуна фаъолиятро одатан аз рӯи тартиби зерин ташкил кардан мумкин аст:

– дарси муқаддимавӣ, одатан хусусияти назариявӣ дорад;
– супориши фаъолияти мустақилона (таҳқиқотӣ);
– дарси ҳисоботӣ.

– ҳамчунин нашри газетаҳои деворӣ (мунтазам), нашри мақолаҳои экологӣ дар маҷаллаҳои кӯдакона, ороиши синфхона ва ё кабинети фанни табиатшиносӣ ва ғ.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо ба хулосае омадем, ки ҳангоми банақшагирӣ ва ташкилии корҳои беруназсинфӣ дар самти ташаккулдиҳии фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатии хонандагони синфҳои 5 – 9 тайёрии ҷиддӣ ва ҳаматарафаи методию назариявӣ ва моддии муаллим хеле муҳим аст [54].

Тарбияи экологӣ ҳамон вақт самараи хуб дода, бомуваффақият ҳисобида мешавад, ки агар мо маънӣ ва ҳадафҳои онро аниқ донем, яъне ҳисси инсондӯстӣ, меҳрубонӣ, муносибати масъулият ба табиат ва ҷамъият дошта бошем.

Тарбияи экологӣ бояд ба хонандагон таълим диҳад, ки худашон чизҳоеро, ки дар атрофи онҳо рӯй медиҳанд, дарк намоянд. Бояд ба кӯдакон дар табиат ва байни ҷамъият дуруст рафтор карданро ёд диҳем. Аксар вақт, бинобар надоштани дониш, онҳо роҳи дурусти рафторро интихоб карда наметавонанд. Бояд корҳои тарбиявӣ барои кӯдакон ноаён ва ҷолиб бошад. Аз ин рӯ, барои ҳар як дарс бояд ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххасу оқилона ва роҳҳои самарабахши татбиқи онҳоро ҷустуҷӯ намоем.

Масалан, методологияи ташкил ва гузаронидани бозиҳоро дида мебароем. Сохтори асосии он чунин аст дар расми 1. оварда шудааст.

Лозим аст, ки муаллим дар бораи бозӣ, муайянкунии хусусиятҳои психологӣ-педагогӣ, нерӯи таълимӣ-тарбиявии он малакаи муайяне дошта бошад. Инчунин, дарки самимияти иштирокчиёни бозӣ, таъсири он ба ҳолати равонии хонандагони тамошогар, ташхиси дараҷаи мутаассирии он зарур аст.




**Расми 1. Методологияи ташкил ва гузаронидани бозиҳо**

Ба бозӣ ворид шудани муаллим ва ҳамчун яке аз иштирокчиёни фаъол бозӣ кардани ӯ зарур аст. Вай ҳам иштирокчӣ ва ҳам раҳбари бозӣ аст. Ин аз муаллим дараҷаи баланди маҳорати педагогӣ-ташкилиро талаб мекунад. Муаллим бояд рушди муттасили бозиро мувофиқи вазифаҳои таълимӣ таъмин намояд, вале фишор наорад, нақши дуюмдараҷа дошта бошад ва ба таври барои хонандагон ноаён бозиро ба самти дуруст равона карда тавонад.

Воситаҳо ва усулҳое, ки ҳассосияти хонандагонро ба бозӣ зиёд мекунанд, бояд на ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун воситае ба сӯи иҷрои вазифаҳо баррасӣ карда шаванд. Бояд дар байни муаллим ва хонандагон фазои эҳтиром, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдардӣ вуҷуд дошта бошад. Аёнияти истифодашуда бояд сода вале мазмунан бой бошад [166].

Бозии "Муамморо ёбед". Барои хонандагони синфҳои 5 – 9.

Вазифаҳои педагогӣ: ба хонандагон таълим додани роҳҳои даркнамоии хусусиятҳои хоси наботот ва ҳайвонот ва онҳоро тавсиф намудан.

Мақсад: озмоиши сатҳи ташаккули мушоҳидакории хонандагон, ташаккули муҳаббат ба табиат, васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо.

Мазмун ва метод. Муаллим хонандагонро даъват мекунад, ки дар бораи гулҳо, дарахтон, шабпаракҳо ва дигар ашёи табиӣ муаммо эҷод кунанд то дигар кӯдакон оид ба онҳо тахмину фарзия пешниҳод карда дурусташро ёбанд.

Ҳангоме, ки бозӣ бори аввал баргузор мешавад, ба шумо лозим аст, ки муаммоҳои эҷоднамудаи дигар хонандагонро мисол оред: "думаш хурд, хокистарранг, пашминапӯш, мӯяш маҳин, сабзӣ ва карамро дӯст медорад", "Гулбаргҳои сафед, зарди миёна, баргҳояш ба қошуқ монанд."

Маслиҳат ба муаллим. Агар хонандагон мустақилона дар пайдо кардани ҷавоби муаммоҳо душворӣ кашанд, шумо метавонед ба онҳо аз расмҳо истифода бурданро иҷозат ва ё тавсия диҳед. Хонандагон ба онҳо нигоҳ карда, нишонаҳои муҳимро қайд намуда, муаммоҳо месозанд [144].

Порчае аз ҷашнвораи "Мо дӯстдорони табиат ҳастем" (барои хонандагони синфҳои 5 – 6).

Вазифаҳои педагогӣ. Мустаҳкам намудани дониш ва ҷаҳонбинии хонандагон, дар бораи қоидаҳои рафтор дар табиат. Ба онҳо нисбати табиат ва ба якдигар муносибати эҳтиёткорона ва меҳрубонона доштанро омӯзонем. Ҳавасмандгардонии хонандагон дар ҷашн.

**Мазмун ва метод**. Дар вақти гузаронидани чорабинӣ баранда хабар медиҳад, ки ба синфи мо хабарномаи таъҷилӣ омадааст: «Дар атрофи деҳа чунин махлуқҳое пайдо шуданд, ки дарёро ба шӯр оварда, лонаҳои паррандагонро вайрон ва оромиро дар боғ халалдор мекунанд».

Бо гирифтани чунин хабар хонандагон ба қароре меоянд, ки ба кӯмаки табиат бираванд. Онҳо ба ҷустуҷӯи авбошон мераванд. Мувофиқи нишондодҳои сайёди пир, онҳо изи пои “вайронкунандагон”-ро пайгирӣ намуда, вайронкунандагонро ёфта, ба маконе, ки ҷашн дар онҷо мегузарад, меоранд. Онҳо дар паси пардаанд.

Баранда ба аҳли гурӯҳ муроҷиат мекунад:

– кани бачаҳо ба фикри шумо оромии дарёро кӣ халалдор карда ба шӯр меорад?

– лонаи паррандагонро кӣ вайрон мекунад?

– оромии боғро, чӣ?

– Хонандагон ҳар яке тахмин ва фикри худро мегӯянд.

– Парда бардошта мешавад. Дар бадани хонандагоне, ки нақши “авбош”-ҳоро мебозиданд лавҳачаи навиштаҷоти сабабгорони вайронкунандаи оромии боғу дарё ва лонаи паррандагон овезон бояд бошад.

Хонандагон дурустии тахмину фарзияҳояшонро санҷида хулосабарорӣ мекунанд.

Баранда ба аҳли синф муроҷиат карда мегӯяд:

– Шумо бо табиат дуруст рафтор кунед! То мабодо монанди инҳо оромии табиатро халалдор накунед ва сарзаниш нашунавед! Дар акси ҳол, шумо низ ба ҷои инҳо мавриди масхараю истеҳзо ва сарзаниши дигарон қарор мегиред!

Ҳар се (ошуфта):

– Мо намедонистем ... Мо намедонистем ...

Баранда: «Ман ба шумо мефаҳмонам. Биёед, бачаҳо, ба онҳо бигӯед, ки чӣ гуна бояд дар табиат рафтор кунанд”.

Писарбача: “Ҷангал хонаи ҳайвонот ва паррандагон аст. Дар хонаи каси дигар ягон садо баланд кардан хуб нест. Ҳоло паррандаҳои зиёде дар лонаҳо нишаста, мунтазири чӯҷаҳо мебошанд, бисёр ҳайвонҳо бачаи хурдакак доранд, шумо садо баровардед ва онҳоро тарсонидед».

Баранда: «Шумо метавонед писарони хубе бошед ва аз хониши паррандагон лаззат баред. Аз садою шавқун ва мусиқии шумо бошандагони табиат меҳаросанд”.

Духтар: «Бо гуноҳи онҳо ва онҳо барин бачагон, Меҳрубон ҳангоми шиноварӣ пояшро буридааст. Шишаи шикастаро онҳо ба ҳавз партофта будаанд”.

Баранда: “Не, мо намегузорем, ки шумо чунин амалҳоро кардан гиред. Ахлотҳо ва партовҳоро ба дарё ва боғ партоед".

Духтари дуюм: " Аз сабаби он, ки онҳо обро ифлос карда буданд, Ангубин аз нӯшидани он бемор шуда дар беморхона хобид”.

Духтари сеюм: “ Онҳо лонаи аккаи думдарозро вайрон карданд, ки чӯҷаҳои он ба замин афтиданд ва гурба онҳоро дошта хӯрдааст.”

Ҳамаи аҳли синф бо як овоз: ”Бигзор онҳо ба як ҳуҷраи холӣ рафта, онҷо ҳамчун ҷазо бинишинанд то фаҳманд, ки рафторашонро ислоҳ кардан лозим аст."

Ҳар се (ошуфта): “Бачаҳо, мебахшед, мо дигар такрор намекунем. Мо аллакай фаҳмидем. Агар шумо моро ба маҳфилҳои худ пештар даъват мекардед, мо ин тавр намекардем. Инро мо аз нодонӣ кардем ".

Писарбача: "Пас ҷавоб диҳед, ки шумо бояд дар табиат чӣ гуна рафтор кунед?".

“Авбоши” якум: "Мо набояд садо баланд кунем, партовҳоро партофта табиатро ифлос кунем".

Духтар: "Шумо боз паррандагон ва ҳайвонҳоро меранҷонед?"

“Авбоши” дуюм: "Не, мо ҳаргиз такрор намекунем ва ҳақи онҳоро ранҷондан ҳам надорем".

Писарбача: "Оё дарахтон ва буттаҳоро шикастан мумкин аст?"

“Авбоши” сеюм: “ Не ҳаргиз не...”

“Авбошҳо” ҳама якҷоя: “Рафиқон! Илтимос моро бубахшед! Мо ислоҳ мешавем! Шумо ҳам айб доред. Шумо бояд моро пештар ба ин маҳфил даъват мекардед...”

Баранда: “Бачаҳо, биёед онҳоро бубахшем. Онҳо бо мо бимонанд албатта ислоҳ мешаванд”.

Бачаҳо: “ Хуб. Бигузор бо мо бимонанд ва ислоҳ шаванд”.

Ҳама якҷоя сурудеро дар васфи табиат месароянд.

Дар рафти чорабиниҳои дигари беруназдарсӣ ва берунасинфии хонандагон низ тасаввуротҳои хонандагон бой гардида, ҷаҳонбиниашон

васеъ ва маҳорату малакаҳои экологӣ ва ҳифзитабиатиашон ташаккул меёбанд. Махсусан, ҷаҳонбинии онҳо дар самти фаъолиятҳои экологӣ, ҳифзитабиатиашон фарох мегардад.

Дар асл ҷаҳонбинӣ навъе огоҳии иҷтимоӣ аст, ки шахсият ба он ниёз дорад. Ҷаҳонбиниро наметавон бо кулли донишҳои мо дар бораи табиат ва фалсафаи он баробар кард, балки фақат умумӣ кардани онҳост. Ҷаҳонбинӣ ҳамчун ядро амал мекунад ва синтези тафаккури муттамарказу ягонаест, ки дар хулосабарориҳои умумии донишҳои мо ҳосил мешаванд. Бинобар ин, ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи баланди маърифат меъёри арзёбии маърифатии шахс низ маҳсуб мешавад. Муҳимтарин вазифаи системаи омӯзиши навин ин ташаккули фарди соҳиби ҷаҳонбинии васеъ, ки дорои системаи донишҳо ва дурнамои иттилоотӣ барои касбашон мебошад. Бознамоӣ ва тафсири бонизом натанҳо фаҳмишро таъмин мекунанд, балки дар дарк ва фаҳми воқеиятҳо, зеҳнияти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва донишҳои дар маркази фарҳанги инсонӣ мавҷудбуда низ кӯмак мекунанд.

Умумитарин меъёрҳои ташкили ҷаҳонбинии илмӣ аз инҳо иборатанд:

– донишҳои амиқи илмӣ, ташкили системаи ягонаи онҳо, ки муназзам будани ҳодисаҳо дар табиат, ҷомеа ва тафаккурро тавзеҳ медиҳад;

– дарки диалектикаи табиат ва воқеият, рушд ёфтани ҷаҳонбинӣ, ки дар таҳлили моҳиронаи шахсият, воқеаҳои иҷтимоӣ ва ғайра ошкор мешавад;

– ошкор шудани фаъолияти экологӣ-ҳифзитабиатии иҷтимоӣ, эҳсосӣ иродавӣ, азми иҷтимоӣ, ташвиқот ва ҳимоят аз онҳо.

Ҳар фарди аз нигоҳи экологӣ босавод навъҳои фаъолияти худро мутобиқ бо талаботи истифодаи боақлонаи муҳити зист тобеъ мекунад, муроқибати худро аз беҳбудӣ бахшидан ба муҳити зист анҷом медиҳад, иҷозаи хароб кардани онро намедиҳад. Барои ин кор ӯ бояд донишҳои

илмӣ, ҷиҳатгириҳои арзишҳои ахлоқиро дар робита бо табиат фаро бигирад ва ҳамчунин маҳоратҳои амалиро барои ҳифзи шароити матлуби экологӣ эҷод кунад. Бинобар ин саводи экологӣ ба ин маънӣ аст, ки фард дониш ва ақидаҳои хос, омодагӣ барои фаъолият ва ҳамчунин иқдомоти амалии худро, ки мутобиқ бо зарурати муроқибат аз табиат аст, дошта бошад.

Ташаккулёбии чунин шахсе бояд ба бахше зарурӣ аз фаъолияти кулли системаи омӯзишӣ бадал шавад. Мутаассифона, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакати мо аз донишу маърифати кофӣ дар мавриди муҳити зист ва табиат бархурдор нестанд ва ё бархе аз онҳо дар мавриди мушкилоти экологӣ маълумот надоранд, аз қонунҳои асосӣ барои муқобила бо табиат ва истифода аз замин, об, ҳаво, наботот ва ҳайвонот хабар надоранд. Ҳамаи инҳо натиҷаи омӯзиши номукаммали муҳити зист ва носаҳеҳии таълиму тарбияи экологии талабагон аст ва робитаҳои сабабӣ ва маълулии худро дорад.

Яке аз сабабҳои аслии паст будани сатҳи тасаввуроти экологии талабагон, аз ҷумла хонандагони синфҳои 5 – 9, кофӣ ва муассир набудани донишҳои бонизом мебошад. Иттилооти пароканда ба таври маъмул ба талабагон имконият намедиҳад, то ҳар навъ системаи ҳамоҳанги донишҳои экологиро, ки бояд нисбат ба табиат дошта бошанд, аз худ намуда, ба он осеб нарасонанд.

Дар ин робита мо бо ақидаи Бабанский Ю.К. мувофиқ ҳастем, ки таъкид намудааст: ”Вазифаи аслии таълиму тарбия ташаккулдиҳии ҷаҳонбинии материалистию диалектикӣ дар байни талабагони мактаб аст, ки тамоми ҷанбаҳои тарбияти фард, омодагии илмӣ, фалсафӣ, идеологӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва амалии онро инкишоф медиҳад”[14].

Бинобар ин, Бабанский Ю.К. ба дурустӣ аз ин амал интиқод намуда, чунин изҳор доштааст: “Бархе аз педагогҳо бар он назаранд, ки дар ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ истифодаи давраи намунаҳои ошкорсозии ин ё он махсусияти материализми диалектикӣ дар мавқеъҳои муносиб

нуктаи аслӣ аст. Чунин равиш барои ташкили ҷаҳонбинӣ кофӣ ба назар намерасад ва аз ин рӯ, ташкили инкишофи ҷаҳонбинӣ дар ҳар дарс, ҳангоми омӯзиши ҳар мавзуъ ва ҳар бахш зарур аст" [151].

Бархе аз педагогҳо дар ҳоли ҳозир дар ин сатҳ аз назари моҳияти амалӣ иштибоҳ мекунанд ва матлабҳоро беш аз ҳад маҳдуд ва ҷудо аз ҳам дарк мекунанд. Онҳо иртиботи ботинии фаннӣ ва ғайрифанниро дар ихтиёр надоранд ё ба далелҳои мухталиф онҳоро дар назар намегиранд. Ин педагогҳо диққати худро фақат дар рӯйи як иттиолоти маҳдуд аз дониш тамаркуз мекунанд ва талабагон дар ин баробар бар идроки ҷудогонаи ҳифз кардан ва фаҳмиши содаи ҳақиқат ва падидаҳои мавриди таҳқиқ, бар баёни мутамаркази худ дар қолаби ҷумлаҳо, қоидаҳо, рӯйи табақабандии онҳо, бидуни дар назар гирифтани сабабҳо ва алоқаҳои диалектикии ботинӣ ва зоҳирии воқеан мавҷудбуда тамаркуз мекунанд. Чунин равиши маҳдуди педагог ба муҳтавои омӯзиш далели аслии падида аст, ки мо одатан онро ҳамчун формализм истифода мекунем.

Дар амалияи мактабҳои муосир таҳияи барномаҳои мавзуи ба таври густурда паҳн шудааст. Муаллимон илова бар барномаҳои шинохтӣ ҳадафҳои таълимию тарбиявиро низ дар ин барномаҳо ҷой медиҳанд. Таҷзия ва таҳлили барномаҳо нишон дод, ки ҳадафи таълиму тарбия мунъакис шуда, дар онҳо ҳамеша бо потенсиали ҷаҳонбинӣ муҳтавои таълиму тарбия мутобиқат надорад.

Дар чунин мавридҳо талабагон бисёре аз мафҳумҳо, ҳақиқат ва падидаҳоро омӯхта ва ба ёд меоваранд, аммо муҳимтарин идеяҳои фалсафиро аз якдигар фарқ накарданд ё онҳоро бо иттилоот ва воқеиятҳои дуюмдараҷа нисбат додаанд. Агар муаллим дар кори худ дар рӯйи муҳтавои омӯзиш мантиқ ва ҷиҳати диалектикӣ - материалистиро мавриди таваҷҷуҳ қарор надиҳад, сохтори ҷаҳонбинии илмӣ ба унвони танҳо мафҳуми саҳеҳ, дар сурате, ки ҳадафи омӯзиш ва раванди шинохтиро танҳо ба қонунҳои хос ва мантиқии ботинии ин фанни илмӣ

вогузор кунад, пас ин фурсатро аз даст медиҳад. Омӯзгор бо муваффақият ва ба таври муассир ҷаҳонбинии илмии талабагонро шакл медиҳад ва ҳатто онҳоро бо воқеиятҳо, қонун ва таърифҳо ошно мекунад.

Гуногунрангии робитаи ҷомеа ва табиат нозукиҳои зиёди ин комплекси мураккаб мазмуни асосии таълимоти экологиро муайян мекунад. Барои ин ки донишҳои экологӣ – табиатдӯстдорӣ дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии хонандагони синфҳои 5 – 9 муассисаҳои миёнаи умумии таълимӣ нақш дошта бошанд, бояд ба усулҳои методологӣ ва назариявии зерин эътимод кунем:

– равиши эҷоди дар ташаккулдиҳии маърифати экологии талабагони муассисаҳои таълимӣ;

– омӯзиши пайдарҳами маводи экологӣ;

– дар шакли ҳамгиро қарор додани усулҳои фикрӣ ва маърифатӣ - иродавӣ дар фаъолияти хонандагони хурдсол дар роҳи омӯзиш ва беҳбуд сохтани муҳити зист;

– истифодаи комплексии кашфиётҳои ҷаҳонӣ, миллӣ ва маҳаллӣ оид ба мушкилоти экологӣ дар раванди таълиму тарбия.

Усулҳои зикршуда дар раванди ҳалли вазифаҳои зерин дар амалияи муассисаҳои таълимӣ иҷро мешавад:

1. Ҷалби идеяҳои пешрав, мафҳумҳои асосӣ ва ҳақиқии илмӣ дар мавриди табиат, ки бар асоси онҳо муносибати некбинонаи инсон бар табиат мутобиқи қонунҳои он амалӣ мешавад.

2. Дарки арзишҳои ҳамаҷонибаи табиат ҳамчун манбаи нерӯҳои модӣ ва маънавии ҷомеа ва шахсият.

3. Аз худ намудани донишҳо ва маҳорату малакаҳои амалӣ доир ба омӯзиш ва баррасии вазъи муҳити зист, чораандешӣ барои беҳбудии он, пешгирӣ аз таъсироти манфӣ ба табиат дар ҳама гуна фаъолиятҳои меҳнатӣ.

4. Ташаккул додани муносибатҳои некбинона ва ҳайрхоҳона ба табиат, дарки таъсироти он ба ҳосилшавии арзишҳои ахлоқии ҷомеа, хоҳиши донистани дунёи воқеӣ дар иттиҳод бо таҷрибаҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ.

5. Риояи меъёрҳои рафтор дар табиат, пешгирӣ аз расондани осеб ё ҳисорот ба табиат, олуда ва хароб кардани муҳити табиӣ.

6. Шиддат бахшидан ба фаъолиятҳо барои беҳбуд сохтани муҳити табиӣ ва муҳити таҳаввулбахш, иштирок дар ривоҷи идеяҳои навин дар роҳи ҳифзи табиат.

Дар рафти чорабиниҳои махсус тарҳрезигардидаи беруназдарсию беруназсинфӣ, ки бо мақсади ташаккул додани фаъолиятҳои экологӣ-ҳифзитабиатии хонандагони синфҳои 5 – 9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба нақша гирифта мешаванд, асосан ба ғояҳои зерин такя менамоянд:

**Дарк намудани муҳити зист ҳамчун комплекси том ва ягонаи табиӣ**, ки ҷузъиёти табиати зинда ва ғайризиндаро дар бар мегирад. Ин яке аз ғояҳои асосӣ аст, ки дар заминаи силсилаи донишҳои мушаххаси фанҳои табиӣ ва дар ҷараёни фаъолиятҳои иҷтимоӣ ошкор мешавад. Донишҳои системавии ташкилӣ ва такмилёбии табиат, муносибат ва вобастагии мутақобилаи комплексҳои табиӣ, физикӣ, химиявӣ ва биологии табиатро дар ҳамбастагии онҳо ташкил медиҳанд. Ин ғоя таваҷҷуҳи махсуси муаллимро талаб карда, дар чунин системаҳо: организм, популятсияи намудҳо, биосеноз, биогеосенос ва биосфера ошкор кардани унсурҳои экологиро талаб мекунад.

**Робитаи таърихии мутақобилаи ҷамъият ва табиат**. Ин мафҳум аз томияти муҳити иҷтимоӣ-табиӣ муҳити зиндагии инсон ба вуҷуд омада ба ягонагии низоми "табиат-ҷомеа-инсон" асос ёфтааст. Инсон ҳамчун бахше аз табиат, дар инкишоф ва тағйирёбии вай омили пурқуввате ҳисобида мешавад. Таърихи ҷомеаи инсонӣ ҷузъе аз таърихи табиат буда, таҳаввулоти он ба таҳаввулоти биосфера таъсири мудҳиш

расонида истодааст. Алоқамандии таърихии табиат ва ҷомеа мизони арзёбии робитаи инсон бо табиатро муайян мекунад. Дар вақти омӯзиши мавзуъҳои таърихӣ ин паҳлӯи масъаларо муаллим бояд ба назар гирад.

**Меҳнати инсон, ҳамчун омили асосии дигаргунсозандаи табиат.** Ин ғоя ҳамчун раванде тавсиф меёбад, ки дар он меҳнати одамӣ мисли миёнараве дар байни инсон ва ҷомеаи инсонӣ аз як тараф ва табиат, ки тамоми фаъолиятҳо дар он сурат мегирад, аз дигар тараф нақш бозида, ҳамчун воситаи дигаргунсозандаи табиат баромад мекунад. Набояд фаромӯш кард, ки қудрати таҳаввулбахш ва офаринандаи меҳнати инсонӣ он вақт ошкор мешавад, ки барои ҳаёт ва зиндагии мавҷудоти зинда хатар эҷод накунад ва ба табиат осеб нарасонад. Маънои ҷаҳонбинӣ дар мавриди меҳнат ва фаъолияти меҳнатӣ дар ҳамин нукта нуҳуфтааст.

**Алоқамандии саломатии инсон аз муҳити зист.** Ҷавҳари ин идея дар дарки фаъолияти ҳаётии шахсият ҳамчун мавҷуди биологӣ - иҷтимоӣ танҳо ба тағйироти физикию химиявӣ ворид кардан ба муҳити зист маҳдуд нашуда, таъсири ҷавобии онро пеш аз ҳам дар ҷисми худ ҳис мекунад. Аҳамияти аввалиндараҷаро ҳамчун омили нигаҳдорандаи саломатӣ шароити ҷамъиятӣ, ки ҳамроҳ бо табиати муҳити атрофаш ташкил медиҳанд, мебозад.

**Табиат ва рушди ахлоқию эстетикии шахсият.** Дарк намудани нақши табиат дар инкишофи шахсият, дар зуҳуроти мухталифи ахлоқӣ, эстетикӣ, маърифатӣ ва модии табиат таҷассум меёбад. Ин ҳар як шахсро вазифадор мекунад, ки ба вазъияти муҳити зист муносибати некбинона зоҳир кунад. Ин раванд бо ташаккулёбии ақидаҳои ахлоқӣ дар мавриди роҳ надодан ба ғорат кардани сарватҳои табиӣ мусоидат мекунад.

**Беҳсозии муносибати ҷомеа ва табиат**. Моҳияти ин ғоя бештар хосияти тарғиботӣ дошта, ба дарки қонуниятҳои умумибиологӣ равона

карда шуда, мақсадаш баланд бардоштани фарҳанги экологӣ-ҳифзитабиатии аҳолӣ мебошад.

Амалишавии ин ғояҳоро, аз замони кӯдакии инкишофи шахсият сар кардан лозим аст. Ворид шудани кӯдак ба муассисаи таълимӣ асосан сабки зиндагии ӯро тағйир медиҳад. Ба таври системанок фаро гирифтани донишҳо, ҷаҳонбинии кӯдакро васеъ карда, тамоми марҳилаҳои зеҳнӣ: идрок, ҳофиза, таваҷҷуҳ, тахайюл ва тафаккурро инкишоф медиҳад.

## 1.3. Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ

Тибқи талаботи педагогию дидактикӣ муайян карда шудааст, ки яке аз шаклҳои маъмули ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ – экологии хонандагони синфҳои 5 – 9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ, ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабии зерин: экскурсия, олимпиадаҳои фаннӣ, вазифаҳои хонагӣ, мушоҳидаҳои экологӣ, супоришҳои тобистонаи хонандагон, таҷрибаҳои саҳроӣ (аз фанни экология) ва амсоли онҳо ба шумор меравад.

И.Д. Зверев чунин навиштааст «Доираи гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ бо хонандагон ниҳоят – васеъ ва доманадор буда, дар кабинетҳои фаннӣ, дар табиат, дар гӯшаи табиати зиндаи дар қитъаи таълимӣ-тарбиявии мактаб баргузор мешаванд, ки иштироки ҳамаи толибилмон дар машғулиятҳо ҳатмӣ мебошад» [72].

Омӯзишу тадқиқи шаклҳои гуногуни машғулиятҳои беруназмактабӣ дар тадқиқотҳои олимон: Н.М.Верзилин [35], И.Д. Зверев [69], А.И.Никишов [137], К.И.Василева [33], С.С.Мирзоев [119] ва

дигарон инъикос гардидаанд. Дар ин таҳқиқотҳо бо пуррагӣ дар заминаи методҳои таълим, намудҳои гуногуни машғулиятҳои беруназмактабӣ ва нақшу мақоми онҳо, дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ экологии хонандагон тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Барои омӯзишу таҳқиқи нақш ва мақоми машғулиятҳои беруназмактабӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологӣ, мо дар раванди озмоишҳои педагогӣ, кору фаъолият ва таҷрибаи пешқадами муаллиму методистони касбии биология ва экологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и ноҳияи Фархорро мавриди баррасӣ қарор додем. Бо ин мақсад бо 26 нафар муаллимони касбии мактабҳои болозикри ноҳияи Фархор пурсишҳои шифоҳӣ ва хаттӣ гузаронидем. Дар пурсишҳои хаттӣ ва дар анкетаҳо саволҳои зерин ворид карда шуданд:

1. Оё Шумо гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабиро аз сикли фанҳои умумибиологӣ зарур мешуморед?

2. Дар ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ кадом мушкилиҳо мавҷуданд?

3. Дар технологияи омӯзиши машғулиятҳои беруназмактбӣ кадом душвориҳо ҷой доранд?

Ҳангоми омӯзишу таҳлили ҷавобҳо ба саволномаҳои хаттӣ маълум гардид, ки 14%-и муаллимон ба саволи якум ҷавоби мусбӣ доданд. Аммо 16%- муаллимон дар мавриди ба саволи дуюм ҷавоб додан, оид ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ якчанд душвориҳоро баён намуданд. Аз ҷумла, дар ниҳоди хонандагон паст будани ҳисси табиатдӯстӣ, душвории дигар ин ки аксари хонандагон ҷиҳати иҷро кардани корҳои мустақилона шавқу рағбат надоранд, номукаммал будани сатҳи дониш кифоя будани маҳорату малакаҳои экологию биологӣ, вуҷуд надоштани асбобу анҷомҳои коршоями таълимӣ, муҷаҳҳаз набудани кабинетҳои фаннӣ, инчунин набудани воситаҳои таълимӣ – методӣ бо забони тоҷикӣ ва ғайраҳо. Ба

саволи сеюм 18%-и муаллимон дар бораи набудани адабиёти таълимӣ-методӣ оид ба гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ бо забони тоҷикӣ, дар ин мавод ҷанбаҳои омӯзишу тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ, аз ҷумла таҷрибаи олимони соҳаҳои сикли фанҳои умумибиологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ҳамаи ин норасоиҳо боиси душвории омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегарданд.

Ҳамаи норасоиҳою мушкилоти дар фаъолияти муаллимон оид ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ мавҷудбуда, боиси интихоби проблемаи тадқиқотии мо гардиданд.

Ин зербанд ба татбиқу омӯзиши намудҳои машғулиятҳои гуногуни беруназмактабӣ, аз ҷумла, вазифаҳои хонагӣ, экскурсияҳо, туризми экологӣ, мушоҳидаҳои экологӣ, олимпиадаҳои фаннӣ, супоришҳои тобистонаи хонандагон ба мақсади боз ҳам дақиқтар омӯзишу таҳқиқи нақш ва мақоми машғулиятҳои беруназмактабӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ - экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ (ботаника дар синфҳои 5 – 6 , зоология дар синфҳои 7 – 8, анатомия, физиология ва гигиенаи беҳдошти саломатӣ ва билохир экология) дар синфи 9 бахшида шудааст.

Яке аз намудҳои машғулияти беруназмактабӣ «Вазифаи хонагӣ» мебошад, ки нақши он дар ташаккули фаъолияти таълимӣ, ҷустуҷӯӣ, эҷодӣ ва мустақилиятнокии хонандагон хеле муҳиму зарурӣ арзёбӣ мешавад.

Масъалаҳои ташкил ва гузаронидани «Вазифаҳои хонагӣ» дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ дар таҳқиқотҳои олимон М.А.Данилов [49], И.Д.Зверев [71], Менделина [112], С.С.Мирзоев [121] ва дигарон аз нигоҳи педагогию дидактикӣ тавсиф гардидаанд.

Бо мақсади муайян кардани кору фаъолияти муаллимон ба ташкилу гузаронидани вазифаҳои хонагии хонандагон ва роҳу усулҳои методӣ ин шакли муҳими машғулияти беруназмактабӣ, бо 40 нафар

муаллимони касбии биология ва экологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№5,18,19,32,37 ва 39- и н. Фархор бо саволномаи зерин пурсиши хаттӣ гузаронидем.

1. Оё Шумо дар мавриди супоридани вазифаҳои хонагӣ хусусиятҳои инфиродии хонандагонро ба эътибор мегиред ё не?

2. Вазифаи хонагиро Шумо то оғози дарси нав ва ё дар анҷоми он месупоред ва кадомаш муфидтар мебошад?

3. Шумо дар вақти ба хонандагон супоридани вазифаи хонагӣ барои мушоҳида ва гузаронидани таҷрибаҳо бо растаниҳо ва ҳайвонотро тавсия медиҳед?

Аз омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти саволҳои дар анкета нишон додашуда маълум гардид, ки 26%-и муаллимон хангоми супоридани вазифаҳои хонагӣ хусусиятҳои инфиродии хонандагонро ба эътибор мегиранд.

Тақрибан 28%-и муаллимон ба саволи дуюми анкета, вазифаи хонагиро вобаста ба мундариҷа ва мураккабии маводи омӯхташавандаи барномаи таълимӣ, яъне ба ақидаи онҳо ягон мавзуи дарси нав васеъ ва мушкил бошад, дар ин ҳолат вазифаи хонагиро ҳамоно баъди фаҳмонидани дарси нав супоридан ба мақсад мувофиқ мебошад. Гурӯҳи дигари муаллимон иброз намуданд, ки агар мавзуъ мураккаб набошад, вазифаи хонагиро дар охири дарс супоридан беҳтар аст.

Оид ба саволи дуюми анкета фақат 22%-и муаллимон вазифаи хонагиро бо супоришҳои гузаронидани мушоҳидаҳою таҷрибаҳо ҷонибдорӣ намуданд.

Ба саволи 3-юми анкета «Оё ба сифати вазифаи хонагӣ барои гузаронидани мушоҳидаҳою таҷрибаҳо бо растаниҳою ҳайвонҳои хонагӣ супориш медиҳед ё не?» 21%-и муаллимон ҷавоби мусбӣ доданд. Аз рӯйи суҳбату пурсишҳои шифоҳӣ ба муаллимон ва мушоҳидаҳои мо дар мавриди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ маълум гардид, ки омӯзгорон на ҳама вақт дар бораи тарзу усулҳои иҷрои вазифаи хонагии хонандагон дастурҳои муфиди методӣ медиҳанд.

Дар рафти омӯзиш ва мушоҳидаҳои педагогии мо маълум шуд, ки ҳангоми ташкилу гузаронидани вазифаҳои хонагӣ аз фанҳои биология ва экология мавҷуд набудани васоити таълимӣ-методӣ, коркард нагардидани тавсияҳои методии барои ҳалли амалии ин шакли машғулиятҳои муфиди беруназмактабӣ, мушкилоти зиёдеро пеш меорад.

“Вазифаи хонагӣ” бо ақидаи С.С.Мирзоев имкониятҳои васеъ ва фаррохи ҷанбаҳои ташаккули фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, тафаккури мантиқӣ ва рушди фаъолона иҷро намудани хонандагонро дорад” [124]. Чунин ақидаи ташкилу гузаронидани вазифаҳои хонагӣ монанд ба тадқиқотҳои С.С. Мирзоев, ҷавобҳои муаллимон ба саволномаҳои хаттӣ, дар тадқиқотҳои Н.В. Падалко ва В.Н.Фёдорова, И.И. Шапошников [139] монанду ҳамшабеҳ мебошанд.

Супориши вазифаи хонагӣ оид ба мавзуъҳои алоҳидаи китоби дарсӣ низ шавқовар буда, боиси ташаккули фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва мустақилияти хонандагон мегардад. Ҳамзамон, тавассути ташкилу гузаронидани таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо дар табиат, дар қитъаи таълимӣ – таҷрибавии мактаб фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва мустақилияти хонандагонро баланд бардоштан мумкин аст.

Аз рӯи мушоҳидаҳои мо маълум гардид, ки вазифаи хонагӣ дар доираи барномаҳои таълимӣ, бо дарсҳо алоқаманд мебошад, яъне давоми бевоситаи мавзуъҳои барномавӣ маҳсуб меёбад, ки тавассути он масъалаҳои экологию кишваршиносӣ, аз нигоҳи илмӣ, назариявӣ ва амалӣ корбасту тарҳрезӣ мешаванд.

Бо мақсади ташкили фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷанбаҳои мустақилиятнокии хонандагон, аз рӯи матни мавзуъҳои китобҳои дарсӣ ва мушоҳидаю таҷрибаҳо ба хонандагон дар бораи чунин саволҳо ва супоришҳо пурсиши хаттӣ гузаронида шуд;

1. Рӯйхати растаниҳои шифобахши деҳаю минтақа ё ноҳияи худро тартиб диҳед.

2. Оё растаниҳои шифобахшро дар шароити хона нигоҳубину парвариш кардан мумкин аст?

3. Барои чӣ баргрезӣ ва хазонрезӣ фақат дар тирамоҳ ба амал меояд?

4. Рӯйхати ҳайвонҳои нодир ва нестшавандаи деҳаю минтақаи худро тартиб диҳед?

5. Муайян кунед, ки кадом омилҳои экологӣ ба ҳолати тандурустии сокинони деҳа, минтақа ва ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонанд?

Шакли дигари машғулиятҳои беруназсинфӣ "Супоришҳои тобистонаи хонандагон" мебошанд, ки давоми дарсҳо мавзуъҳои барномаи таълимии сикли фанҳои умумиибиологӣ маҳсуб ёфта, дорои аҳамияти таълимӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ - экологии хонандагон буда, боиси ҳамаҷониба омӯзишу дарёфти донишҳои амиқу возеҳи умумибиологӣ оид ба олами ҳайвонот ва набототи маҳал, минтақа ва дар маҷмуъ ҷумҳурӣ мегарданд.

Дар тадқиқотҳояш Н.В.Падалко [139] ёдрас шудааст, ки мақсади асосии ташкилу гузаронидани супоришҳои тобистонаи хонандагон, ба мустаҳкамкунии донишҳои экологию ботаникӣ алоқаманд ба гузаронидани мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо оид ба ҳаёт ва гуногунии олами набототу ҳайвонот дар шароитҳои гуногуни табиӣ, муайян кардани омилҳои ба шароити муҳити беруна мутобиқшавии онҳо, роҳу усулҳои гузаронидани таҷрибаю мушоҳидаҳо оид ба нигоҳубину парвариши растаниҳои маданӣ, аз ҷумла, дарахтони сояафкану мевадиҳанда, ороишӣ, гулу гулбуттаҳо дар қитъаи таълимӣ – таҷрибавии мактаб равона карда шудаанд.

Ҷанбаҳои педагогию дидактикии масъалаи шароитҳои ташкилу танзимии мақсаду мундариҷа ва роҳу усулҳои гузаронидани супоришҳои тобистонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври пурра дар таҳқиқотҳои Б.В. Всесвятский [40], Никишов А.И. [137], баррасӣ гардидаанд. Дар ин ва дигар таҳқиқотҳо роҳу усулҳои гуногуни мундариҷа, шакл ва банақшагирии супоришҳои тобистонаи хонандагон оид ба қисматҳои биологияи умумӣ (ботаника, зоология, анатомия,

физиология ва гигиенаи беҳдошти саломатӣ) мутобиқи талаботу нишондоди барномаҳои таълимии фанҳои болозикр мавриди омӯзиш арзёбӣ гардиданд. Аммо, дар ин таҳқиқотҳо ба масъалаи ташкилу гузаронидани супоришҳои тобистонаи хонандагон барои фаъолгардонию ташаккули ҳисси табиатдӯстии хонандагон чандон ба пуррагӣ маълумоти кофӣ дода нашудааст, ки боиси омӯзиш ва тадқиқи рисолаи илмии мо гардид.

Бо мақсади омӯзиши таҷрибаи пешқадаму фаъолияти педагогии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№5,18,19,32, 37 ва 39- и н.Фархор оид ба ташкилу гузаронидани “Супоришҳои тобистонаи хонандагон”, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ, аз сикли фанҳои табиатшиносӣ, дар рафти озмоишҳои педагогӣ анкета гузаронида шуд, ки 40 нафар муаллимони дорои маълумоти олии касбии тахассуси биологидошта иштирок намуданд. Анкета-саволнома аз чунин масъалаҳо иборат буд:

1. Оё Шумо ба хонандагон барои иҷрои супоришҳои тобистона тавсияҳо медиҳед?

2. Шумо бо кадом мақсад хонандагонро ба иҷрои супоришҳои тобистона сафарбар менамоед?

3. Маводи дар рафти супоришҳои тобистона ҷамъовардаи хонандагон (гербарияҳои растаниҳои шифобахш, ороишӣ, гулу гулбуттаҳо, коллексияи дону меваҳо, коллексияҳои ҳашаротҳо, хӯсаи паррандагону хазандагонро чӣ тавр дар дарсҳою маҳфилҳои фаннӣ истифода мебаред?

Аз омӯзишу муоинаи натиҷаҳои посухҳои муаллимон ба саволнома-анкетаҳо маълум гардид, ки 29%- омӯзгорон гузаронидани супоришҳои тобистонаи хонандагонро ҷонибдорӣ намуда, 27%- омӯзгорон супоришҳои тобистонаи хонандагонро бо мақсади омӯзиши гуногунтаркибии экология ва хусусиятҳои экологии растаниҳои маҳал, яъне шаклҳои афзоиш, сохти барг, гул, давомнокии давраи нашъунамо, шакл ва андозаи меваҳо, хосияти шифоҳии онҳо ва ғайраҳо, гуногунии

фауна, яъне олами ҳайвоноти минтақа, аз ҷумла, фаҳмиш дар бораи синфҳо, отрядҳо, оилаҳо, типҳо, ҷойи сукунати зиндагӣ, мутобиқшавӣ ба тағйироти мавсимии фаслҳои сол истифода мебаранд.

Танҳо 26%-и муаллимон маводи дар рафти супоришҳои тобистона ҷамъовардаи хонандагонро дар ҷараёни дарсҳо, машғулиятҳои фаннӣ, дар шабнишиниҳои биологию экологӣ, конфронсҳо, олимпиадаҳо ҳамчун маводи ёрирасон истифода мебаранд.

46%-и муаллимон оид ба ташкилу гузаронидани супоришҳои тобистонаи хонандагон аз сикли фанҳои биологӣ, ба саволҳои анкета тамоман посух надоданд.

Дар рафти озмоишҳои педагогӣ ва суҳбатҳо, пурсишҳои шифоҳӣ муаллимон иқрор шуданд, ки аз сабаби надоштани хоҳиши иҷрои супоришҳо аз тарафи хонандагон, онҳо аз гузаронидани “Супоришҳои тобистонаи хонандагон” худдорӣ менамоянд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаҳо, посухҳо ва пурсишу суҳбатҳои шифоҳӣ бо муаллимон маълум шуд, ки онҳо нақш ва мақоми супоришҳои тобистонаро дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, мустақилиятнокӣ ва инчунин рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ-экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназзсинфӣ аз фанҳои умумибиологӣ, баҳогузорию тавсиф ва тарҳрезӣ намекунанд.

Дар баробари ин “Супоришҳои тобистонаи хонандагон” дар он ҳолат барои хонандагон шавқовару хотирмон мегарданд, ки агар онҳоро ба роҳи ташкилу гузаронидани фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, таълимӣ, маърифатӣ, ҷанбаҳои фарҳангӣ - экологии хонандагон ва самтҳои кишваршиносӣ равона намоем. Дар ин ҳолат супоришҳои тобистона дар заминаҳои “омӯзед”, “таҳқиқ намоед”, “дарёфт кунед”, “муайян кунед” ба роҳ монда мешаванд.

Дар заминаи ин фаъолгардонии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, мустақилиятнокӣ, ҷанбаҳои рушди тарбияи фарҳангӣ -экологии хонандагон то як дараҷа тарҳрезӣ ва корбасту

арзёбӣ мегардад. Дар ин замина истифодаи маводи хонандагон дар мавриди “Супоришҳои тобистона” дар гузаронидани шабнишиниҳои биологӣ, конфронсҳо, дар раванди дарсҳою маҳфилҳои фаннӣ ба ақидаи мо натанҳо боиси ҳавасмандию сазовор гардидан ба сипосномаҳою дигар намудҳои мукофотҳо, балки боиси иштироки васеи хонандагон дар ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ, аз сикли фанҳои умумибииологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ, экология ва биологияи умумӣ) мегарданд.

Ҳамин тавр, фаъолгардонии ташаккули ҳисси табиатдустӣ, фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, омӯзиши мустақилона, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар алоқамандию ҳамбастагии машғулиятҳои беруназмактабӣ бо дарсҳо, шабҳои саволу ҷавоб, викторинаҳои биологию экологӣ, конфронсҳо, мушоҳидаҳои фенологию экскурсияҳо ба роҳ монда мешавад.

Барои фаъолгардонию ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои машғулиятҳои фарҳангию экологӣ ва дар маҷмуъ фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ, тафаккури мантиқии хонандагон дар раванди ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, дар як қатор таҳқиқотҳои олимону методистони бахшҳои гуногуни сикли фанҳои зистшиносӣ, тавсифу баррасӣ гардиданд.

Б.В. Всесвятский оид ба ташкилу гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ чунин навиштааст: “Дар баробари аҳамияти таълимию маърифатӣ доштан, мушоҳидаҳои фенологӣ аҳамияти тарбиявию табиатдӯстӣ дошта, боиси ташаккули дониш, маҳорату малакаи хонандагон мегардад” [39].

Ба ақидаи Б.В.Всесвятский [39] мушоҳидаҳои умумии фенологӣ, боиси муайян намудани ҳолати растаниҳо, тақвими табиат, тағйироти баҳории сол, давраҳои сабзиш ва инкишофи растаниҳо дар марҳилаи инкишофи нашъунамоӣ (вегетятивӣ) мегардад.

Ҳамин тавр, мушоҳидаи умумии фенологӣ, боиси таъмини ҳолати умумибиологӣ ва мушоҳидаҳои тӯлонии табиат мегардад.

Дар ҳар як фаррохии маҳалли муътадил, вобаста ба тағйирот, ҳодисаҳои мавсимӣ дар ҳаёти организми зиндаи табиат, гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, таълимию маърифатии хонандагон мегардад.

Мисолҳои маъмулу равшани гузаронидаи мушоҳидаҳои фенологӣ – ин мушоҳидаҳои гулкунӣ, пухтани меваҳо, хазонрезӣ ё баргрезӣ, парвозу кӯчиши паррандаҳо маҳсуб меёбанд.

Бо ақидаи С.С. Мирзоев [122] ташкилу гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ дар доираи талаботи барномаи таълимии сикли фанҳои умумибиологӣ, на танҳо боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, маърифату фарҳанги экологии хонандагон, балки тартиб додани тақвими табиат –ҳамчун солномаи мушоҳидаи ҳодисаҳои мавсимӣ, аз ҷумла гулкунии растаниҳои гуногуни мевадиҳанда, гулкунии умумии растаниҳои асаловар, пухтарасии зироатҳои ғалладонагию сабзавотҳо ва билохир муайян намудани муҳлати корҳои кишоварзӣ, кишт, шинонидан, нуриандозӣ, обёрӣ, ғунучини ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ва амсоли онҳо мегардад.

Дар мавриди мушоҳидаҳою озмоишҳои педагогӣ, аз ҷумла омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 5,18,19,32,37 ва 39 - и н.Фархор маълум шуд, ки муаллимон ба ташкилу гузаронидани чунин шакли муҳиму муфиди “Мушоҳидаҳои фенологӣ” эътибор намедиҳанд.

Аз ин рӯ, барои муайян намудани сабаби душвориҳои нагузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ ба 40 нафар муаллимони бахшҳои биология ва экология пурсиш бо саволномаҳои хаттӣ гузаронидем, ки аз саволҳои зерин иборат буд.

1.Оё Шумо мушоҳидаҳои фенологиро вобаста ба фаслҳои сол мегузаронед ё не?

2. Оё Шумо тақвими табиат ва меҳнатро тартиб медиҳед ё не?

3. Шумо маводи дар рафти мушоҳидаҳои фенологӣ ҷамъоварикардаи хонандагонро дар ҷараёни дарсҳо истифода мебаред ё не?

Аз омӯзиш, муоина, такмил ва ҷамъбасти натиҷаи анкета маълум гардид, ки 29%-и муаллимон ҷонибдори гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ буда, 30%-и омӯзгорон маводи ҷамъовардаи хонандагонро дар ҷараёни дарсҳо истифода мебаранд, ҳамагӣ 12% муаллимон тақвими табиату меҳнатро тартиб медиҳанд ва ба хонандагон дастрас менамоянд.

Дар натиҷаи гузаронидани пурсишномаҳои шифоҳӣ маълум гардид, ки бархе аз муаллимони ноҳия гузаронидани мушоҳидаҳои фенологиро чандон зарур арзёбӣ намекунанд.

Баҳри фаъолнокию ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, мо чунин мешуморем, ки роҳу усулҳои экологиякунонӣ ва омӯзиши маводи кишваршиносиро дар алоқамандӣ бо мушоҳидаҳои фенологӣ ва истифодаи онҳо дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ дар ҷамъбаст ва таъмину ҳалли ин қабил масъалаҳо, мо ба муаллимон чунин тавсияҳои методиро пешниҳод менамоем:

1. Омӯзиши олами растаниҳою ҳайвонот, нигоҳубини онҳо барои тартиб додани тақвими табиати маҳал, омӯзишу ҷамъбасти натиҷаҳои мавзуъҳои дар мавриди мушоҳидаҳои фенологӣ ҷамъовардаи хонандагон ба роҳ монда шавад.

2. Диққати хонандагонро ба муҳлати оғози гулкунӣ, ширадавонӣ, мевабандӣ дар тамоми давраи фасли баҳор (давраҳои якум, дуюм, сеюм, чаҳорум ва ғайраҳо), охири баҳор, оғоз ва анҷоми тобистон сафарбар кардан зарур мебошад.

3. Давраҳои гуногунии ҳодисаҳо ва тағйироти мавсимиро дар ҳаёти растаниҳо- ҳамчун индикатори тағйирёбии обу ҳаво дар ин ва ё он минтақаҳои ҷумҳурӣ дар маҷмуъ муайян кардан лозим аст.

4. Алоқамандии мушоҳидаҳои фенологии хонандагонро дар қитъаи замини таълимӣ – таҷрибавии мактаб ва дигар корҳои кишоварзӣ таъмин кардан зарур аст.

5. Хонандагон барои муайян кардани муҳлати кишт, майсазанию барориши зироатҳо, каланд кардани бехи ниҳолҳои пахта, дигар зироатҳо, хушабандӣ ё саракбандӣ, инкишофи баргҳои якум, ҳосилшавии меваҳо, пухтарасии тухмиҳо (марҳилаҳои асосии онҳо: давраи натиҷагирӣ, мумшавӣ ва пухтарасии пурра) ва ғайраҳо масъул гардонида шаванд.

6. Муайян кардани миқдори модаҳои ғизоӣ дар таркиби тухмиҳо, ҷараёни бухоршавии об аз барги растаниҳо.

Яке аз шакли машғулиятҳои беруназмактабӣ – ин “Ташкил ва гузаронидани экскурсия” ба шумор меравад, ки нисбат ба дигар шаклҳои машғулиятҳои беруназмактабӣ, аз рӯи мушоҳидаҳои мо, пурсишҳои шифоҳии муаллимони биология ва экология маълум шуд, ки камтар гузаронида мешаванд.

Методикаи ташкил ва гузаронидани экскурсияҳо ва нақши он дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ - экологии хонандагон, ҷанбаҳои ташаккули табиатдӯстӣ, фаъолияти таълимию маърифатӣ, рушду ҷанбаҳои фарҳанги экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз нигоҳи педагогию дидактикӣ тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Дар тадқиқотҳои худ С.С. Мирзоев [129] дарҷ намудааст, ки ҳамаи шаклҳои экскурсия, аз ҷумла экскурсияҳо ба табиат дар доираи барномаҳои таълимии сикли фанҳои умумибиологӣ, ба мавзеъҳои гуногун бо мақсади шиносонидани хонандагон бо сохти гуногунии системаҳои экологӣ, олами ҳайвонот ва набототи кишвари худ, муайян кардани гуногунии олами растаниҳою ҳайвонҳо, омӯзиши тарзи ҳаётгузаронии онҳо, инчунин, дарки арзишҳои боигариҳои табиат ва зарурияти ҳифзи онҳо равона карда мешавад.

Дар рафти мушоҳидаҳо ва озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 5,18,19,32,37 ва 39 - и н. Фархор, маълум шуд, ки муаллимони ботаҷриба дар мавриди ташкилу гузаронидани экскурсияҳои биологию экологӣ, ба чунин масъалаҳо диққати ҷиддӣ медиҳанд:

1. Дар замири хонандагон ташаккул додани маҳорату малака оид ба хусусиятҳои биологию экологии табиати маҳал, оид ба тағйироти мавсимӣ дар ҳаёти растаниҳои минтақа;

2. Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, дониш, маҳорату малака, ҷанбаҳои фарҳангию маърифатии хонандагон дар бораи бо ҳам алоқамандии растаниҳо ва ҳайвонот ба муҳити сукунати ҳаётгузаронии онҳо, хусусиятҳои мутобиқшавии биологии растаниҳо ба шароити муҳити беруна, инчунин ҳифзу оқилона истифода бурдани сарвату бойигариҳои табиат;

3. Ташаккули маҳорату малака, фаъолияти самтҳои ҳифзи табиат, бо ҳам муқоиса намудани объектҳо ва ҳодисаҳои биологӣ парваришу нигоҳубини растаниҳо ва ғайраҳо.

Дар мавриди пурсишҳои шифоҳии хонандагони таълимгоҳҳо айён гардид, ки аксари муаллимони сикли фанҳои умумибиологӣ, бахусус, ботаникаю зоология ва экология намудҳои гуногуни экскурсияҳоро дар доираи барномаҳои фанни таълимӣ ниҳоят кам мегузаранд.

С.С. Мирзоев дар таҳқиқотҳои худ қайд намудааст, ки “Экскурсия – яке аз шаклҳои муҳими ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ дорои аҳамияти таълимию тарбиявии гурӯҳи хонандагон, бо мақсади ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ - экологии хонандагон, омӯзиш ва шиносоӣ ба олами ҳайвонот ва набототи кишвари худ, яъне олами набототу ҳайвонот, ҳифзи табиату бойигариҳои гаронбаҳои он, мушоҳидаи объектҳою ҳодисаҳои табиат ва амсоли онҳо ба шумор меравад” [129].

Дар асоси омӯзиши таҳқиқоти олимону методистони сикли фанҳои табиатшиносӣ (ботаника, зоология, экология ва биологияи

умумӣ) Б.Е. Райков, К.П. Ягодовский Н.М., Верзилин, В.М. Корсунская, П.Т. Беляева, АН. Никишов, Б.В.Всесвятский, С.С. Мирзоев, К.П. Ягодовский ва дигарон ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Экскурсия – ин қисми таркибии машғулиятҳои таълимӣ, на сайругашти маданӣ ва саёҳатҳои ғайринақшавӣ маҳсуб меёбад.

2. Ҷой, макону мавзеъ ва муҳлати ташкилу гузаронидани экскурсияҳоро ҳаматарафа омӯхта, муайян бояд кард.

3. Дар мавриди таҳия ва тартиб додани нақшаи экскурсия, ҳатман бояд номгӯи мавзуъҳо, объектҳои мушоҳидашаванда ва таҷҳизоти зерин: симтур барои гербарияҳо, сачоқ барои доштани ҳашаротҳо, қуттиҳо барои нигоҳдории ҳашаротҳо, зарфҳои шишагин барои нигоҳубини хазандагон, либосу пойафзоли сабук, оби ҷӯшонидашудаи нӯшокӣ, дорухонаи сайёр бо таври возеҳ нишон дода шавад.

4.Аз гузаронидани экскурсияҳои бемақсад, ғайринақшавӣ ва берун аз нишондоди барномаҳои таълимӣ худдорӣ кардан лозим аст.

5.Дар мавриди суҳбату ҳикоя дар рафти экскурсияҳо, хонандагонро тибқи нақшаи таҳияшуда, ба омӯзишу шиносоии объектҳои асосӣ ҷалб кардан зарур мебошад.

6) Экскурсияро бо экскурсияҳои гузашта ва омӯзиши ҳодисаҳои мавсимӣ (барои мисол, хазонрезӣ, парвози турнаҳо, хоби зимистонаи ҳайвонҳо, нақшу тарҳи пайи паррандагону ҳайвонҳо дар болои барф, гулкунии растаниҳо, рангорангӣ ва пухтани меваҳою зироатҳои полезӣ ва амсоли онҳо) алоқаманд кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар назария ва амалияи омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ ва таҳқиқотҳои олимону методистон: Абдуллозода Ҳ. Шарипов М., Антонов П.К., Беляева П.Т., Верзилин Н.М., Корсунская В.М, Галвин В.М, Мирзоев С.С. мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтанд. Дар таҳқиқотҳои онҳо ёдрас шудааст, ки экскурсия аҳамияти таълимӣ, тарбиявию маърифатӣ дошта, тавассути он хонандагон ба ҳодисаҳои гуногуни табиат, аз ҷумла биосенозҳо, фаслҳои сол, хазонрезӣ, гулкунию

мевабандӣ шинос шуда, оид ба табиату боигариҳои гаронбаҳои он маълумоти амиқу возеҳ мегиранд.

Дар таҳқиқотҳои С.С. Мирзоев, [114] Абдуллозода Ҳ.М., ШариповИ. [4] ёдрас шудааст, ки экскурсияҳои биологию экологӣ аҳамияти зебопарастӣ дошта, дар ниҳоди хонандагон ҳисси табиатдӯстӣ, шавқу завқ, рушду ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологӣ, заруриятиҳифзу ғамхории табиату бойгариҳои онро пайваста ташакул медиҳад.

К.П. Ягодовский оид ба ташкилу гузаронидани экскурсия чунин қайд кардааст: «Мақсади ҳар як экскурсияи табиӣ- таърихӣ на ба он равона карда мешавад, ки хонандагонро ба таври зӯрӣ ё маҷбурӣ ба намудҳо ва номи ҳашароту гурӯҳи ҳайвонот, тавсифу муайянкунии хусусиятҳои маърифатию биологии растаниҳо, балки онҳоро ба мушоҳидаи ҷараёнҳои ҳаётии организмҳо дар шароити табиӣ шинос намудан мебошад» [200].

Экскурсия - яке аз шаклҳои муҳими машғулиятҳои беруназмактабӣ буда, нисбат ба дигар намудҳои ин қабил машғулиятҳо дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯйи маълумоти сохторҳои соҳаи маорифи кишвар, пурсишҳои хаттию шифоҳии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба хусус мушоҳидаю озмоишҳои педагогии мо бештар гузаронида мешавад.

Тибқи талаботи педагогӣ, дидактикӣ ва барномаҳои таълимии фанҳои биология ва экология экскурсия ба ҷангалу бешазорҳо, гармхонаҳо, қитъаҳои навъсанҷию ниҳолпарварӣ, фермаҳои чорводорӣ, мурғпарварӣ, боғҳои истироҳату фароғат, осорхонаи кишваршиносӣ бо мақсади ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, шиносоии онҳо бо гуногунии системаҳои экологӣ, бо олами ҳайвонот ва набототи кишвари худ, омӯзиши олами набототу ҳайвонот ва ҷойи ҳаёту сукунати зиндагии онҳо, инчунин дарку дарёфт ва азхудкунии бойгариҳои гаронбаҳои табиату ҳифзи онҳо ташкил ва гузаронида мешавад. Сохтори умумии машғулиятҳои беруназмактабӣ дар расми 2 оварда шудааст.

**Расми 1. Моделҳои фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар чараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология**



Дар мавриди гузаронидани экскурсияҳои биологӣ чунин масъалаҳои муҳим мавриди таваҷҷуҳ карор мегиранд:

1) дар ниҳоди хонандагон ташаккул додани ҳисси табиатдӯстӣ оид ба хусусиятҳои биологию экологии табиати маҳал, фаслҳои сол ва нақши онҳо дар ҳаёти растаниҳои минтақаи худ;

2) дар замири хонандагон ташаккул додани дониш, маҳорату малака доир ба боҳамалоқамандии растаниҳо бо муҳиту омилҳои он, хусусиятҳои биологии мутобиқшавии онҳо ва ҳифзу оқилона истифодабарии бойигариҳои табиату олами наботот;

3) ташаккули маҳорату малака ва фаъолияти таълимию маърифатӣ, муоинаю мушоҳидаи ҳодисаю объектҳои биологӣ, киштy нигоҳубини растаниҳо ва ғайраҳо.

Ҷой ва аҳамияти экскурсияҳои биологиро Б.Е. Райков муайян намуда, чунин қайд кардааст: «Ташкилу гузаронидани экскурсия дар мактаб на танҳо боиси густариши пурраи самтҳои таълимию тарбиявӣ, хоҳишу рағбат ва масъулиятнокии муаллимону хонандагон, балки яке аз ҷузъҳои таркибии барномаҳои таълимӣ ва нақшаи таълимии мактаб низ ба шумор мераванд» [131].

Акнун намунаи нақшаи тахминии экскурсияҳои биологиро дар радифи таҳқиқоти олимон: П.Ф. Антонов, Л.Т. Беляева, Н.М. Верзилин, С.С. Мирзоев ҳамчун маводи ёрирасон ба омӯзгорону методистони соҳа пешниҳод менамоем:

1. Мавзуи экскурсия;

2. Мақсад ва вазифаҳои экскурсия;

2.Сохтор ва марҳалаҳои экскурсия;

3.Мундариҷа ва методикаи гузаронидани экскурсия;

4.Саёҳат ба объекту унсурони мушоҳидашаванда;

5. Ҷой, муҳлат ва вақти гузаронидани экскурсия;

7.Ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоӣ ва хулосаҳои экскурсия;

8.Маводи тайёркардаи хонандагон (растаниҳои хушккардашуда, (гербарияҳо), хӯсаи хазандагону паррандагон, коллексияи ҳашарот, яъне корҳои мустақилонаи хонандагон ва ғайраҳо);

9. Ҷамъбасти экскурсия ва аз ҷониби хонандагон навиштани ҳисоботу маърӯзаҳо;

10.Тартиб додани албомҳо оид ба хушконидани растаниҳо ва ҷамъоварии ҷинсҳои якҷинса;

11.Истифодаи маводи дар раванди экскурсия ҷамъовардаи хонандагон дар дарсҳои амалӣ ва озмоишӣ аз тарафи муаллимони биология;

12.Бо таври умумӣ ҷамъбаст кардани натиҷаҳои ниҳоии экскурсия ва корҳои мустақилонаи хонандагон;

13.Ҷамъбасти нақшаи гузаронидани экскурсия ва ҳавасмандгардонии хонандагон.

Ташкили бомақсади экскурсия тибқи талаботи барномаҳои таълимӣ, на танҳо боиси ташаккули шавқу завқ ва ҳисси табиатдӯстии хонандагон, балки боиси ҳаллу фасли мақсаду вазифаҳои равандҳои ҷараёни таълиму тарбияи онҳо мегарданд.

Ба андешаи мо саёҳат (экскурсия) ҷузъи таркибии бомарому боэътимоди раванди таълим ба ҳисоб рафта, дараҷа ва доираи дониши хонандагонро оид ба омӯзиши олами набототу ҳайвонот ва дигар унсурони табиат бою ғанӣ мегардонад.

Дар бораи банақшагирии экскурсия методистони машҳури рус Н.М. Верзилин ва В.М. Корсунская чунин навиштаанд: «... ҳангоми тартиб додани нақшаи солонаи тақвимӣ аз фанҳои биология, муаллим муҳлати гузаронидан, мавзеъ ва сайрхати экскурсияро ба ҳисоб гирифта, оннро бо мазмуну мундариҷаи дарсҳои гузашта алоқаманд менамояд» [36].

Пеш аз ташкил ва гузаронидани экскурсия, муаллим бояд хонандагонро ба харитаи саёҳат, ҷой, мавзеъ, рӯзу муҳлат, асбобу анҷомҳои таҷҳизот (сачоқҳо, борхалтаҳо, албому каламҳо, қайчиҳо,

дурбин, таҷҳизоти суратгирӣ, васоити методӣ, компас, дорухонаи сайёр ва ғ-ҳо), унсурони мушоҳидашавандаи табиат, белҳои хурд, таноб, лентаи сантиметрӣ, қуттиҳо барои нигоҳдории ҳашарот, либосу пойафзоли сабук, напӯшидани либосҳои ранга (ин қабил либосҳо боиси парвози паррандагон мегарданд), бо овози баланд гуфтугӯ накардан, ба болои дарахтон набаромадан, мусиқиҳои баландовозро истифода накардан ва амсоли онҳо муттасилан шинос намоянд.

Баҳри ташаккули шавқу завқ, тарбия ва маърифати экологии хонандагон ба муаллим лозим аст, ки дар мавриди саёҳатҳо (экскурсияҳо) онҳоро ба гуногуншаклии ҳашарот, қунғузҳо, хазандагон ва паррандагони маҳал шинос намоянд.

Аз натиҷаи ниҳоии таҷрибаи мактабҳо ва таҳқиқоти мо бармеояд, ки ташкил ва гузаронидани экскурсия, пеш аз ҳама, аз омӯзиши хусусиятҳои биологию экологии ҷангалзорҳою марғзорҳо оғоз мегарданд. Аммо, баъзе аз омӯзгорон экскурсияро ба дарсҳои иловагӣ табдил дода танҳо, тариқи гузориши саволҳо ба хонандагон пурсиш мегузаронанд.

Ташкил ва гузаронидани экскурсия ба табиат, музеи кишваршиносӣ, фермаҳои чорводорию мурғпарварӣ на танҳо боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстию зебопарастӣ ва маърифати экологии хонандагон мегардад, балки ба зина ба зина бою ғанигардии дониш, маҳорат ва малакаи онҳо оид ба гуногуншаклии организмҳои зинда ва мутобикшавии онҳо ба муҳити сукунати зиндагӣ, ҳифзу одилона истифодабарии бойигариҳои табиати кишвари худ мегарданд замина фароҳам меорад.

Хулоса, экскурсияҳои биологӣ аз як тараф боиси таъмину омӯзиши бомароми маводи барномавӣ дар ҷараёни дарс гарданд, аз тарафи дигар, шавқу завқи хонандагонро ба шиносоию омӯзиши олами набототу ҳайвоноти кишвари хеш зиёд мегардонанд.

Намунаи нақшаи тахминии ташкил ва гузаронидани экскурсияро пешниҳод менамоем.

Нақшаи мухтасари саёҳат (экскурсия).

1. Ҷамъомади умумии хонандагони мактаб бо мақсади тақсими вазифаҳо, гурӯҳҳо, таҷҳизот ва тайёрии пурраи онҳо ба саёҳат (экскурсия).

2.Тавсифи мухтасари хусусиятҳои биологию экологии намояндагони олами ҳайвонот ва набототи маҳал.

3.Супоришҳои инфиродӣ ва гурӯҳии хонандагон тибқи нақшаи экскурсия.

4.Ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии экскурсия ва аз ҷониби хонандагон навиштани ҳисобот, ҷобаҷогузории растаниҳои хушконидашуда, ҷамъи ҳашарот, тавсифи шароитҳои табиӣ, аз ҷумла, марғзорҳо, рӯйхати растаниҳою ҳайвонҳо, хазандагон, ҳашарот, ширхӯроне, ки дар мавриди саёҳат мушоҳида намуданд.

**Мақсади экскурсия**:

1.Шиносонидани хонандагон ба намояндагони олами ҳайвонот ва набототи кишвари худ;

2.Татбиқи амалии донишҳои назариявии хонандагон оид ба гуногунии олами набототу ҳайвонот (зироатҳои ғалладонагӣ, лубиёгиҳо, растаниҳои мевадиҳанда, хазандагон, ҳашарот, ширхӯрон ва ғайраҳо);

3.Асбобу анҷомҳои таҷҳизотӣ (сачоқҳо барои доштани ҳашарот, турхалтаҳо барои хушконидани растаниҳо, белчаҳои хурду калон, қайчӣ, лентаи сантиметрӣ, эфир, формалин, спирт, дока, пахта, мӯйчинак (пинсеп), заррабин, дурбин, қутбнамо, дорухонаи сайёр, борхалта ва ғайраҳо);

4. Дар ҷараёни омӯзиши зоология мушоҳидаҳои дарозмуддат оид ба инкишофи хайвонҳо, аз ҷумла, муғчабандии хидра, кирминаи шабпараки карам ва дулона, пашша, қурбоққа, ҷобаҷогузории хоначаҳо ё лоначаҳо дар атрофи бинои мактаб гузаронида мешаванд.

**Тайёрӣ ба экскурсия:**

1. Баҳисобгирии шароитҳои обу ҳаво (ҳаво бояд гарм, софу беғубор бошад, шамол чандон босуръат навазад);

2. Шиносоии пешакии хонандагон ба ҷой, мавзеъ, омӯзиши объекту унсурони асосии табиӣ, хусусиятҳои биоэкологи хайвоноту паррандагон ва ғайраҳо);

3. Ба хонандагон фаҳмонидани вақт, мақсад ва вазифаҳои экскурсия;

4. Шиносонидани хонандагон ба таҷҳизоти асосии экскурсия (ба хонандагон фаҳмонидан лозим аст, ки паррандагон хеле ҳам ҳушёру серҳаракат буда, ба зудӣ парвоз мекунанд, аз ин рӯ, барои натарсонидани онҳо, бояд хонандагон либосҳои зардчатоб ё хокистарранг дошта бошанд);

5.Шиносоии хонандагон бо микрофлораи маҳал (бо ҳашарот, паррандагон, калтакалосҳо, морҳо, шаппалакҳо, сангпӯштон, хорпустон ва ғайраҳо);

6.Дар рафти экскурсия аз ҷониби хонандагон дар рӯзномаҳо ва албомҳо ба қайд гирифтани натиҷаҳои мушоҳида.

**Акнун, намунаи варақаи экскурсияро пешниҳод менамоем:**

Рақами хонанда: _____1______ Синф ____7_____________

Рӯз ва муҳлати саёҳат (экскурсия)__24.03.2021___________

Ному насаб ва номи падари хонандагон _________________

____________________________________________________

Мавзуи саёҳат (экскурсия) Омӯзииши ҳайвоноти маҳал

Номи мавзеъ ё маҳале, ки саёҳат гузаронида мешавад

деҳаи Алоуддиин

Ҷой ва маҳали ҷойгиршавии саёҳат (экскурсия)

Фермаи парандапарварӣ ва чорводорӣ

Олами ҳайвонот ва набостот, шароитҳои иқлимӣ-ҷуғрофӣ

Гуногуншакл

**Номгӯи ҳайвонҳои минтақа**:

Паррандагон мурғ, мурғобӣ, қоз

Хазандагон_________________________________________

Ширмакон_гов, гусфанд, бул

Ҳашарот____________________________________________

Қайдҳои махсуси хонандагон оид ба экскурсия

Экскурсия маърифати экологии моро зиёд кард

Эзоҳ: _____________________________________________

Хулосаҳо Бо ин роҳ метавон бо олами ҳайвонот штнос шуда, оиди ҳаёти онҳо ва аҳамияти онҳо маълумот ггирем.

Истифодаи натиҷаҳои ниҳоии экскурсия дар ҷараёни дарсҳо ва маҳфилҳои фаннӣ.

7.Заминаҳои назариявӣ барои гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ба вуҷуд оварда шуд.

## Хулосаи боби якум

Дар дар боби якуми рисолаи илмӣ мо масъалаҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва фарҳанги экологии хонандагон, асосҳои педагогӣ ва дидактикии ташаккули фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ аз фанни биология баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро ба даст овардем:

1. Ҷанбаҳои таърихию этнокии пайдоиши масъалаҳои ба муҳити зист ва ҳифзи он алоқаманд мавриди омӯзиш таҳлил ва тадқиқ қарор гирфта шуда, алоқамандии он дар марҳилаҳои гуногун нишон дода шудаанд.

2. Сикли фанҳои умумибиологӣ тасниф шуда, баҳамалоқамандии онҳо дар масири муайян ошкор карда шуд.

3. Зуҳури экология ҳамчун фан, тафсири истилоҳот арзёбӣ шуда, мақсад ва вазифаҳои он дар марҳилаҳои таъриихӣ муқаррар карда шуд.

4. Таҳлил, муқоиса ва омӯзиши адабиёти гуногун ба роҳ монда шуда, корҳоии анҷомдодаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон оиди муҳити зист, олами набототу ҳайвонот ва ҳифзу нигоҳдории онҳо мавриди назар қарор гирифтанд.

5. Асосҳои педагогию дидактикии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва фарҳанги экологии хонандагон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар раванди таълими фанҳои умумибиологӣ коркард шуда, роҳҳои амалисозии онҳо пешниҳод карда шуд.

6. Навъҳои гуногуни машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ тасниф шуда, шарҳи муффасали онҳо бо методикаи амалишавиашон тавсия карда шуд.

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИРИ МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА БЕРУНАЗМАКТАБИИ СИНФҲОИ 5-9 ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ УМУМИБИОЛОГӢ

## 2.1. Нақш ва мақоми донишҳои экологӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологии хонандагон

Дар замони муосир системаҳои педагогӣ, психологӣ ва методӣ баҳри ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбияи маърифати экологии хонандагон, азнавсозӣ, такмил, таҳия ва ислоҳоти мазмуну мундариҷаи таълими сикли фанҳои умумибиологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиологияю беҳдошти саломатии экология) - ро тақозо менамояд.

Дар раванди таҳқиқот ва мушоҳидаҳои мо маълум гардид, ки экологикунонии мазмуну мундариҷаи циклии фанҳои табиӣ дар ҷараёни таълим то дараҷае боиси амаликунонии ҷанбаи мундариҷавӣ ё арзёбии муайяни таҳқиқот асосҳои педагогии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати ниҳоии экологии хонандагон тавассути равандҳои ҷаҳонбинӣ, методологӣ, самтҳои амалӣ, эмотсионалӣ, проблемавӣ тарҳрезӣ мегардад.

Чунин ҷанбаҳои экологикунонии раванди таълим дар таҳқиқотҳои И.К. Лисеев (1990) ба таври зайл тавсиф шудаанд, яъне инсон ҳоло дар маркази тавсифу муттаҳидкунии (интегратсия) проблемаҳои глобалӣ, аз ҷумла ташаккули шакли нави тафаккур - азбаркунии системаҳои яклухту пурра, таҳти унвони “Табиат – инсон – ҷамъият” арзи кору фаъолият ва ҳастӣ дорад. Н.Н. Кисилёв (1991) қайд кардааст, ки муносибати инсон ба табиат ҳамон ҷанбаҳои ахлоқиро талаб мекунад, ки ба муносибати якдигарии одамон якмақсаду якмаром мебошанд. Аз ин рӯ, ӯ навиштааст, ки дар раванди умумикунонии фанҳои таълимӣ, яъне сикли фанҳои табиӣ, бахусус биологияи умумӣ нақши муҳим мебозад, чунки дар сохтори фанҳо ҷойи намоёнро ишғол

карда, фанҳои ҷомеашиносӣ ва табиатшиносиро бо ҳамдигар пайваст мекунад. Ба ақидаи В.С. Степин ва Л.Ф. Кузнецова донишҳои экологӣ дар ҳалли масъалаҳои бо ҳам алоқаманд, ки ба инсон ва табиат аҳамияти махсус доранд, яъне принсипҳои экологӣ аҳамияти илмӣ – ҷаҳонбинӣ, рукнҳои этикии масъулият одам баҳри ҳифзи табиат бойгариҳои онро тақозо мекунад.

Фаҳмишҳои биоэтикӣ навиштааст Т.В. Гардашук иборат аз андешаю ақидаҳои ахлоқии инсон, алоқамандии муттасили он бо табиат, ҷавобгарии ҳуқуқӣ оид ба нигоҳдории табиату сарватҳои он иборат мебошад.

Муҳимии ҷанбаҳои ахлоқӣ – ҳуқуқии масъалаи "Ҷамъият – Табиат – Инсон" аз проблемаҳои ҳодисаҳо, садамаҳо, мушкилоти глобалии умумибашарӣ, аз ҷумла хушксолӣ, гармшавии иқлими сайёра, хатарҳои тамоми мавҷудоти зинда бахусус инсон, яъне ташаккули ахлоқи наву бошуур, оид ба масъулияти инсон ҷиҳати ҳифзи табиат, сарвату бойгариҳои гаронбаҳои он, ҳифз ва нигаҳдории табиати ҷомеаи умумибашарӣ маҳсуб меёбад.

А.В. Яблоков [199] масъалаҳои ба ҳама алоқамандии ҷамъият, табиатро проблемаи "Инсон ва ахлоқи он" номгузорӣ намуда, қайд кардааст, ки дар шароити афзудани бо ҳам алоқамандии инсон аз тағйироти антропогении муҳити атроф, ҳифзи биосфера, ҳамаи системаҳои экологӣ ва шаклҳои ҳаётӣ дар соҳаҳои таълиму тарбиявӣ мақоми махсусро ишғол мекунанд.

Ташаккули фарҳанги экологии хонандагон навиштааст И.Д. Зверев [68] бо дарёфт ва рушди донишҳои экологӣ, гурӯҳи экологии идоракунандаи фаҳмиши ҷомеа вобастагӣ дорад. Фарҳанги экологӣ ба ақидаи ӯ, боиси ташаккули ҷанбаҳои донишу боварӣ, амалӣ доир ба ҳифзу ғамхорӣ ба табиат мегардад. Дар таҳқиқотҳои худ И.Т. Суравегина [165] ва Н.М.Мамедов [109] ёдрас шудаанд, ки яке аз аломатҳои гузариши ҷомеа ба инкишофи устувор ин азнавсозӣ, таҳия ва

бозсозии мақсад, мазмун ва мундариҷаи маълумоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбанд, ки танҳо ва танҳо дар ҷараёни таълиму тарбия, аз ҷумла таълими сикли фанҳои умумибиологӣ амалӣ мегарданд.

Ҳамин тавр, аз ҳамаи таҳқиқотҳои болозикр бармеояд, ки такмилу азнавсозии мундариҷаи ҷанбаҳои омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ, тавассути рушду инкишофи донишҳои экологӣ, боиси ташаккули равандҳои илмӣ – ҷаҳонбинӣ, методологӣ, амалию эмотсионалӣ, бо маром рушду инкишофи ҳисси табиатдӯстӣ, маърифатию фарҳанги экологӣ мегарданд.

Аз нуқтаи назари В.С. Соколов ва Н.М. Чернова ба таври ҷиддӣ ва тибқи талаботи педагогӣ тайёр намудани мутахассисони бахшҳои биология ва экология дар заминаи илмию назариявии донишҳои касбӣ дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ амалӣ мегарданд. Аз ин рӯ, фанҳои биология ва экология имконияти васеи тавсиф, корбаст ва тарҳрезии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагонро бо пуррагӣ таъмин мекунанд.

Асосҳои методологӣ, педагогию психологии тарбия ва маърифати экологии хонандагон дар таҳқиқоти С. Акрамов [6], С.Н. Глазачев [43], А.Н. Захлебний [64], И.Д. Зверов [73], С.С.Мирзоев [117], А.Раҳимов [147], А.Ҳалимов [180], И.Т.Суравегина [166], М.Саидов [151], Р.Забиров [62], АА.Эргашов [198], тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Бо истифода аз таҳқиқотҳои муҳаққиқи соҳаи дидактика И.Я. Лернер [104], - ҷузъи таркибии муҳофизати табиат ва тадбирҳои экологиро баррасӣ менамоем:

1. Системаи донишҳои биоэкологию экологӣ оид ба табиат, ҷомеа ва ҷараёни боҳамалоқамандкунии онҳо;

2. Ташаккули умумии фаъолияти зеҳнию равонӣ ва маҳорату малакаҳои амалӣ;

3. Фаъолияти таҷрибавию эҷодӣ оид ба омӯзиши муҳити беруна.

И.Д. Зверев [68] оид ба ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҳифзи табиат, ҷанбаҳои тарбия ва маърифати экологии хонандагонро чунин тасниф намудааст:

а) ташкили самтҳои корҳои фоиданоки ҷамъиятии хонандагон оид ба ҳифзи объектҳои табиат, маҷмуи бойгариҳои он ва азхудкунии сарватҳои гаронбаҳои табиат;

б) боҳамалоқамандкунии корҳои амалӣ оид ба заминаҳо, донишҳои экологӣ дар самти самти фанҳои табиатшиносӣ;

в) намудҳои гуногуни фаъолият ва роҳу усулҳои ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабии хонандагон (маҳфилҳои фаннӣ, озмунҳо, колоквиумҳо, викторинаҳои экологию биологӣ, конфронсҳо, шабнишиниҳо, олимпиадаҳо, экскурсияҳо ва амсоли онҳо).

Барои омӯзишу таҳқиқ ва амалишавии донишҳои экологӣ ҷиҳати ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои табиатшиносӣ дар рафти озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37, ва 39-и ноҳияи Фархор (тариқи анкетакунонӣ, пурсишҳои шифоҳии омӯзгорону хонандагон, корҳои хаттии санҷишӣ ва ғайра) – ро ба дарсҳои муаллимони биология, машғулиятҳои таҳлилии фаннӣ бо мақсади муайян кардани муносибати муаллимон ба омӯзиши масъалаҳои ҷанбаҳо, донишҳои экологӣ, роҳу усул ва методҳои гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ иштирок намуда, тибқи амсилаи таҳқиқот озмоишҳои педагогиро гузаронидем. Бо ин мақсад тариқи анкетагузаронӣ ба муаллимон чунин саволҳо пешниҳод карда шуд:

1. Оё Шумо дар раванди дарсҳо, ба гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ (машғулиятҳои фаннӣ озмунҳо, викторинаҳо, инчунин омилҳои ташаккулдиҳандаи ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагон) диққат медиҳед ё не?

2. Шумо масъалаҳои машғулиятҳои беруназсинфиро баррасӣ менамоед ё не?

3. Шумо ба масъалаҳои экологии ҳифзи табиат эътибор медиҳед ё не?

Дар рафти озмоишҳои педагогӣ, дар мавриди гузаронидани саволнома-анкетаҳо 20 нафар муаллимони таълимгоҳҳои №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор иштирок карданд. Аз натиҷаи омӯзиш, таҳлилу ҷамъбасти саволҳои анкета маълум гардид, ки 30% муаллимони биология ва экология ба мундариҷаи дарсҳо ворид намудани масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла кабудизоркунии маҳаллаҳои аҳолинишин, қитъаи таълимӣ- таҷрибавии таълимгоҳҳо, аҳамияти растаниҳо барои инсон, ҳифзи растаниҳои шифобахш, ҳашаротҳои фоидаовар, обанборҳо, гуногунии олами растаниҳою ҳайвонҳои маҳалли худ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Ҳамзамон, ба саволҳои анкетавӣ – 26% муаллимон дар ҷараёни дарсҳо ворид намудани масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла машғулиятҳои беруназсинфиро зарур мешуморанд. Билохир 18% ба истифодаи машғулиятҳои беруназсинфӣ дар дарсҳои экология ва биология ҷонибдорӣ карданду халос. Дар маҷмуъ аксари муаллимон ба саволҳои анкета чандон ҷавобҳои пурраю саҳеҳ ва илман асоснок дода натавонистанд. Дар натиҷаи ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии анкетагузаронӣ ва суҳбатҳои шифоҳӣ бо омӯзгорони биологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии н. Фархор маълум гардид, ки ба масъалаҳои ҳифзи табиат, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагон, натанҳо дар раванди дарсҳо, балки дар мавриди гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, аз сабаби мавҷуд набудани адабиёти таълимию методӣ бо забони тоҷикӣ, начандон ба таври саҳеҳ инъикос ёфтани ин масъалаҳо дар китобҳои дарсӣ аз фанҳои биология ва экология, нокифоя будани базаи моддӣ – таълимӣ, таҷҳизонидани кабинету озмоишгоҳҳои биологӣ бо асбобу анҷомҳои аёнӣ (гербарияҳо, хӯсаҳои паррандагону хазандагон, васоити

таълимӣ– методӣ) ва воситаҳои техникии таълим – ВТТ (микроскопҳои равшанидиҳандаю электронӣ, компютер, тахтаҳои электронӣ ва ғайраҳо) чандон ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст.

Бахри муайян кардани ҷанбаҳои педагогии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 ва 6 – и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор, дар доираи барномаи таълимии фанни “Ботаника” саволнома – анкетаҳо гузаронида шуд. Дар мавриди озмоишҳои педагогӣ ва анкетакунонии 292 нафар хонандагони синфҳои 5 ва 282 нафар хонандагони синфҳои 6 иштирок намуданд. Анкетагузаронӣ барои синфҳо 5 оид ба саволҳои: 1. “Баргҳои сода аз баргҳои мураккаб чӣ тавр фарқ мекунанд?”, 2. “Вазифаҳои баргро номбар кунед?”, 3. “Барои чи ранги барги растаниҳо сабз мебошанд?” 4. “Барои чӣ дар фасли тирамоҳ ранги баргҳо зард ва қисман сурхчатоб мешаванд?” 5. “Сабабҳои асосии хазоншавӣ ё рехтани баргҳоро муайян кунед?”

Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5-и озмоишӣ ва 5-и назоратӣ ба саволҳои анкетаи №1 чунин мебошад (Ҷадвали 1., бо %)

**Ҷадвали 1.**

**Ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5-и озмоишӣ ва 6-и назоратӣ**

| Ҷавобҳои хонандагон (бо ҳисоби %) | Синфҳои 5-ум | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳои озмоишӣ (126 нафар) | Гурӯҳҳои санҷишӣ (166 нафар) |
| Ҷавобҳои дуруст ва пурра | 58 | 48 |
| Ҷавобҳои дуруст, аммо нопурра | 24 | 20 |
| Ҷавобҳои нодуруст | 18 | 32 |

**Диаграмаи 1(А) натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5-и озмоишӣ ва 5-и назоратӣ ба саволҳои №2**




Аз омӯзишу таҳлили саволномаҳои анкетаҳои №1, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд, маълум шуд, ки ҷавобҳои дурусту пурраи гурӯҳи озмоишӣ ба ҳамаи саволҳо 58% ва аз гурӯҳи санҷишӣ 48%-ро ташкил намуд. Ҳангоми таҳлили натиҷаҳои анкетаи №1 маълум шуд, ки дараҷаҳои хонандагони гурӯҳи озмоишӣ, пурра, саҳеҳ ва илман асоснок буда, ҷавобҳои гурӯҳи санҷишӣ бошад, номукаммал нопурраю дорои бисёр саҳву хатогиҳо буд. Аз ин рӯ, ҷавобҳои пурраю яклухти гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба ҷавобҳои гурӯҳи санҷишӣ 10% зиёд мебошад.

Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 6-ум гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ ба саволномаи анкетаи №2 чунин мебошад (Ҷадвали 2., бо %).

**Ҷадвали 2.**

**Натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 6-ум гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ**

| Натиҷаи ҷавобҳои хонандагон | Синфҳои 6-ум | |
|---|---|---|
| | Гурӯҳи озмоишӣ (144 нафар) | Гурӯҳи санҷишӣ (138 нафар) |
| Ҷавобҳо ё посухҳои дуруст ва пурра | 62 | 50 |
| Ҷавобҳои дуруст аммо нопурра | 26 | 32 |
| Ҷавобҳои нопурра | 12 | 18 |

Диаграммаи 1 (Б) Гурӯҳи санҷишӣ(138 нафар)




Аз натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5-ум ба саволҳои анкетаи №2 бар меояд, ки ҷавобҳои яклухти гурӯҳи озмоишӣ 62 % буда, аз гурӯҳи санҷишӣ 50%-ро ташкил медиҳанд, яъне дараҷаи донишазхудкунии гурӯҳи озмоишӣ аз гурӯҳи санҷишӣ 12% зиёд мебошад. Ҳамзамон маълум гардид, ки хонандагони гурӯҳи озмоишӣ бо саволҳои анкета хеле бомасъулият, пурра бо истифода аз мисолу масъалаҳо, илман асоснок ҷавоб дода, баръакс гурӯҳи санҷишӣ ба аксар саволҳои анкетаи №2 ҷавобҳои мушаххасу асоснок дода натавонистанд, ҳатто дар бораи сохт, шакл, намуд ва вазифаҳои реша маълумоти кофӣ пешниҳод накарданд.

Бо мақсади муайян кардани дараҷаи дониш, маҳорату малака ва дараҷаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагони синфҳои 9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор аз фанни «Анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ» тариқи анкетакунонӣ озмоиши педагогӣ гузаронидем, ки дар озмоиш 274 нафар хонандагони синфҳои 9-ум иштирок карданд. Дар анкетаи №3 чунин саволномаҳо пешниҳод карда шуд: 1) «Дар бораи скелет, шакл ва вазифаҳои он маълумот диҳед?»; 2) «Дар бораи устухонҳои қафаси сина маълумот диҳед»; 3) «Дар бораи сохту вазифаҳои сутунмухра маълумоти мушаххас диҳед?»; 4) «Дар

бораи намудҳои пайвастшавии устухонҳо маълумот диҳед?»; 5) «Скелети бадани одам ба чанд қисм тақсим мешавад?».

Ҳангоми омӯзиш, таҳлил ва натиҷаҳои саволҳои анкетаи №3, дар рафти озмоишҳои педагогӣ, дараҷаи дониш, маҳорату малакаи хонандагони синфҳои 9-ум (ҳам гурӯҳҳои озмоишӣ ва ҳам гурӯҳҳои санҷиширо), аз рӯйи 3 меъёр, ки дар ҳамаи озмоишҳои педагогӣ қабул гардидаанд, яъне «Дараҷаи баланди донишазхудкунӣ», «Дараҷаи миёнаи донишазхудкунӣ» ва «Дараҷаи пасти донишазхудкунӣ» санҷида муайян намудем, ки натиҷаи ниҳоии онҳо дар диаграммаҳои 1 (А-гурӯҳи озмоишӣ) ва 2 (Б- гурӯҳи санҷишӣ) пешниҳод карда мешавад.

**Диаграммаи 1 (А- гурӯҳҳои озмоишӣ)**




Аз маълумоти омории дар диаграммаи 1 (А) овардашуда, маълум гардид, ки дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи экологии хонандагони синфҳои 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми ноҳияи Фархор, аз рӯйи меъёрҳои «Дараҷаи баланд», «Дараҷаи миёна» ва «Дараҷаи паст» дар тули 3 соли озмоишҳои педагогӣ ба таври зайл мебошад: нишондиҳандаи дараҷаи баланд – соли 1 -ум (2017-2018)-52%, соли 2 –юм (2018-2019) – 62% ва соли 3 –юм (2021-2022) – 68%; нишондиҳандаи дараҷаи миёна – соли 1 -ум (2017-2018)-26%, соли 2 –юм (2018-2019) – 18% ва соли 3 –юм (2021-2022) – 20%; нишондиҳандаи дараҷаи паст – соли 1 -ум (2017-2018)-12%, соли 2 –юм (2018-2019) – 20% ва соли 3 –юм (2021-2022) – 12% мебошад.

**Диаграммаи 1 (Б- гурӯҳҳои санҷишӣ)**




Дар мавриди ҷамъбасти натиҷаи маълумоти омории дар диаграммаи 1 (Б) маълум шуд, ки дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи экологии хонандагони синфҳои 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор тибқи меъёрҳои «Дараҷаи баланд», «Дараҷаи миёна» ва «Дараҷаи паст» дар тули 3 соли озмоишҳои педагогӣ ба таври зайл мебошад: нишондиҳандаи дараҷаи баланд – соли 1 -ум (2017-2018)-42%, соли 2 –юм (2019-2020) – 52% ва соли 3 –юм (2021-2022) – 60 %-ро ташкил намуд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи ҷамъбасти умумии маълумоти омории дар диаграммаҳои 1(А) ва 1(Б) маълум гардид, ки дараҷаи дониш, маҳорату малакаҳои экологии хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ нисбат ба натиҷаҳои донишазхудкунии хонандагони гурӯҳҳои санҷишӣ бо ҳисоби миёна дар соли 1-ум (2017-2018) – 10%, соли 2-юм (2019-2020) – 10% ва соли 3-юм (2021-2022) – 8% зиёд мебошад, яъне ҷавобҳои синфҳои 9-уми озмоишӣ ба таври хаттӣ хеле саҳеҳу пурра бо дарҷи мисолҳои амалӣ буда, ҷавобҳояшон мукаммал, амиқу возеҳ ва илман асоснок мебошанд.

Ҳамзамон, ҳисоби миёнаи «Дараҷаҳои баланди донишазхудкунии синфҳои озмоиши 9-ум (диаграммаи 1 А)» дар тули 3-соли озмоишҳои педагогӣ – 60,6% буда, аммо меъёрҳои «Дараҷаи баланди донишазхудкунии синфҳои 9-уми санҷишӣ аз рӯи маълумоти омории дар (диаграммаи 1 Б)» овардашуда, бо ҳисоби миёна – 51,3% - ро ташкил медиҳад, ки тақрибан аз нишондодҳои дараҷаи баланди донишазхудкунии хонандагони гурӯҳи озмоишӣ 9,5% кам мебошад.

Бо мақсади экологиякунонии мазмуну мундариҷаи сикли фанҳои зистшиносӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ, экология) ва омӯзиш, таҳқиқ ва муайян намудани дараҷаи ташаккули инсон, табиатдӯстӣ, тарбияи маърифату фарҳанги дониш, маҳорату малакаҳои экологии хонандагони синфҳои 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор вобаста ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ, тариқи анкетакунонии ҷараёни омӯзиши фанҳои «Экология» ва «Биология» 4-то мафҳуми экологӣ, «омилҳои экологӣ», «муҳити зист», «ҷомеаи табиӣ» ва «ҳифзу истифодаи самараноки сарвату бойгариҳои биологию табиӣ»-ро интихоб ва дар рафти озмоишҳои педагогии худ мавриди омӯзишу тарҳрезӣ қарор додем.

Барои омӯзишу баррасии омилҳои болозикри биологию экологӣ, чунин саволҳоро вориди анкетаҳою корҳои хаттиӣ-санҷишии хонандагон намудем, аз ҷумла:

1. «Об ва аҳамияти он дар ҳаёти растаниҳо»;

2. «Омилҳои биотикиро номбар кунед»;

3. «Кадом омилҳоро омилҳои обнотикӣ меноманд?»;

4. «Дар бораи таъсири омилҳои антропогенӣ ба муҳити зист ва олами растаниҳою ҳайвонҳо маълумот диҳед».

Ҳадафи асосии ба анкета – саволномаҳо ворид намудани омилҳои болозикр, ба омӯзиш, муоина ва аз нигоҳи биологию экологӣ муайян намудани масъалаҳои боҳамалоқамандии организмҳои зинда, олами набототу ҳайвонот, инсон ва табиат, баррасии ҷой, макон ва маскани сукунати зиндагии олами растаниҳою ҳайвонҳо, намудҳои биосфера, биосенозҳо баҳри ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия, маърифат ва фарҳанги экологии хонандагон ва билохир бо истифода аз роҳу усулҳо, методҳои таълим дар раванди машғулиятҳои таълимӣ (бевосита дарсҳо) ва тавсифу баррасии машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад. Дар давраи гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва анкетакунонӣ 274 нафар

хонандагони синфҳои 9-уми таълимгоҳҳои ноҳияи Фархор иштирок намуданд.

Тибқи тафсилоту талаботи таҳқиқотҳои педагогию дидактикӣ дараҷаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифату фарҳанги экологӣ, дониш, маҳорату малакаҳои экологии хонандагони синфҳои 9-уми озмоишӣ (диаграммаи 2 (А) ва синфҳои 9-уми санҷишӣ (диаграммаи 2 (Б) аз рӯйи чунин меъёрҳои донишандӯзии толибилмон, яъне «Дараҷаи баланди донишазхудкунӣ», «Дараҷаи миёна» ва «Дараҷаи паст» дар тӯли 3 соли озмоишҳои педагогӣ (2017-2018), (2019-2020) ва (2021-2022) муайян карда шуд, ки натиҷаи ниҳоии онҳоро дар диаграммаҳои 2 (А- барои гурӯҳҳои озмоишӣ) ва диаграммаи 2 (Б-барои гурӯҳҳои санҷишӣ) пешниҳод менамоем.

Дараҷаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои экологии хонандагони синфҳои 9-уми гурӯҳи озмоишӣ дар диаграммаи 2 (А) тавсиф шудааст.

Диаграммаи 2 (А)




Аз таҳлилу ҷамъбасти натиҷаҳои ҷавобҳо ба саволнома (анкетаи)-и №3 маълум гардид, ки дараҷаи ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои экологии хонандагони синфҳои озмоишӣ (2А) тибқи меъёрҳои «дараҷаи баланд», «дараҷаи миёна» ва «дараҷаи паст» ба таври зайл ҷараён дорад:

✓ Нишондиҳандаи «Дараҷаи баланди донишазхудкунӣ» – дар соли 1 -ум (2017-2018)-60%, дар соли 2-юм (2019-2020) – 64% ва дар соли 3-юм (2021-2022) – 74 %;

✓ Нишондиҳандаи «Дараҷаи миёна» –дар соли 1-ум (2017-2018)-22%, дар соли 2-юм (2019-2020) – 20% ва дар соли 3-юм (2021-2022) – 18 %;

✓ Нишондиҳандаи «Дараҷаи паст» – дар соли 1-ум (2017-2018)-16%, дар соли 2-юм (2019-2020) – 16% ва дар соли 3 –юм (2021-2022) – 10 %-ро ташкил намуд.

Дараҷаи ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои экологии хонандагони синфҳои 9-уми гурӯҳи санҷишӣ.

Диаграммаи 2 (Б)




Аз ҷамъбасти натиҷаи ниҳоии ҷавобҳо ба саволномаи №3. маълум шуд, ки дараҷаи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи экологии хонандагони синфҳои санҷишӣ (диаграммаи 2 (Б)), тавассути меъёрҳои «дараҷаи баланди донишазхудкунӣ», «дараҷаи миёна» ва «дараҷаи паст» чунин арзёбӣ шуданд:

✓ Нишондиҳандаи «Дараҷаи баланди донишазхудкунӣ» – дар соли 1 -ум (2017-2018)-50%, дар соли 2-юм (2019-2020) – 54% ва дар соли 3-юм (2021-2022) – 64 %;

✓ Нишондоди «Дараҷаи миёна» –дар соли 1-ум (2017-2018)-22%, дар соли 2-юм (2019-2020) – 20% ва дар соли 3-юм (2021-2022) – 18 %;

✓ Нишондоди «Дарачаи паст» – дар соли 1-ум (2017-2018)-16%, дар соли 2-юм (2019-2020) – 16% ва дар соли 3 –юм (2021-2022) – 10 %-ро ташкил намуд.

Акнун барои эътимоди натиҷаҳои ниҳоии ҷавобҳои хонандагони синфҳои 9-и озмоишӣ ва хонандагони синфҳои 9-уми санҷишӣ, ки дар диаграммаи 2 (А- гурӯҳи озмоишӣ) ва диаграммаи 2 (Б-гурӯҳи санҷишӣ) тавсифшударо ба таври муқоисавӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва санҷишӣ таҳлилу баррасӣ менамоем.

Ҳангоми омӯзиш, муоина, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҷавобҳои саволнома №3 маълум гардид, ки таносубан ҷавобҳои гурӯҳи озмоишӣ ба саволҳои анкета оид ба нишондодҳои «Дарачаи баланд» дар соли 1-ум (2017-2018)-60%, аммо дар гурӯҳи санҷишӣ соли 1-ум (2017-2018)-50% (яъне 10% аз гурӯҳи озмоишӣ камтар), дар соли 2-юм (2019-2020)- дар гурӯҳи озмоишӣ 64%, дар гурӯҳи санҷишӣ дар соли 2-юм - 54% (яъне дар қиёс 10% кам нисбат ба натиҷаҳои гурӯҳи озмоишӣ), соли 3-юм (2021-2022) дар гурӯҳи озмоишӣ-74%, дар гурӯҳи санҷишӣ соли 3-юм - 64% (яъне боз 10% дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи санҷишӣ зиёд мебошад).

Озмоишҳои педагогӣ дар се марҳилаи таҳқиқот, яъне солҳои 2017-2018, 2019-2020 ва 2021-2022 гузаронида шудаанд.

Хуллас, аз рӯи иҷрои корҳои хаттӣ – санҷишӣ ва пурсишҳои шифоҳӣ, дар рафти озмоишҳои педагогӣ маълум шуд, ки хонандагони синфи 9-уми гурӯҳи озмоишӣ ба қисми саволҳои анкета, яъне корҳои хаттӣ-санҷишӣ ҷавобҳои пурра, саҳеҳ, илман асоснок доданд. Ин аст, ки дараҷаи ташаккули дониш, маҳорату малака, ҷанбаҳои табиатдӯстӣ, маърифату тамаддун, фарҳанги экологии онҳо, дар қиёс бо гурӯҳи санҷишӣ дар 3 марҳилаи озмоишҳои гузаронидаи педагогӣ, ба ҳисоби миёна 10-12 % бештар ба назар мерасад.

## 2.2. Машғулиятҳои беруназсинфӣ ва нақши онҳо дар фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-6 дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ

Гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ҷараёни омӯзиши биология ва экология (маҳфилҳои фаннӣ, викторинаҳои биологию экологӣ, тарзи «Ҳаёти солим, шабнишиниҳо, шабҳои саволу ҷавоб, пайраҳаи экологӣ ва ғайраҳо), дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Инчунин, гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ боиси ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои экологӣ, аз ҷумла, тарбияи маърифатӣ ва фарҳанги экологии хонандагон мегардад.

Масъалаҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои берунаэсинфӣ дар таҳқиқоти як қатор олимони хориҷӣ, аз ҷумла: Афанасева З.Ф. [12], Беляева В.С. [20], Василева К.И. [32], А.И. Никишов [137], Евдокимова Р.М. [57], Трайтак Д.И. [173] ва олимони ватанӣ: Мирзоев С.С. [115], аз нигоҳи илмӣ, назариявӣ, методию амалӣ дар ҷараёни таълими биология ва экология тавсифу баррасӣ баргидаанд.

Олимону методистони бахшҳои биологияю экология Н.М. Верзилин ва В.М. Корсунская [36] машғулиятҳои берунаэсинфиро бо таври зайл маънидод намуданд: «Машғулиятҳои берунаэсинфӣ яке аз шаклҳои гуногуни ташкилу ҷалби ихтиёрии хонандагон таҳти роҳбарии муаллимон баҳри бедор ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҷанбаҳои тарбияи маърифатию фарҳангӣ экологии хонандагон, фаъолияти ҷустуҷӯю эҷодии онҳо ва билохир омӯзиши васеъ ва ворид намудани тағйирот оид ба мазмуну мундариҷаи сикли фанҳои зистшиносию табиатшиносӣ махсуб меёбанд» [36].

Педагогҳои машҳури рус А.С. Макаренко [108] ва В.А. Сухомлинский [169] қайд менамоянд, ки машғулиятҳои берунаэсинфӣ барои ноил гардидан бо мақсадҳои умумитаълимӣ бо назардошти

ташаккули шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангии хонандагон нигаронида шуданд.

Бо ақидаи С.С. Мирзоев [116] хусусияти хоси машғулиятҳои беруназсинфӣ, аз он иборат аст, ки онҳо фаъолияти баланди маърифатӣ ва мустақилиятнокии хонандагонро ташаккул дода, омӯзиши васеъ ва гуногунсамти табиати зинда, олами ҳайвонот ва набототи маҳалу кишвари худро вобаста ба рушду инкишоф ва ташаккули шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, баррасии ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагонро дар доираи барномаҳои таълим таъмину тарҳрезӣ менамоянд.

Оид ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ Б.В. Всесвятский [40] чунин навиштааст:

а) Ташкили ин намуди машғулиятҳо бояд боиси бедор сохтани шавқу завқи зиндаю воқеи хонандагон гардад;

б) Ин машғулиятҳо новобаста аз мундариҷа ва шаклҳояшон бояд аз дарсҳои муқаррарӣ фарқ кунанд;

в) Дар заминаи ин машғулиятҳо, бояд фаъолияти эҷодию мустақилонаи хонандагон тарҳрезӣ карда шавад;

г) Иштироки хонандагон дар ин қабил машғулиятҳо дар зери роҳбарии муаллимон бо ҷалби хонандагони фаъолу хуб ва аълохон гузаронида мешавад;

д) Машғулиятҳои беруназсинфӣ аз рӯйи имкониятҳою заминаи таълимии мактаб бояд боиси инкишофи ҳаматарафаи фаъолияти ҷустуҷӯйию эҷодӣ ва ақлонию равонии хонандагон гардад.

Бо истифода аз мушоҳидаҳо, таҳлили ақидаҳо ва таҳқиқотҳои олимон- методистони бахшҳои сикли фанҳои табиатшиносӣ: Н.М. Верзилин, В.М. Корсунская, Б.В. Всесвятский ва Б.Е. Райков мо дар таҳқиқоту озмоишҳои педагогии худ, роҳу усулҳо, методҳои ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфиро аз сикли фанҳои

табиатшиносӣ, баҳри баррасии масъалаҳои ҳифзи табиату бойигариҳои он, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушду инкишофи ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, корбасту тарҳрезӣ намудем.

Дар раванди омӯзишу таҳқиқи ин масъала ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, мо дар байни муаллимони биология ва экологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 5,18,19,32,37 ва 39 - и н. Фархор саволнома- анкета гузаронидем, ки дар ин пурсиш 130 нафар иштирок дошт. Дар анкетаҳо саволҳои зерин ворид карда шуданд; «Шумо дар ҷараёни таълим машғулиятҳои беруназсинфиро баррасӣ менамоед? Онҳоро номбар кунед».

Дар натиҷаи пурсишҳои шифоҳӣ маълум шуд, ки фақат 10%- и муаллимон машғулиятҳои беруназсинфиро аз фанҳои биологию экология асосан дар шакли маҳфилҳои фаннӣ ташкил карда мегузаронанд.

Дар баробари гузаронидани анкета боз бо муаллимон суҳбатҳои шифоҳӣ гузаронидем, ки натиҷаҳо чунинанд, яъне 8%- онҳо иброз намуданд, ки истифодаи шаклҳои гуногуни машғулиятҳои беруназсинфӣ, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди маърифату фарҳанги экологии хонандагон мегардад. Ба ғайр аз ин 7%-и муаллимон қайд намуданд, ки дар байни шаклҳои дигари машғулиятҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳои фаннӣ ҷой ва мақоми махсусро ишғол мекунанд. Ташкилу гузаронидани онҳо, аз сабаби кам будани маводи таълимӣ-методӣ бо забони тоҷикӣ, муҷаҳҳаз набудани кабинету озмоишгоҳҳо бо асбобу анҷомҳои аёнӣ, гербарияҳо, хӯсаҳои паррандагону хазандагон, воситаҳои техникии таълим боиси мушкилиҳои зиёд мегардад.

Барои омӯзиш ва муайян кардани нақши машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32, 37 ва 39- и н. Фархор, дар доираи

барномаҳои таълимии фанҳои «Ботаника» (синфҳои 5-6), «Зоология» (синфҳои 7-8), «Анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ» (синфҳои 9) ва «Экология» (синфҳои 9) саволнома-анкетаҳо ва тестҳои фаннӣ гузаронидем. Дар раванди анкетакунонӣ 160 нафар (хонандагони синфҳои 5-и деҳот ва ноҳия), 192 нафар (хонандагони синфҳои 7), 210 нафар (хонандагони синфҳои 8) ва 198 нафар (хонандагони синфҳои 9) иштирок доштанд. Миқдори умумии хонандагони дар мавриди озмоишҳои педагогӣ, яъне анкетакунонию пурсишҳои шифоҳӣ иштирокдошта 760 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39 –и н. Фархорро ташкил дод.

Дар рафти анкетакунонӣ чунин саволҳо интихоб ва истифода карда шуданд:

1. Маҳфилҳои биологию экологиро дар кадом шакл гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст?

2. Аз гузаронидани машғулиятҳо берунасинфӣ аз фанҳои биология ва экология чӣ гуна натиҷаҳоро интизор будан мумкин аст?

Баъди омӯзиш, муоина, таҳлили саволҳои дар анкетаҳо вориднамуда, тибқи ҷавобҳои хаттию шифоҳии хонандагон чунин натиҷабарорӣ ба қайд гирифта шуд: Барои хонандагони синфҳои 5-6 маҳфили «Ботаники ҷавон» шавқовар мебошад (45%-и хонандагонро фарогир шуд). Барои хонандагони синфҳои 7-8 маҳфили «Зоологҳои ҷавон» (50%), барои хонандагони синфҳои 9 «Физиологи ҷавон» (40%), барои хонанагони синфҳои 9 «Экологи ҷавон» (56%) –ро ташкил намуд.

Ҳамин тавр, дар раванди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ бо тариқи анкетакунонӣ маълум гардид, ки 60%-и хонандагон гузаронидани машғулиятҳои берунасинфиро зарур мешуморанд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаҳои ниҳоии анкетагузаронӣ маълум шуд, ки масъалаҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои берунасинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот ва ноҳияи Фархор, аз ҷониби муаллимону методистони фанҳои биология ва экология чандон

ҷавобгӯйи талаботи барномаҳои таълимӣ нест. Бахусус, омӯзгорон ҳам дар ҷараёни дарсҳо ва ҳам дар мавриди ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ба масъалаҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Ёдрас мешавем, ки ташкилу гузаронидани маҳфилҳои биологию экологӣ яке аз шаклҳои судманду бомароми машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифати экологии хонандагон маҳсуб меёбад.

Аз ин ҷост, ки дар таҳқиқотҳои илмӣ, назариявӣ, методию амалӣ ва рисолаҳои номзадию докторӣ ва дигар воситаҳои таълимию методии олимон: Боровская Л.А. [28], Всесвятский Б.В. [39], Мирзоев С.С. [120], Михеев А.В. [133], масъалаҳои ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла маҳфилҳои фаннӣ, корбаст, таҳрезӣ ва тавсифу баррасӣ гардиданд.

Б.В. Всесвятский қайд намудааст, ки ҷанбаҳои табиатдӯстӣ, ташаккули дониш, маҳорату малакаи экологии хонандагон, аз ҷумла, маърифату фарҳанги экологии онҳо, дар мавриди гузаронидани яке аз машғулиятҳои беруназсинфӣ (дар мисоли маҳфили «Табиатшиносони ҷавон»), аз рӯй чунин принсипҳо муайян карда мешавад:

а) майлу рағбати самтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба дарки ҳодисаҳои гуногуни табиат;

б) алоқамандии ягонаи назария ва амалия дар интихоби мавзуъҳои маҳфилҳо;

в) баҳисобгирии алоқамандии самтҳои таҳқиқот бо меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ;

г) алоқаи умумӣ, бо омӯзиши фаслҳои барномавии сикли фанҳои табиатшиносӣ.

Ҳудуди истифодаи амалии номгӯйи мавзуъҳои нақшаҳои кории маҳфилҳои фаннӣ, аз ҷумла маҳфили «Табиатдӯстони ҷавон», ниҳоят

фароху домандор буда, ба соҳаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла; гулпарварӣ, пахтакорӣ, чорводорӣ, кабудизоркунии қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб, деҳа, ноҳия, шаҳр ва инчунин ҳифзу ғамхорӣ ба табиат ва солимии инсон алоқаи зич доранд.

Барои муаллимону методистони касбии фанҳои биология ва экологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мо чунин нақша-чорабиниҳои маҳфилҳоро пешниҳод менамоем:

1. Оид ба кабудизоркунии қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб;

а) кабудизоркунии ҳудуди мактабҳо аз ҳисоби растаниҳои ҳамешасабз, сояафкану ороишӣ, интихоби дурусти растаниҳои хонагие, ки дар давоми сол гул мекунанд, нигоҳубини онҳо;

б) ташкили қитъаи таълимии мактаб бо мақсади гузаронидани таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо оид ба олами набототу ҳайвонот;

в) ташкил ва расонидани кӯмаки ҳамешагӣ оид ба таҷҳизонидани кабинети биология, бо гербарияҳо, коллексияи меваҳою тухмиҳо, коллексияи ҳашаротҳо, хӯсаҳои паррандагону хазандагон, асбобу анҷомҳои таълимӣ, аз ҷумла васоити таълимӣ-методӣ ва ғайраҳо;

г) ташкили «Гӯшаи табиати зинда» ва нигоҳубинии ҳамешагии растаниҳою ҳайвоноти дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ мавҷудбуда, инчунин гузаронидани таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо аз фанҳои ботаника, экология ва зоология.

2. Оид ба расонидани ёрии аввалин ва таъмини нигоҳдории ҳолати тандурустии инсон:

а) шиносонидани хонандагон ба роҳу усулҳои муайян кардани ифлосшавии ҳаво дар синфхонаҳо, кабинету озмоишгоҳҳо, инчунин паҳншавии микробу бактерияҳо дар ин иншоотҳо;

б) муайян кардани коэффитсиенти равшании ҷойи нишасти хонандагон;

в) муайян кардани ҳолати набзи хонандагон бо ёрии асбоби «Пулсотиметр» ё «Набзченкунак»;

г) муайян кардани ҳаракати нафаскашии хонандагон ҳангоми ичрои машкҳои ҷисмонӣ ба воситаи «Спирометр»;

ғ) ҷамъоварӣ ва коркарди растаниҳои шифобахш ва витаминдори маҳалли худ.

Вобаста ба пешниҳоди модели таҳқиқот оид ба «Ташаккули маърифати фарҳангӣ-экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ», мо зарур шуморидем, ки дар мавриди гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ, чунин талаботи педагогию методӣ ба инобат гирифта шавад:

1) Алоқамандии номгӯйи мавзуъҳои нақшавии маҳфилҳо, бо фаслҳои барномаҳои таълимии биология, экология. Тавассути кору фаъолияти маҳфилҳо ташаккули дониш, маҳорату малакаи дар ҷараёни дарсҳо азхудкарда, натиҷаи кори маҳфилҳо дар дарсҳои ҳамарӯза, машғулиятҳои беруназсинфӣ баррасӣ карда шуда, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, маърифату фарҳангӣ экологии аъзоёни маҳфилҳо ва дигар хонандагон мегардад;

2) Яке аз роҳҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тақвиятбахшии ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон ин пурзӯр намудани самтҳои экологиякунонии ҷараёни таълими фанҳои умумибиологӣ, аз ҷумла, ҳифзу нигоҳдории мувозинати биологию экологии табиат ва аз таъсири омилҳои антропогенӣ ҳифз намудани табиати биҳиштосои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо мақсади ба муаллимони биология ва экология расонидани ёрии моддӣ, оид ба такмили тарҳрезии нақшаҳои тақвимӣ, нақшаҳои маҳфилҳои фаннӣ, мазмун, мақсад, вазифаҳо ва шаклҳои ташкили гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, бахусус маҳфилҳои фаннӣ, аз ҷумла, воситаи таълимӣ-методии ба номи «Маҳфили натуралистони ҷавон», бо забони тоҷикии профессор С.С. Мирзоев (1993) - ро пешниҳод менамоем.

Дар ин маводи методӣ барои ёрии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташкилу гузаронидани маҳфили «Табиатшиносони ҷавон» чунин тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудааст:

1). Барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот;

– ба нақшаи кории маҳфилҳои фаннӣ ворид намудани масъалаҳои бевосита ба соҳаҳои кишоварзӣ дахлдор;

– гузаронидани таҷрибаю мушоҳидаҳо дар объектҳои кишоварзӣ, аз ҷумла, дар қитъаи «Навсанҷӣ», парвариши пахта, зироатҳои ғалладонагӣ, боғу токпарварӣ, гулпарварӣ ва амсоли онҳо;

– шиносонидани хонандагон бо роҳу усулҳои мубориза бо ҳашароти зараррасони хоҷагиҳои кишоварзӣ;

– ҷоннок намудани кору фаъолияти аъзоёни маҳфилҳо бо даъвати «Посбони сабз»;

– ҳифзи табиати кишвари худ, деҳа ва минтақа;

– ҷамъоварии растаниҳои шифобахш, тухму меваҳои онҳо;

2) Барои омӯзиши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо:

– кабудизоркунӣ ва ободонии ҷамоат ва шаҳр;

– нигоҳубини ниҳолзорҳо ва дарахтон;

– нигоҳубини гулҳою растаниҳои ороишӣ ва парвариши онҳо;

– шинонидан ва нигоҳубини зироатҳои мевадиҳанда дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб;

– интихоби растаниҳо-гулҳои хонагӣ ва нигоҳубини онҳо;

– гузаронидани таҷрибаю мушоҳидаҳо бо растаниҳо ва ҳайвонҳои қитъаи таълимӣ- таҷрибавии мактаб;

– бо асбобу анҷомҳои таълимӣ ва айёниятҳо (гербарияҳо, коллексияи ҳашаротҳо, таблитсаҳою банерҳо) таҷҳизонидани кабинетҳои биология ва экология.

– расонидани ёрӣ ҷиҳати бавуҷуд овардани шароитҳои муътадили санитарию гигиенӣ дар мактаб.

Расми 1.

Модели ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои берунаэсинфию берунамактабӣ, дар раванди омӯзиши биология ва экология



Ҳамаи тавсияҳои методии болозикр барои муаллимони деҳот, ноҳия ва шаҳр оид ба банақшагирии кори маҳфилҳои фаннӣ, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9- и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегарданд.

Дар мавриди ҳалли проблемаҳои роҳу усулҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, ба омӯзгорону методистони сикли фанҳои табиатшиносӣ лозим аст, ки ба ҷанбаъҳои истифодаи шакл, метод ва ҳатто таҷҳизоти таълимиро аз нигоҳи талаботи педагогию дидактикӣ тавсифу баррасӣ намоянд.

Ҳамин тавр, омӯзиши роҳу усулҳо, шакл, методҳои таълим ва инчунин мақсад ва вазифаҳои ташкилу фаъолгардонии ҳисси табиатдӯстӣ, рушду ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон чи дар ҷараёни дарсҳо ва чӣ дар гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанҳои биология ва экология, бояд ба самтҳои донишомӯзӣ, маҳорату малака, инкишофи сифатҳои асосии шахсият (хотира, идрок, тафаккур ва ғайраҳо) ва ҳамзамон сафарбар намудани хоҳишу ирода ва ноил шудан ба мақсадҳои таълимию маърифатии онҳо алоқаманд карда шаванд.

Дар таҳқиқотҳои олимон-методистон: Райков Б.Е. [145], Шукуров Т.А. [194], Мирзоев С.С. [114], дарҷ гардидааст, ки бо маром афзоиш додани шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ, бахусус экология дар маҷмуъ ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, шакл, роҳу усулҳои гузаронидани маводи таълимӣ ва ба лаҳзаҳои ташкили фаъолияти табиатдӯстӣ ва рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии толибилмон аз тарафи муаллимон ва ҳамбастагию алоқамандии дарсҳои муқаррарӣ ба машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ вобаста мебошад.

Мо дар таҳқиқоту озмоишҳои педагогӣ масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар раванди таълими сикли фанҳои умумибиологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология, беҳдошти саломатӣ ва экология) мавриди омӯзиш, таҳқиқ, корбасту тарҳрезӣ ва тавсифу баррасӣ қарор додаем.

Дар баробари ин ҳама аҳамияти маводи кишваршиносӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои умумибиологӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ: И.П. Бескоровайнова [22], Г.А. Гришина [45], В.В. Дранишников [56], В.П. Иванов [79], С.Р. Лаптев [103], ва муҳақиқони ватанӣ: Досаков М.М. [55], Забиров Р. [61], С.С. Мирзоев[117], А.Э. Эргашев [198] дарҷ гардидааст, ки экологиякунонии мазмуну мундариҷаи сикли фанҳои зистшиносӣ, ба рушду инкишофи омӯзиши ҷанбаҳои маводи кишваршиносӣ алоқаманд мебошад, чунки омилҳои экологӣ дар алоқамандӣ бо маводи маҳал, яъне олами ҳайвонот ва набототи кишвар баррасӣ мегардад.

Истифодаи маводи кишваршиносӣ бо мақсади ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ (ботаника, зоология, экология ва ғ-ҳо) дар таҳқиқотҳои олимон, омӯзгорону методистони касбии дар боло зикргардида мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Дар таҳқиқотҳои худ олимони болозикр зиёд дарҷ намуданд, ки омӯзиши олами ҳайвонот ва набототи маҳал дар дарсҳои биология, аз ҷумла, дар машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстии хонандагонро ба табиат, ба Ватан, нигоҳубин, ҳифз ва ғамхории табиат бо маром ташаккул медиҳад.

Ҳамин тавр, омӯзиши олами ҳайвонот ва набототи маҳал дар ҷараёни дарсҳо ва дигар машғулиятҳо, на танҳо шавқу завқи табиатдӯстӣ, маҳорату фарҳанги экологии хонандагонро ба табиати муҳити беруна, бойигариҳои гаронбаҳою арзишноки табиат бедор мекунад, балки боиси майлу рағбати онҳо ба меросбари асосии Замин, кишвари худ ва бо пуррагӣ ҷумҳурӣ мегардад.

Вобаста ба ин, нависандаи рус М. Прившин [143] оид ба нақш ва мақоми омӯзиши маводи кишваршиносӣ, бахри ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, маърифату фарҳанги экологии хонандгон чунин қайд кардааст: «Мо соҳиби ҳақиқии табиати худ мебошем, ки он барои мо офтоби оламафрӯз ва ганҷи бебаҳои ҳаёт маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, барои ҳифзу нигоҳдории ин ганҷи бебаҳои табиӣ, онҳоро кушодану нишон додан мебояд». Билохир ӯ чунин навиштааст «Ба моҳӣ оби тоза лозим буда, обанборҳоро ҳифз кардан лозим. Ҷангалҳо, бешазорҳо, даштҳо, биёбонҳо, ҳайвонҳои нодири кӯҳӣ – моро водор мекунанд, ки онҳоро ҳифз намоем. Ба моҳӣ – об, ба ҳайвонҳо – ҷангал, дашту биёбонҳо, кӯҳҳо, барои паррандагон ҳаво, аммо ба одам Ватан лозим аст. Ҳифзи табиат ин дар воқеъ ҳифзи Ватан мебошад» [143].

Ҳамин тавр, аз мушоҳидаҳо ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н.Фархор, ки ҳамчун пойгоҳи асосии таҳқиқотии рисола маҳсуб меёбанд, маълум шуд, ки айни замон аз ҷониби омӯзгорону методистони касбӣ, яъне биология ва экология, истифодаи маводи кишваршиносӣ (олами ҳайвонот ва набототи маҳали худ) дар раванди дарс ва машғулиятҳои беруназмактабию беруназсинфӣ ба таври бояду шояд, яъне тибқи талаботи пурраи барномаи таълимии фанҳои зистшиносӣ гузаронида намешавад. Бо ин мақсад мо ба зиёда аз 30 дарси омӯзгорону методистони соҳаҳои биология ва экология иштирок намуда, бо онҳо атрофи саволҳои зерин анкета гузаронидем:

1. Оё Шумо дар ҷараёни дарсҳо аз маводи кишваршиносӣ, яъне гуногунии олами растаниҳо ва ҳайвонҳои маҳали худ истифода мебаред ва бо кадом мақсад?

2. Дар мавриди гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла, маҳфилҳои фаннӣ, озмунҳо, шабҳои саволу ҷавоб, викторинаҳои биологию экологӣ, гербарияҳо, хӯсаҳои паррандагону хазандагон истифода мебаред ё не?

3. Шумо ба гузаронидани кадом намудҳои машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ майл доред?

Дар мавриди иштирок ба дарсҳои омӯзгорон ва гузаронидани саволнома – анкетаҳо маълум гардид, ки 21% - омӯзгорон дар раванди дарсҳо маводи кишоварзиро бо мақсади ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбияи маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, 26%-и пурсиш намуди теъдоди зиёди матни кишваршиносиро истифода намуда, 16% - онҳо аз сабаби мавҷуд набудани адабиёти илмӣ, методӣ бо забони тоҷикӣ умуман на дар ҷараёни дарсҳо ва на дар машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ намегузаронанд. Ба андешаи мо, сабабҳои асосии аз ҷониби омӯзгорону методистон мутобиқи талаботи барномаҳои таълимӣ нагузаронидану истифода набурдани маводи кишваршиносӣ аз инҳо иборат мебошад:

1. Аксарияти муаллимон таҷрибаи интихоб ва истифодаи маводи кишваршиносии олами ҳайвонот ва набототи ниҳоят бою ғании ҷумҳуриро надоранд;

2. Воситаҳои таълимию методии ёрирасон бо забони тоҷикӣ дар ин самт мавҷуд нестанд;

3. Бо асбобу анҷомҳои таълимӣ, гербарияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ-методӣ, хӯсаҳои паррандагону хазандагон, таъмину муҷаҳҳаз набудани кабинету озмоишгоҳҳои биологию экологӣ ва ғайраҳо.

Гуногунии зиёди олами ҳайвонот ва набототи Тоҷикистон (наботот дорои 500 адад намуди растаниҳо ва ҳайвонот-тақрибан 600

намуди ҳайвонҳои муҳрадорро дар бар мегирад), барои интихобу омӯзиши олами набототу ҳайвонот ва дигар объектҳои биологию экологӣ, синфҳои паррандагону ҳашаротҳо ва ғайраҳо боиси мушкилоти омӯзгорон мегардад. Аз ин лиҳоз, рӯйхати номгӯйи растаниҳо ва ҳайвоноти Тоҷикистонро муайян намуда, ба ёрии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фархор ва гурӯҳи ноҳияҳои минтақаи Кӯлобу вилояти Хатлон оид ба омӯзиши объектҳои маҳаллӣ, яъне олами ҳайвонот ва набототи кишвари худ дар ҷараёни дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ тавсияҳои методӣ тарҳрезӣ карда, растаниҳо ва ҳайвонҳоро вобаста ба паҳншавӣ ва барои ҷамъоварӣ дастрас будану мушоҳидаи онҳо тибқи нишондоди талаботи барномаҳои таълими сикли фанҳои умумибиологӣ тартиб дода, дастраси омӯзгорон намудем.

Ба ғайр аз ин, номгӯйи объектҳои зинда, яъне растаниҳою ҳайвонҳои Тоҷикистон, аз ҷумла биёбонҳо, нимбиёбонҳо, резишгоҳҳои дарёҳо, мавзеъҳои кӯҳӣ ва амсоли онҳоро низ ба омӯзгорон пешниҳод намудем.

Маводи тавсияшударо барои омӯзгорон мо дар доираи барномаҳои таълимии фанҳои «Ботаника» (барои синфҳои 5-6), «Зоология» (барои синфҳои 7-8), «Анатомия физиология ва беҳдошти саломатӣ» (барои синфҳои 9) ва «Экология» (барои синфҳои 9) пешниҳод намудем, ки дар ҷадвалҳои 3 ва 4 нишон дода шудаанд.

Ҳамин тавр, истифодабарии маводи кишваршиносӣ дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар алоқамандӣ бо маводи экологӣ, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маънавию фарҳанги экологӣ ва хоҳишу завқи омӯзиши табиати кишвари худ ва ҳифзи он мегардад.

**Ҷадвали №3.**

**Истифодаи маводи кишваршиносӣ дар ҷараёни омӯзиши «Ботаника»**

| | |
|---|---|
| Ҷузъҳои асосии мундариҷаи фан | Муқаддима. Хусусиятҳои иқлими Тоҷикистон, гуногунии шароитҳои иқлим, релеф, хок ҳамчун омили экологӣ. Гуногуншаклии набототи Тоҷикистон |
| 1. Сохт ва ҷараёнҳои ҳаётии олами растаниҳо, узвҳои гул, реша, навда | Гелоси одӣ ё муқаррарӣ. Гуногуншаклии системаи решаҳо: (чормағзи заминӣ, бодиринг ё забони барра, ғубайро (рябина)-и ёбоӣ). Гуногуншаклии решаҳо (сабзӣ, чормағзи одӣ). Гуногуншаклии навдаҳои зағоса (эфедра), чилбуғуми сафроӣ |
| 2. - Гул,- мева, - тухм | Шакл дигаргункунии навда (сир, пиёз, картошка, шалғамча).<br>Гуногуншаклӣ ва шаклдигаршавии баргҳо (себи биҳӣ, анор, шоҳбулут, малисо ё байласон, марҷумаки коштшевандӣ)<br>Сохти гул (дулона, олуболу).<br>Хӯшагул (зелол ё қарақот дарозрӯя, тугмагули кабуд, нардсумбул,)<br>Гуногуншаклии меваҳо (дулона, ангур, анор, зелол) ва тухм (ангур, анор, чормағзи заминӣ, чормағзи одӣ, зафармии хокистаранг) |
| 3.Система ва гуногуншаклии олами растаниҳо | Обсабзҳо, сорахсшаклон, лучтухмон, пӯшидатухмон (чилбуғуми саҳроӣ, зелол, ангур, чормағз, гул, санавбар, арча) |
| 4.Ҷомеаи растаниҳо | Дар мисоли ҷангалҳо ва арчазорон |
| 5.Растаниҳои маданӣ | Дар мисоли (ангур, зардолу, хирмо, лиму, анор, нок, олуча, гелос) |
| 6.Ҳифзи олами растаниҳо | Намудҳои нодир ва нестшавандаи Тоҷикистон (ангат, зира, чормағз, бодом) |

**Ҷадвали №4.**

**Истифодаи маводи**
**кишваршиносӣ дар ҷараёни омӯзиши «Зоология»**

| Ҷузъи асосии мундариҷаи фан | Маводи кишваршиносӣ |
|---|---|
| 1.Муқаддима | Шароитҳои гуногунии табиӣ ва ҳайвоноти Тоҷикистон |
| 2.Хусусиятҳои сохт ва тарзи ҳаётгузаронии гурӯҳҳои систематикӣ ва гуногуншаклии онҳо | Гуногуншаклии ҳашаротҳо (қунғуз, намудҳои шапалакҳо, занбури асал) Моҳиҳо (лақамоҳӣ, зағорамоҳӣ ё капур), Хазандагон (сангпушти даштӣ, куброи осиёи миёнагӣ, агава), паррандагон (кабк, булбул, акка), Ширмакон (шағол, рӯбоҳ, хирс, оҳуи кӯҳӣ, архар) |
| 3.Ҷомеаи табиӣ | Дар мисоли (ҷангалҳои арчазор) |
| 4. Ҳайвонҳои хонагӣ | Дар мисоли (асп, гов, гӯсфанд, уштур) |
| 5.Ҳифзи олами ҳайвонот | Намудҳои нодир ва нестшавандаи Тоҷикистон (оҳуи бухороӣ, паланг, очкамар, куброи осиёимиёнагӣ, гюрза, мори печон) |

Бо ақидаи Б.Г. Лихачёв [105] «Кишваршиносӣ бо маънои томаш дар инсон ҳисси худогоҳии миллӣ, арзандагиву лоиқ будан, сифатҳои мусбии инсониро аз ҷумлаи афзоишҳои фарҳангӣ ва экологӣ тарбия месозад. Нақши маърифати кишваршиносӣ дар ин ҷода басо бузург мебошад. Мавқеи фаъоли ҳаётии вай, касбият, таваҷҷуҳнокӣ, дарки аҳамиятнокии фаъолияти худ насли наврасро аз пайи худ мебарад. Дар ҳамҷоягӣ бо кишваршиносӣ вай метавонад тарбиятгар, омӯзгор, машваратчӣ бошад, чунки шахсиятҳои чунин ихтисосҳо инсонро ба роҳи шахсияти баркамол шудан равона месозанд. Шаҳрвандони ҷавон бо муҳаббати беканор ва диққати калон ба хонаи падари худ, шаҳри худ,

деҳаи худ, маҳаллаи худ, ҳаёти дӯстону наздиконашон нигоҳ мекунанд, дахлдорӣ ва мансубияти Ватани худро дарк месозанд» [105].

Нақши кишваршиносӣ, омӯзиш ва шахсияти кишваршинос дар тарбияи маърифатию фарҳанги хонандагон бузург мебошад. Истифодаи маводи кишваршиносӣ дар раванди дарси биология боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, маърифати фарҳанги экологии хонандагон мегардад.

Кишваршиносӣ дар мактаб натиҷаи фаъолияти ҳамҷоягии хонандагон ва омӯзгорон буда, характери эҷодӣ - ҷустҷӯӣ дорад. Вай дар қалби кӯдакон аз синни хурдӣ дӯстдорӣ ба Ватан, ҳисси зебоӣ, ташаккулёбии шавқмандӣ, рушди қобилиятнокӣ, табъи эстетикӣ, принсипҳои маърифатнокии устувор аз ҷумла, фазилату фарҳанги экологиро тарбия менамояд.

Аҳамияти маводи кишваршиносӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ (табиӣ) бағоят муҳим мебошад.

## 2.3. Натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ

Натиҷаҳои ниҳоии озмоишҳои педагогии гузаронидаи мо дар зербандҳои 1.3. (аз фанни Ботаника дар синфҳои 5-6), зербанди 2.1. (аз фанни зоология дар синфҳои 7 - 8), зербанди 2.2. (аз фанни анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ дар синфҳои 9) ва зербанди 2.2. (аз фанни экология), дар ҷараёни омӯзиши машғулиятҳои беруназсинфӣ (машғулиятҳои фаннӣ, викторинаҳои биологию экологӣ, ҳафтаҳои биологию экологӣ, шабнишиниҳо, конфронсҳо ва ғ-ҳо) ва машғулиятҳои беруназмактабӣ (вазифаи хонагӣ, супоришҳои тобистонаи хонандагон, олимпиадаҳои фаннӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, саёҳати экологӣ ва экскурсияҳо) тибқи сохтори рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ, бо ҷалби васеи хонандагони синфҳои 5 – 210 нафар, синфҳои 6 – 321 нафар, синфҳои 7–

288 нафар, синфҳои 8 -274 нафар, синфҳои 9 274 нафар) аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор, дар маҷмуъ дар мавриди анкетагузаронӣ, корҳои хаттии санҷишӣ ва пурсишҳои шифоҳӣ 1367 нафар толибилмони деҳоту н. Фархор иштирок намудаанд, ки натиҷаи онҳоро мавриди омӯзиш, таҳлил ва коркарду тарҳрезӣ қарор додаем. Инчунин, дар рафти муайян ва таҳлилу ташхиси маводи ҷамъовардаи озмоишӣ мо бо 40 нафар омӯзгорон, 1367 хонандагон пурсишномаҳо гузаронида, 62 мубоҳиса доир намуда, 180 номгӯйи корҳои хаттии санҷишӣ ва пурсишномаҳои шифоҳии хонандагони синфҳои 5-9 -ро таҳия, таҳлил, корбаст ва тарҳрезӣ намудем. Баҳри омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба 30 дарси омӯзгорон ва методистони касбии фанҳои биология ва экология иштирок намуда, аз натиҷаи онҳо коркарди таҳлилӣ гузаронида, марбут ба проблемаи таҳқиқотӣ, дар рафти озмоишҳои педагогӣ маълумоти шифоҳию оморӣ ва математикиро дар кори худ ҷой додем.

Барои омӯзиш, муоина, ташхису таҳқиқи натиҷаҳои ниҳоии озмоишҳои педагогии дар тули се марҳилаи таҳқиқот 2017-2018, 2019-2020 ва 2021-2022 оид ба дарёфти ҷанбаҳои «Ташаккули маърифати фарҳангии экологӣ» ва муайян намудани меъёрҳои дараҷаҳои донишомӯзии толибилмон, тариқи «Дараҷаи баланди донишазхудкунӣ» (ё посуххои дурусту мукаммал), «Дараҷаи миёнаи донишазхудкунӣ» (ё посуххои дуруст, аммо номукаммал) ва «Дараҷаи пасти донишазхудкунӣ» (ё посуххои нодурусту номукаммал) дар доираи барномаҳои таълими сикли фанҳои зистшиносӣ, ба таври зайл тавсифу баррасӣ карда шуд:

**1) Оид ба фанни «Ботаника» дар синфҳои 5-6.**

Дар рафти озмоишҳои педагогӣ, баҳри ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор оид ба ҳолати таълиму ташхиси фанни «Ботаника» ба хонандагон аз рӯйи як супориш: «Растаниҳои алафӣ,

дарахтӣ, буттаҳо, нимбуттаҳо, гулу гулбуттаҳои шифобахши деҳа ва минтақаи худ ба таври мушаххас маълумот диҳед» корҳои хаттӣ - санҷишӣ гузаронида шуд, натиҷаҳои инҳо дар ҷадвалҳои №1,2,3 ва 4 пешниҳоду баррасӣ гардиданд.

Натиҷаи ҷавобҳои корҳои хаттии хонандагони синфҳои 5-6- и озмоишӣ ва санҷишӣ ба саволи «Гуногунии растаниҳои деҳаю минтақаҳои худро номбар кунед?» дар ҷадвали №5 тавсиф карда шудааст.

Ҷадвали №5

| № | Натиҷаи ҷавобҳо ё посуххои хонандагон (бо ҳис %) | 5. | | 6. | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Синфҳои озмоишӣ (120 наф) | Синфҳои санҷишӣ (90 наф) | Синфҳои озмоиши (170 наф) | Синфҳои санҷишӣ (151наф) |
| 1 | Посух ё ҷавобҳои пурраи мукаммал | 66 | 53 | 68 | 60 |
| 2 | Посух ё ҷавобҳои дуруст аммо номукаммал | 12 | 28 | 16 | 22 |
| 3 | Посух ё ҷавобҳои нодурусту номукаммал | 22 | 19 | 16 | 18 |

Аз рӯйи маълумоти оморӣ, яъне ба дараҷаи донишҳои экологӣ, маҳорату малака ва фаъолияти таълимию ҷустуҷӯйи эҷодӣ, омӯзиши гуногунии олами растаниҳои деҳаю минтақаҳои худ, маълум гардид, ки ҷавобҳо ё посуххои пурраю мукаммали синфҳои 5 –и озмоишӣ, тақрибан аз ҷавобҳо гурӯҳи санҷишӣ- 100%, ҷавобҳо ё посуххои дурусту мукаммали синфҳои 6 –и озмоишӣ, аз ҷавобҳои дурусту мукаммали гурӯҳ ё синфи 6 – санҷишӣ (назоратӣ)- 80% зиёд мебошад. Аз натиҷаи

посуххои пурраю мукаммал маълум гардид, ки 66%- и хонандагони синфҳои 5 – и озмоишӣ, аз 8 то 12 номгӯйи растаниҳои алафӣ, дарахтӣ, буттаҳо ва нимбуттаҳои шифобахшро номбар карда, аммо хонандагони синфи 5 – и санҷишӣ ҳамаги 5-6 номгӯйи растаниҳои деҳаю минтақаро номбар кардаанд, ки ин нишондод ба 5% рост меояд. Дар натиҷаи таҳлили натиҷаҳои корҳои хаттӣ- санҷишӣ маълум шуд, ки ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5 – и озмоишӣ ва 6- и озмоишӣ, дар қиёс бо ҷавобҳои дурусту мукаммали хонандагони синфҳои 5- ум ва 6- уми санҷишӣ (назоратӣ), пурра саҳеҳ, мукаммал, илман асоснок буданд. Инчунин, миқдори ҷавобҳои нопурраю нодурусти хонандагони синфҳои 5 –и санҷишӣ ва 6 санҷишӣ, дар қиёс бо ҷавобҳои нодурусту номукаммали хонандагони синфҳои 5 – и озмоишӣ ва 6 озмоишӣ – тақрибан 7- 10% зиёд мебошад.

Баъд аз ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои хаттӣ - санҷишии хонандагони синфҳои 5 ва 6, ки дар ҷадвали №5 нишон дода шудаанд, иловатан 5 ва 6), оид ба мавзуъҳои: «Баргҳо чанд хел мешаванд?», «Чаро ранги баргҳо дар фасли баҳору тобистон сабз мебошанд?», «Оё растаниҳо нафас мегиранд, кадом газро ва ба воситаи кадом ҷузъи барг?», «Барг кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?», «Чаро дар фасли тирамоҳ ранги баргҳо зарду сурхчатоб мешавад?», «Кадом баргҳоро баргҳои сода ва мураккаб меноманд?», «Чаро баргҳои сузанбаргҳо ҳамеша сабз мебошанд?», «Ба қатори растаниҳои ҳамешасабз кадом растаниҳо дохил мешаванд?» ва ғайраҳо (ин қабил саволҳо барои хонандагони синфҳои 5- ум пешниҳод карда шуд), барои хонандагони синфҳои 6- ум бошад, чунин саволҳо пешниҳод карда шуд: «Оё картошка лаблабу, шалғам реша доранд»?, «Кадом намуди решаҳоро медонед?», «Вазифаҳои асосии решаҳоро номбар кунед»? «Сохти патакрешаҳо аз дигар намуди решаҳо аз рӯйи кадом аломатҳояшон фарқ мекунанд?», «Оё дар танаи растаниҳои обӣ бофтаи механикӣ вуҷуд дорад?», «Намудҳои меваҳоро номбар кунед?», «Чаро баъзе дарахтон аввал гул ва баъд барг мебароранд»?, «Рангорангии меваҳо ба кадом пигментҳо

вобаста мебошад»?, «Қисмҳои гулро номбар кунед»? ва ғайраҳо. Қобили қайд аст, ки аксари хонандагони синфҳои 5 ва 6 ба саволҳои болозикр дар рафти саволу ҷавоби шифоҳӣ ва мубоҳисаҳо ҷавобҳои қаноатбахш дода натавонистаанд. Сипас мо тасмим гирифтем, ки дар рафти мубоҳисаву суҳбатҳо бо хонандагон ба ҳамаи саволҳо барои синфҳои 5 ва 6- ум аз фанни «Ботаника» ба таври мушаххас посух диҳем. Аз ҷавобу тавзеҳоти мо оид ба саволҳо хонандагон хуб пазирой намуданд.

Хуллас, аз пурсишҳою суҳбатҳо бо муаллимону методистони касбии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор маълум гардид, ки сабабҳои паст будани дараҷаи дониши хонандагон чунинанд:

1) Мавҷуд набудани заминаи моддӣ-таълимӣ, яъне бо асбобу анҷомҳои таълимӣ: гербарияҳои растаниҳо, коллексияи ҳашаротҳою намунаи меваҳо, тухмиҳои ғалладонагиҳо, хӯсаи паррандагону хазандагон, воситаҳои техникии таълим: микроскопҳои рушноидиҳандаю электронӣ, тахтаҳои электронӣ, компютер ва ғ- ҳо;

2) Нарасидани омӯзгорони тахассусӣ. Ҳамасола таълиму тадриси фанни «Ботаника» дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар синфҳои 5 ва 6 аз тарафи муаллимони ғайритахассусӣ, яъне муаллимони таълими меҳнат, забону адабиёт, суруду расм ба роҳ монда мешавад;

3) Риоя нагардидани ҷадвали аз такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон. Тайи солиёни зиёд, яъне аз 5 сол зиёдтар муаллимони сикли фанҳои зистшиносӣ аз курсҳои такмили ихтисосу бозомӯзии Пажӯҳишгоҳҳои ш. Кӯлоб, минтақаҳою вилояти Хатлон нагузаштаанд, ки ин ба раванди таълим ва дараҷаи дониши хонандагон таъсири манфӣ мерасонад;

4) Масъалаҳои ҳолат ва сифати раванди таълими сикли фанҳои зистшиносӣ дар иттиҳодияҳои методии мактабҳо мавриди омӯзишу муҳокима қарор намегирад;

Роҷеъ ба ин, ба раёсати маорифи вилоят, шуъбаҳои ноҳиявию шаҳрӣ тавсия дода мешавад, ки баҳри беҳдошти раванди таълими сикли фанҳои зистшиносӣ, бо ҷалби васеи олимону профессорони соҳаҳои мухталиф семинару конференсияҳои илмӣ - амалӣ (албатта бо иштироки умумии омӯзгорони соҳаи биология, экология ва ғ- ҳо) баргузор намоянд, (ақалан соле ду маротиба).

**2) Оид ба фанни «Зоология» дар синфҳои** 7 – 8**.** Баҳри омӯзиши хусусиятҳои биологию экологии синфи паррандагон, аз ҷумла, дар раванди таълими «Зоология» дар синфҳои 7 ва 8 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, аз рӯйи чунин саволҳо: а) «Паррандагони муқимиро номбар кунед?», б) «Дар бораи паррандагони мавсимӣ ба таври мушаххас маълумот диҳед», в) «Паррандагони соҳибчанголро номбар кунед».

Ҷадвали №6

Натиҷаҳои ҷавобҳои хонандагон оид ба саволҳои корҳои хаттӣ – санҷишӣ аз фанни «Зоология» дар синфҳои 7 ва 8

| № | Посухҳо ё ҷавобҳои хонандагон ба саволҳо (бо ҳис %) | 7 | | 8 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Синфҳои озмоишӣ (140 наф) | Синфҳои санҷишӣ (128 наф) | Синфҳои озмоишӣ (132 наф) | Синфҳои санҷишӣ (129 наф) |
| 1. | Посух ё ҷавоби пурраю мукаммал | 58 | 50 | 70 | 60 |
| 2. | Посух ё ҷавобҳои дуруст аммо номукаммал | 24 | 28 | 16 | 22 |
| 3. | Посух ё ҷавобҳои нодурусту номукаммал | 18 | 22 | 14 | 18 |

Аз маълумоти омории дар ҷадвали№6 нишондодашуда, маълум шуд, ки 58%- и синфҳои 7 озмоишӣ 70% - и хонандагони синфҳои 8 – и озмоиши, ба саволҳои корҳои хаттӣ – санҷишии болозикр ҷавобҳои пурраю мукаммал дар бораи паррандаҳои мавсимӣ, аз ҷумла, фароштурук, турнаҳо маълумот дода, ёдрас шуданд, ки парвозу кӯчиши турнаҳо аз оғози баҳору кишту кори деҳқон, омадани фароштурук аз омадану бо пуррагӣ фарорасии фасли баҳору лонагузории онҳо дарак медиҳад. Дар ҷавобҳои худ хонандагони синфҳои 7 -и озмоишӣ ва синфҳои 8 – и озмоишӣ номгӯйи паррандаҳои муқимӣ, яъне кабк, булбул, саъва, гунҷишкҳо, нигоҳубини онҳо, ҳифзу ба онҳо дар фасли сармои зимистон дон додан, барои инҳо аз қоғаз, картон, фанер ва тахтаҳои борику сабук лона сохтан маълумотҳои мушаххас додаанд, ки ин аз бедорию ҳисси табиатдӯстӣ, шавқу завқи касбомӯзии онҳо дарак медиҳад. Илова бар ин, дар матни корҳои хаттӣ санҷишии худ хонандагони синфҳои 7 -и озмоишӣ ва синфҳои 8 – и озмоишӣ дар бораи ҷашни «Паррандагон», яъне рӯзи паррандагон, ки ҳамасола дар санаи 1 – уми июл қайд карда мешавад ёдрас шуда, қайд намуданд, ки ҳамасола ин рӯзро дар мактабҳои ноҳия ва деҳоти Фархор бо тайёрии хуб, яъне нигоҳдории паррандаҳо дар қафасҳо (кабк, кабутар, саъва, мурғҳои хонагӣ ва ғ- ҳо ) бо намоиши тавсияву расми паррандагони мавсимӣ ва муқимӣ хеле шавқовару хотирмон гузаронида мешавад. Хуллас, дар натиҷаи ҷамъбасти ҷавобҳои корҳои хаттӣ- санҷишӣ аз фанни «Зоология» маълум шуд, ки ҷавобҳои хонандагони синфҳои 7 -и озмоишӣ ва синфҳои 7 – и озмоишӣ дар қиёс бо ҷавобҳои хонандагони синфҳои 7 -и санҷишӣ ва синфҳои 8 – и санҷишӣ аз 10 то 15% баробарӣ доранд, яъне зиёд мебошанд. Хонандагони синфҳои 7 -и санҷишӣ ва синфҳои 8 – и санҷишӣ дар матни корҳои хаттӣ – санҷишӣ дар бораи паррандаҳои мавсимӣ ва сабабҳои парвозу кӯчиши онҳо, рӯзи паррандагон, тарзи нигоҳубин, лонасозӣ, дону хӯрокдиҳи паррандагон чандон маълумотҳои мушаххасу асоснокро тавсиф намудаанд. Мутаассифона, ба саволи сеюм «Паррандаҳои соҳибчанголро номбар

кунед?», на хонандагони синфҳои 7-ум ва синфҳои 8– уми озмоишӣ ва на хонандагони синфҳои 7 -ум ва 8 –уми санҷишӣ тамоман маълумот надоданд.

3) Барои омӯзиши натиҷаҳои амалии методикаи таҳқиқоти худ модели «Фаъолгардонию ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ - экологии хонандагони синфҳои IX дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, аз фанҳои зистшиносӣ» омода намудем.

Оид ба саволҳои «Омилҳои ба ҳолати саломатӣ ва коршоямии одам таъсиркунандаро номбар кунед», «Барои нигоҳдории ҳолати тандурустӣ ва таъмини қобилияти кории инсон кадом меъёру қоидаҳои санитарию гигиенӣ зарур мебошанд», «Роҳу усулҳои гузаронидани тарзи ҳаёти солим?», (кори хаттӣ-санҷишӣ аз фанни анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ дар синфҳои 9-и озмоишӣ ва 9 –и санҷишӣ ҷамъ 274 нафар (яъне 137 нафар синфҳои озмоишӣ ва 137 нафар синфҳои санҷишӣ) ба навиштани корҳои хаттӣ-санҷишӣ оид ба саволҳои болозикр ҷалб гардидаанд. Акнун натиҷаи ҷавобҳои корҳои санҷишӣ-хаттии хонандагони синфҳои 9-и озмоишӣ ва 9-и санҷиширо аз фанни «Анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ оид ба саволҳои болозикр дар ҷадвали №7 тавсифу тарҳрезӣ менамоем».

Ҷадвали№7

| № | Посуххо ё ҷавобҳои хонандагон ба саволҳои корҳои хаттӣ - санҷишӣ (бо ҳис %) | 9 | |
|---|---|---|---|
| | | Синфҳои озмоишӣ (137 наф) | Синфҳои санҷишӣ (137 наф) |
| 1. | Посух ё ҷавобҳои пурраи мукаммал | 94 | 74 |
| 2. | Посух ё ҷавобҳои дуруст аммо номукаммал | 16 | 28 |
| 3. | Посух ё ҷавобҳои нодурусти номукаммал | 27 | 35 |

Аз натиҷаи таҳлилу муқоисаи омори дар ҷадвали №7 овардашуда, маълум гардид, ки ба ҳамаи саволҳои кори хаттӣ - санҷишӣ , аз ҷумла бо таври пурраи мукаммал 74% синфҳои озмоишӣ ва 62%- и синфҳои санҷишӣ ҷавоб доданд. Иловатан ҳангоми омӯзишу таҳлили корҳои хаттӣ - санҷишӣ маълум шуд, ки хонандагони синфҳои 9- и озмоишӣ ба ҳамаи саволҳо бо таври саҳеҳ, илман асоснок, бо нишондоди далелу мисолҳо оид ба омилҳое, ки ба ҳолати саломатии инсон хатари манфӣ мерасонанд, роҳу усулҳои яке аз чорабиниҳои беруназсинфӣ «Ҳафтаи тарзи ҳаёти солим» гузаронидани ин чорабиниҳо хело ҳам хубу гуворо маълумоти мушаххасро тавсифу баррасӣ намудаанд. Хулоса, дар қиёс дараҷаи донишҳои экологӣ, маҳорату малакаи хонандагони синфҳои 9 - и озмоишӣ аз синфҳои 9 - и санҷишӣ 12% зиёд мебошанд.

Аз мундариҷаи маълумоти корҳои хаттӣ-санҷишие, ки дар ҷадвали №7 нишон дода шудаанд, маълум гардид, ки хонандагони синфҳои IX – и озмоишӣ чунин омилҳоеро, ки ба ҳолати тандурустӣ ва коршоямии инсон таъсири манфӣ мерасонад муайян намуданд: Ҳарорат (гармию хунукӣ), ҳавои аз газҳои карбону гарду чанг иборат буда, моддаҳои заҳрнок, нӯшокиҳои спиртӣ, никотин ва маводи мухадирро хеле хуб тавсиф намуданд.

4) Натиҷаҳои амалишавии модели таҳқиқотиро ҷиҳати гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанни «Экология» дар синфҳои озмоишӣ (134 нафар) ва синфҳои 9- и санҷишӣ (126 нафар), бо назардошти корҳои хаттӣ – санҷишӣ, тариқи баргузории саволҳои зерин: «Омилҳои асосии экологиро номбар кунед» 2. «Аҳамияти рӯшноӣ дар ҳаёти растаниҳоро шарҳ диҳед», 3. «Дар бораи омилҳои антропогенӣ маълумот диҳед».

Натиҷаҳои корҳои хаттӣ – санҷишӣ оид ба саволҳои анкета дар синфҳои 9 –и озмоишӣ синфҳои 9 – и санҷишӣ дар ҷадвали №8 пешниҳод карда шуданд.

Ҷадвали №8

Натиҷаҳои корҳои хаттӣ – санҷишӣ оид ба саволҳои анкета дар синфҳои 9 –и озмоишӣ ва синфҳои IX – и санҷишӣ

| № | Натиҷаи посуххо ё ҷавобҳои хонандагон ба корҳои хаттӣ -санҷишӣ (бо ҳис %) | Синфҳои озмоишӣ (134 наф) | Синфҳои санҷишӣ (126 наф) |
|---|---|---|---|
| 1. | Посух ё ҷавобҳои пурраи мукаммал | 78 | 68 |
| 2. | Посух ё ҷавобҳои пурра аммо номукаммал | 10 | 12 |
| 3. | Посух ё ҷавобҳои нопурраю номукаммал | 12 | 20 |

Аз нишондодҳои ҷадвали №8 маълум шуд, ки натиҷаи ҷавобҳои дурусту пурра ё мукаммали хонандагони синфҳои 9-и озмоишӣ 78%, аммо аз они хонандагони синфҳои 9-и санҷишӣ 68 % - ро ташкил намуд, яъне натиҷаи ҷавобҳои дурусту пурраи синфҳои 9 –и озмоишӣ аз синфҳои 9 –и санҷишӣ оид ба ҳамин саволҳои корҳои хаттӣ - санҷишӣ - 10% зиёд мебошад. Илова бар ин ҷавобҳои синфҳои 9 – и озмоишӣ пурраю саҳеҳ ва илман асоснок буда, онҳо дар бораи ҳар се саволҳои кори хаттӣ – санҷишӣ, яъне «Аҳамияти рӯшноӣ дар ҳаёти растаниҳо», «Омилҳои асосии экологӣ» (биотикӣ, абиотикӣ – рӯшноӣ, намӣ, гармӣ хунукӣ, фишорҳои атмосфераи ҳаво ва ғ- ҳо) ва «Омилҳои антропогенӣ» (таъсири бевоситаи инсон ба табиат, буридану сӯзонидани дарахтону ҷангалзорҳо, барои ба даст овардани маводи сохтмонӣ - тахта, чӯб, фанер, маводи сӯзишворӣ, сохтани заводу фабрикаҳо, биноҳои маъмурию маърифатӣ, мактабҳо, хонаҳои истиқоматӣ ва ғ- ҳо) ба таври мушаххас тариқи хаттӣ ибрози ақида намуданд. Инчунин, хонандагони синфҳои 9- и озмоишӣ дар матни корҳои хаттӣ – санҷишии худ чунин навиштаанд: Сохтмони муассисаҳои саноатию истеҳсолӣ, яъне заводу фабрикаҳо чун заводҳои сементбарорӣ, заводҳои истеҳсолкунандаи

нуриҳои минералӣ – химиявӣ, аз ҷумла нуриҳои калийдор, фосфордор, нитрогендор ва партовҳои онҳо, чун аммиак (NH3), CO (оксиди карбон, гарду чанг ва ғубори аз муассисаҳо хориҷшуда, таркиби иловаи атмосфериро вайрон карда, боиси сустшавии сабзишу инкишофи растаниҳо, бахусус дарахтони мевадиҳанда, зироатҳои сабзавотӣ (помидору бодиринг, полезӣ (тарбузу харбуза), гулкунию мевабандӣ, яъне камшавии ҳосилнокии онҳо мегардад.

Ҳангоми ҷамъбасти натиҷаи корҳои хаттӣ-санҷишӣ хонандагони синфҳои 9- и озмоишӣ ва суҳбатҳои гурӯҳӣ маълум гардид, ки аксарияти онҳо аъзоёни маҳфилҳои фанҳои ботаника «Ботаникони ҷавон» (дар синфҳои 5- 6) «Зоологҳои ҷавон» (дар синфҳои 7-8), «Физиологҳои ҷавон» (дар синфҳои 9) ва «Экологҳои ҷавон» (дар синфҳои 9), мебошанд ва онҳо иброз намуданд, ки дар маҳфилҳо бо маърӯзаҳо баромад карда, дар озмунҳои мактабӣ, яъне даврҳои олимпиадаҳои мактабӣ, шаҳри, ноҳиявӣ, минтақавӣ, вилоятию, ҷумҳуриявӣ иштирок мекунанд ва баъзан ғолибони олимпиадаҳои мактабӣ (даври аввал), ноҳиявӣ ва ҳатто вилоятӣ низ гардиданд.

Хулоса, дар рафти мушоҳидаҳо, иштирок ба дарсҳои муаллимони сикли фанҳои умумибиологии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н Фархор, маълум гардид, ки онҳо ҳамчун омӯзгорони ботаҷрибаю пешқадам на танҳо дарсҳои худро дар сатҳи баланди илмию методӣ мегузаронанд, балки дар ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ бахусус, маҳфилҳои фаннӣ ва беруназмактабӣ-олимпиадаҳои фаннӣ, саёҳатҳо, баҳри «Фаъолгардонию ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ - экологии хонандагони синфҳои 5-9» аз фанҳои зистшиносӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ, экология) дар доираи талаботи барномаҳои таълимӣ, дастуру низомномаҳо оид ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ниҳоят дар дараҷаи хуб, яъне қаноатбахш мегузаронад, ки боиси ифтихору дастгирӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, мо аз раёсати шуъбаи

маорифи н. Фархор, директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хоҳиш менамоем, ки баҳри омӯзишу тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони мактабҳои №5,18,19,32,37 ва 39 семинарҳои илмӣ-методӣ баргузор намуда, аз рӯйи имкониятҳо иштироки олимону профессорони сикли фанҳои умумибиологиро таъмин намоянд.

Азбаски яке аз масъалаҳои марказии фанни экология ин омӯзишу таҳқиқи омили асосии экологӣ «Муҳити сукунати зиндагӣ» ва мутобиқшавии олами набототу ҳайвонот бо ин (омил) вобастагии зич дорад, мо зарур шуморидем, ки дар доираи ин савол: Муҳити зисти сукунати зиндагии организмҳо бо ин омили бунёдӣ, тариқи анкетагузаронӣ пурсишҳои хонандагони синфҳои 5- 9- и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархорро гузаронем. Дар ҷараёни озмоишҳои педагогӣ, дар тӯли 5 сол (2017-2018, 2019-2020 ва 2021-2022), яъне дар се марҳила ва анкетагузаронӣ 1367 нафар хонандагони ин таълимгоҳҳо, яъне- синфҳои 5- 210 нафар (синфҳои озмоишӣ 210 нафар, синфҳои санҷишӣ 90 нафар), синфҳои 6- 321 нафар (синфҳои озмоишӣ – 170 нафар, синфҳои санҷишӣ 151 нафар), синфҳои 7 – 288 нафар (синфҳои озмоишӣ -140 нафар, синфҳои санҷишӣ - 128), синфҳои 8 – 274 нафар (синфҳои озмоишӣ – 132 нафар, синфҳои санҷишӣ – 129 нафар) ва синфҳои 9-274 нафар (синфҳои озмоишӣ 137 нафар, синфҳои санҷишӣ 128 нафар) дар маҷмуъ 1367 нафар иштирок намуданд, ки 699 нафарашонро хонандагони синфҳои 5 - 9 - и озмоишӣ ва 626 нафар хонандагони синфҳои санҷишӣ ташкил медиҳанд. Акнун, натиҷаи корҳои хаттӣ - санҷишии хонандагони синфҳои 5-9 - и озмоишӣ ва 5-9- и санҷиширо оид ба саволи «Муҳити ҳаётӣ ва сукунати зиндагии организмҳо» аз фанни экология, ки дар ҷадвали №9 дода шудаанд тавсиф менамоем.

Ҷадвали №9

Натиҷаҳои муқоисавии ҷавобҳои хонандагони синфҳои 5- 9 - и озмоишӣ ва 5- 9- и санҷишӣ ба саволи «Муҳити зист ва мутобиқшавии организмҳо ба он » (ҷадвал) бо ҳиссаи %

| Микдори хонандагон | Синфҳо | Синфҳои озмоишӣ | | | Синфҳои санҷишӣ (назорати) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Посух ё ҷавобҳои | Ҷавобҳои дуруст, аммо | Ҷавобҳои нодурусту | Ҷавобҳои пурраю | Ҷавобҳои дуруст аммо | Ҷавобҳои нодурусту |
| 210 | V | 50 | 40 | 10 | 38 | 32 | 30 |
| 321 | VI | 58 | 26 | 16 | 50 | 30 | 20 |
| 288 | VII | 62 | 28 | 10 | 50 | 32 | 18 |
| 274 | VIII | 68 | 16 | 16 | 60 | 24 | 16 |
| 274 | IX | 78 | 12 | 10 | 70 | 16 | 14 |
| 1367 | | 62,3% | 4,4% | 9,2% | 53,6% | 26,8% | 24,8% |

Дар ҷадвали №9 ҷараёни ташакул ё азхудкунии донишҳои умумибиологӣ (экологӣ) маҳорату малакаи хонандагони синфҳои 5-9 –и озмоишӣ ва санҷишӣ, аз рӯйи ҷавобҳо ба саволҳои анкета «Муҳити зист ва мутобиқшавии организмҳо ба он» таҳлилу баррасӣ гардидаанд, ки натиҷаҳо чунинанд: ҷавобҳои пурраю мукаммал синфҳои 5-9 – озмоишӣ, бо ҳисоби миёна 62,3%- ро аммо ҷавобҳои пурраю мукамали синфҳои санҷишӣ бо ҳисоби миёна 53,6% - ро ташкил намуд, ки дараҷаи донишазхудкунии хонандагони синфҳои 5-9-и озмоишӣ (аз ҳамаи фанҳои мавриди озмоиши педагогӣ интихоб гардида, яъне «Ботаника» дар синфҳои 5-6, «Зоология» дар синфҳои 7–8, «Анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ» дар синфҳои, 9 «Экология» дар синфҳои 9) бо ҳисоби миёна аз синфҳои 5-9 – и санҷишӣ (назоратӣ) – 8,7% зиёд мебошад. Дар мавриди санҷиши матни хаттии саволномаи анкетаи дар

саволи «Муҳити зист ва мутобиқшавии онҳо», дар синфҳои 5-9-и озмоишӣ маълум шуд, ки ҷавоби онҳо хеле васеъ, саҳеҳ бо номбаркунии омилҳои муҳити зист, яъне рушноӣ, гармию хунукӣ, намнокӣ ва амсоли онҳо асосноку бо фарогирии мисолҳои маълум, чун хазонрезӣ, зардшавии баргҳои растаниҳо, гулкунӣ, мевабандӣ, парвозу кӯчиши паррандагони мавсимӣ ва амсоли онҳо ба таври мушаххас баён карда шудаанд. Чунин тарзи ҷавобнависӣ ба саволи анкета дар синфҳои 5-9-и санҷишӣ ниҳоят дар сатҳи паст буд, яъне онҳо ба саҳву хатогиҳои зиёд роҳ додаанд. Дар маҷмуъ бояд ёдрас шуд, ки миқдори ҷавобҳо пурраю мукаммал дар синфҳои 5- и озмоишӣ, аз синфҳои 5- и санҷишӣ – 12% бартарӣ дошта, дар синфҳои 6-и озмоишӣ теъдоди ҷавобҳои пурраю мукаммал, аз синфҳои 6- и санҷишӣ – 10,8% зиёд буда, ҳисоби миёна ҷавобҳои пурраю мукаммали синфҳои 7 -и озмоишӣ, аз синфҳои 7 – и санҷишӣ- 12% бартарӣ дошта, ҷавобҳои пурраю мукаммали синфҳои 8 – и озмоишӣ, аз синфҳои 8 – и санҷишӣ – 8% боло буда, аммо ҷавобҳои пурраю мукаммали синфҳои 9 –и озмоишӣ, аз синфҳои 9 –и санҷишӣ – 8% зиёд мебошад.

Аз ҷамъбасти натиҷаи саволҳои корҳои хаттӣ–санҷишӣ ва саволномаҳо (анкетаҳо) маълум шуд, ки амалисозии методикаи омӯзишу таҳқиқи мавзуъ «Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои берунazсинфию берунazмактабӣ» ба баландшавии дараҷаи донишҳои экологию биологӣ, маҳорату малакаи хонандагони синфҳои 5- 9 –и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и н. Фархор ва фаъолияти педагогии омӯзгорони сикли фанҳои умумибиологӣ натиҷаҳои мусбӣ расонид. Дар натиҷа теъдоди хонандагони синфҳои озмоишии 5-9 бобати аз худнамудани мавзуъҳои барномаҳои таълимӣ, ба хусус ҷанбаҳои табиатшиносӣ, экологӣ, кишваршиносӣ ва дигар шаклҳои корҳои берунazсинфӣ (марҳилаҳои фаннӣ, ҳафтаҳои биологию экологӣ) ва машғулиятҳои берунazмактабӣ (олимпиадаҳо, мушоҳидаҳои фенологӣ, туризми сайёҳӣ, экскурсияҳои

гуногун, дар қиёс бо хонандагони синфҳои санҷишии 5- 9, тақрибан 12-20% зиёд мебошад, ки ин нишондод аз амалишавии мавзуи таҳқиқотии мо дарак медиҳад.

Дар баробари тавсиф, тарҳрезӣ ва баррасии маълумоти болозикр оид ба модели таҳқиқотии худ «Фаъолгардонию ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои машваратию фарҳангӣ-экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ» иловатан ҷараёну дараҷаи донишазхудкунии хонандагон, дар маҷмуъ ба сикли фанҳои зистшиносӣ дар синфҳои озмоишӣ (5- 9) ва санҷишӣ (5- 9) дар тули се марҳила (солҳои 2017-2018, 2019-2020, 2021-2022) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №18 (деҳаи Ҳақиқат), №19 (деҳаи Баҳористон), №39 (деҳаи Лолазор), №5 (д. Ҷартеппа), №37 (д. Ҳавзако), №32 (д. Майдапата), н. Фархор гузаронида шуд. Дар мавриди гузаронидани мушоҳидаю озмоишҳои педагогӣ 1367-1400 нафар хонандагон, 40 нафар омӯзгорони ҷавон ва собиқадор (беш аз 10 сол 23 нафар, то 5 сол собиқаи корӣ 17 нафар) омӯзгорони сикли фанҳои зистшиносӣ, ки ба ҳайси роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, шуъбаи маориф, омӯзгорони дорои дараҷаҳои баланди тахассусӣ фаро гирифта шуд, ки натиҷаҳои ниҳоии озмоишҳои педагогӣ дар «Диаграммаҳои №1, 2, 3, 4, 5 ва 6» «оид ба рушду инкишоф ва ҷараёни дараҷаи донишазхудкунии толибилмон, аз рӯйи меъёрҳои «Дараҷаи баланди донишазхудкунӣ», «Дараҷаи миёнаи донишазхудкунӣ» ва «Дараҷаи пасти донишазхудкунӣ» дар тули се марҳилаи таҳқиқот (2017-2018, 2019-2020, 2021-2022), корбасту тарҳрезӣ гардиданд.

Динамикаи инкишофу ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз сикли фанҳои зистшиносӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ ва экология) дар диаграммаи 1 синфҳои озмоишӣ ва диаграммаи 2 дар синфҳои санҷишӣ дар соли якум (2017-2018),

диаграммаи 3 дар синфҳои озмоишӣ, диаграммаи 4 синфҳои санҷишӣ дар соли дуюм (2019-2020) ва диаграмаи 5 дар синфҳои озмоишӣ, диаграммаи 6 дар синфҳои санҷишӣ дар соли сеюм (2021-2022) тавсифу тарҳрезӣ гардидааст.




Натиҷаи маълумоти омории дар диаграммаҳои 1,2,3,4,5,6 нишон додашударо бо таври муқоисавӣ дар байни хонандагони синфҳои 5-9-и озмоишӣ ва 5-9 - и синфҳои санҷишӣ батафсил тавсиф менамоем. Аз натиҷаи ҷавобҳои хонандагони синфҳои озмоишӣ тибқи меъёрҳои «Дараҷаи баланд», «Дараҷаи миёна» маълум гардид, ки дар тули марҳилаҳои озмоишҳои педагогии гузаронидаи мо, дар синфҳои озмоишӣ «Дараҷаи баланди донишазхудкунӣ», дар соли якум (2017 - 2018) – 62 %, дар соли 2-юм (2019-2020) – 68%, дар соли 3 юм (2021-2022)- 78%-ро ташкил намуд. Нишондодҳои «Дараҷаи миёна» дар синфҳои озмоишӣ, дар соли 1-ум – 22% (2017-2018), дар соли 2- юм (2019-2020) - 20% дар соли 3 -юм (2021-2022)- 12% ва нишондодҳои «Дараҷаи паст» дар синфҳои озмоишӣ, дар соли 1 – ум (2017-2018)- 16 %, дар соли 2- юм (2019-2020) – 12%, дар соли 3-юм (2021-2022)- 10% -ро ташкил намуд.

Акнун, дараҷаи донишазхудкунии хонандагони синфҳои 5-9-и санҷиширо дар тули се давраи пажӯҳишҳои педагогӣ баррасӣ менамоем. Нишондодҳои «Дараҷаи баланд» дар синфҳои санҷишӣ дар соли 1 – ум (2017-2018) -48%, соли дуюм (2019-2020) – 56%, соли сеюм (2021-2022) - 60%, нишондодҳои «Дараҷаи миёна», дар соли якум (2017-2018) -24%, дар соли дуюм (2019-2020) -22%, дар соли сеюм (2021-2022) – 26% ва

нишондодҳои «Дараҷаи паст»- дар соли 1 –ум (2017-2018) – 28%, дар соли 2- юм (2019-2020) -22%, дар соли 3- ум – 14 % -ро ташкил намуд.

Дар маҷмуъ, дар тули 3 соли марҳилаҳои (2017-2022), пажуҳишҳои педагогии мо маълум гардид, ки ҳисоби миёнаи «Дараҷаи баланди донишазхудкунии» хонандагони синфҳои 5- 9 - и озмоишӣ 69,3%- ро ташкил намуда, «Дараҷаи баланди донишазхудкунии» хонандагони синфҳои санҷишӣ бо ҳисоби миёна – 54,7%- ро ташкил намуд, ки дар қиёс бо нишондодҳои «Дараҷаи баланди донишазхудкунии» хонандагони синфҳои 5-9 - и озмоишӣ – 14,6% - паст мебошад, ки аз натиҷаҳои мусбии амалишавии методикаи мавзуи пажӯҳиши мо таҳти унвони «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои умумибиологӣ» дар фаъолияту таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорону методистони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39-и деҳоту н. Фархор дарак медиҳад.

Тамоми давраи таҳқиқоти рисолаи илмии моро асосан амалӣ намудани ду масъалаи зерин дар бар мегирад:

1. Барои гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, мо модели таҳқиқотро таҳти унвони «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5- 9 – и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, аз сикли фанҳои умумибиологӣ » таҳия намуда, аз рӯи технологияи таҳиянамудаи худ фаъолияти пурраи омӯзгорону методистони соҳавӣ ва синфҳои озмоиширо аз пазириш (оппробатсия) амалан гузаронида, натиҷабардорӣ намудем.

2. Барои омӯзгорону методистони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳамчун «Пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ», мушоҳидаҳо, саволнома-анкетаҳо, мубоҳисаҳо пурсишу суҳбатҳои шифоҳӣ гузаронида шуда буд, дар шакли роҳнамоҳо дурнамои пешбару кӯмакрасон оид ба тамоми сикли фанҳои зистшиносӣ дар доираи талаботи барномаҳои таълимии фанҳои болозикр, оид ба номгӯйи асбобҳои аёнӣ, маҳфилҳои

фаннӣ, нақшаҳои яксоатаи дарсӣ, нақшаҳои тақвимӣ, нақшаи гузаронидани саёҳатҳои биологию экологӣ таҳия ва пешниҳод намудем.

## Хулосаҳои боби дуюм

Бо таҳияи боби дуюми рисолаи илмӣ “Технологияи муосири амалисозии машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии синфҳои 5-9 дар ҷараёни омӯзиши фанҳои умумибиологӣ” нақш ва мақоми донишҳои экологӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологии хонандагон, машғулиятҳои беруназсинфӣ ва нақши онҳо дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои тарбияи маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5- 9 дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ ва натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ баррасӣ гардида, хулосаҳои зеринро муайян намудем:

1. Дар раванди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, ҳолати истифодаи шаклу усулҳои машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои умумибиологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ ва экология) дар синфҳои 5-9 – и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки:

– 30 фоизи омӯзгорону методистони муассисаҳои болозикр аз сабаби мавҷуд набудани маводи таълимӣ – методӣ бо забони тоҷикӣ тайёрии пасти касбӣ ё тахассусии омӯзгорон, паст будани шавқу завқ, фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон, аз ҷумла номураттабии фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии толибилмон, машғулиятҳои беруназмактабию беруназсинфиро бо таври мунтазам ҷавобгӯ ба талаботи барномаҳои таълимӣ намегузаронанд;

– вазифаҳои хонагиро дар бисёр ҳолатҳо хонандагон ба таври «Аз ёд кардани матни китобҳои дарсӣ мегузаронанд, на дар заминаи ташкилу гузаронидани таҷрибаҳою озмоишҳо ва мушоҳидаҳо иҷро мекунанд»;

– маводи дар натиҷаи мушоҳидаҳои фенологӣ экскурсияҳо ва дар мавриди супоришҳои тобистонаи хонандагон, аз ҷумла, чорабиниҳо, коллексияҳои ҳашаротҳо, коллексияи дони ғалладонагиҳо ва ғайраҳоро омӯзгорон на дар синфи муқаррарӣ ва на дар машғулиятҳои берунамактабӣ бо таври амалӣ намегузаронанд ва минҷумла ҷамъбасти корҳои иҷрокардаи хонандагонро низ баррасӣ наменамоянд.

– супоришҳое, ки омӯзгорон, барои гузаронидани экскурсияҳо, мушоҳидаи фенологӣ ва супоришҳои тобистона, ба хонандагон медиҳанд, дар бисёр мавридҳо хусусияти тазаккурӣ дошта барои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологӣ ва фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон дода намешаванд.

Ҳамаи омилҳои болозикр ба фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон таъсири манфӣ мерасонанд.

2. Дар таҳқиқотҳои мо талаботи педагогию дидактикӣ доир ба ташкилу гузаронидани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои берунамактабӣ (вазифаи хонагӣ, супоришҳои тобистонаи хонандагон, мушоҳидаҳои фенологӣ, олимпиадаҳои фаннӣ ва экскурсияҳо) вобаста ба зарурияти фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои V-IX – ум аз фанҳои табиатшиносӣ коркард, корбасту тарҳрезӣ карда шудааст, аз ҷумла:

– ташкили баҳамалоқамандии шаклҳои гуногуни машғулиятҳои берунасинфию берунамактабӣ бо дарсҳои умумисинфӣ;

– пурзӯр намудани ҷанбаҳои экологию кишваршиносӣ дар раванди машғулиятҳои таълиму тадрисӣ;

– ташаккули фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон ба воситаи гузоришҳои масъалаҳои проблемавӣ ва гузаронидани мушоҳидаҳою озмоишҳои биологию экологӣ.

3. Дар ҷараёни гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, бо мақсади ташкил ва баргузор намудани машғулиятҳои беруназмактабӣ таҷрибаи педагогии муаллимони муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди пажӯҳишу тарҳрезӣ қарор додем ва аз натиҷаи мушоҳидаҳою озмоишҳо чунин хулосабарорӣ намудем:

– фақат 38% - и муаллимони дар раванди анкетакунонӣ иштирок намуда, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабиро аз сикли фанҳои табиатшиносӣ, бахусус дар мавриди баргузоргардии маҳфилҳои фаннӣ мегузаронанд;

– мавҷуд набудани маводи таълимӣ-методӣ ва муҷаҳҳаз набудани кабинету озмоишгоҳҳо бо асбобҳои аёнӣ, аз ҷумла гербарияҳо, коллексияи тухмиҳои ғалладонагиҳою ҳашаротҳо, боиси мушкилоти муаллимон мегардад;

– 47%-и омӯзгорон гузаронидани олимпиадаҳои биологию экологиро мувофиқи мақсад шуморида, нақши машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабиро оид ба фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, инчунин фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии илмии толибилмон мусбӣ арзёбӣ намуда, ёдрас шудаанд, ки ҷиҳати ташкилу гузаронидани олимпиадаҳои болозикр маводҳои методӣ - таълимӣ ҳам бо забони тоҷикӣ ва ҳам бо забони русӣ намерасад:

4. Мо дар таҳқиқоти худ талаботи барномавию дигар дастуру низомномаҳоро бахри гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ ба асос гирифта, корбаст намудем (бахусус, нақши маҳфилҳои фаннӣ, олимпиадаҳо) ва вобаста ба фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, аз ҷумла, баҳисобгирии номгӯйи мавзуъҳои

маҳфилҳои фаннӣ бо фасли омӯзиши китобҳои дарсӣ, нақшаҳои тақвимии сикли фанҳои табиатшиносӣ ҳамчун воситаи ба таври васеъ омӯхтани дарсҳои синфӣ ва донишҳои азбарнамуда, коркарду корбаст кардани маҳорату малакаҳои ҳосилшуда, дар машғулиятҳои маҳфилҳо, дар дарсҳо ва дар машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, ҳамчун роҳу усулҳои фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, аз ҷумла:

– ташкили фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодии хонандагон, бо истифодаи методҳои мушоҳида, эксперимент, амалӣ ва ғайраҳо.

– таъмин намудани алоқамандии олимпиадаҳои фаннӣ бо дигар намудҳои машғулиятҳои таълимӣ, аз ҷумла дарсҳои синфӣ, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ.

– тартиб ва таҳия намудани саволҳои олимпиадаҳои фаннӣ ҳамчун маводи заминавӣ оид ба оғози корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ бобати омӯзиши олами наботот ва ҳайвоноти кишвари худ.

5. Таҳия ва коркарди тавсияҳо ё нишондодҳои методӣ оид ба гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ ё «Маҳфили натуралистони ҷавон» ё «Табиатшиносони ҷавон» барои омӯзгорони деҳот, ноҳияю шаҳрҳо, дар бораи ташкил кардани маҳфилҳо, бо истифодаи маводи экологию кишваршиносӣ ва самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии хонандагон.

6. Таҳия, коркард ва тарҳрезии намунаи варақаи иштирокчиёни олимпиадаҳои мактабӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, минтақавӣ, вилоятӣ ва умумиҷумҳуриявӣ (даври хотимавӣ), бо нишондоди саволҳо дар доираи барномаҳои таълимии сикли фанҳои табиатшиносӣ ва дар заминаи дастуру низомномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани меъёрҳои баҳогузорӣ ё тариқи «панҷбалла» ва ё «холҳо» вобаста ба равияҳои биологӣ, экологӣ, кишваршиносӣ ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии хонандагон.

## Хулосаҳои умумӣ

Дар таҳқиқоти мо масъалаи ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология мавриди таҳқиқ ва озмоиш қарор дода шуда, фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҷаҳонбинии илмии толибилмон, эҳтимолият ва шароитҳои педагогии инкишофи роҳу усулҳои равандҳои озмоишҳои педагогӣ баррасӣ гардидааст.

Ташаккули фаъолиятнокӣ ва ҳисси табиатдӯстӣ ба талабот, хоҳишу рағбати хонандагон алоқаманд мебошад, ки боиси бедорию дарки онҳо ба донишандӯзӣ ва дараҷаи баланди таълимию маърифатии толибилмон мегардад.

Дар раванди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ аз ҷониби мо дар вобастагӣ ва баҳамалоқамандии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва аломату нишонаҳои маҳфуми «фаъолият» муайян карда шудааст. Ба ақидаи мо пайдошавии ангезаҳои нав аз ҷумла, рушди шавқу завқи касбомӯзӣ ва билохир ташаккули фаъолнокӣ ва ҳисси устувори табиатдӯстӣ ба рушди фаъолияти мустақилу ҷустуҷуию эҷодии хонандагон заминаи боэътимод мегузорад.

Тавсифу тарҳрезии баҳамалоқамандии «Фаъолиятнокии маърифатӣ» ва «Фаъолсозию фаъолгардонии ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон», дар ҷараёни шакли тазаккури фаъолияти маърифатӣ муайян карда шуд.

«Фаъолияту фаъолгардонӣ» бо пайдошавии шавқу завқ ва мустақилиятнокӣ алоқаманд буда, ба сифату дараҷаи донишандӯзии хонандагон таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар таҳқиқоти худ мо муайян кардем, ки ташаккули шавқу завқ ва ҳисси табиатдӯстии хонандагон ба аломату нишонаҳои фаъолиятнокӣ, аз ҷумла тазаккурӣ - воқеӣ, тасвирӣ – ҷустуҷӯию эҷодӣ, гузориш аз ҳолати вазъият ё шароит ба устувор, аз оморӣ ба васеъ минбаъд шавқу завқи

асосӣ ё умда бартарии ҷузъҳои шавқу завқ дар ҳар як марҳилаи инкишоф, яъне пуртаъсир, маънавию зеҳнӣ ва иродавӣ вобаста мебошанд.

Ҷузъҳои мундариҷавии фаъолгардонӣ ва ташаккули маърифати экологии хонандагон, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои берунazсинфию берунazмактабӣ дар доираи талаботи барномаҳои таълимии сикли фанҳои умумибиологӣ ва инчунин, компоненти маънавию зеҳнӣ алоқаманд ба кӯшишҳои толибилмон ба омӯзиши ҷараёнҳо ва ҳодисаҳои биологӣ, ҳалли масъалаҳои гузошташуда, самимона ба қаъри ҳодисаҳою донишҳои биологӣ, воридшавӣ, афзудани ҷараёни фаъолият ва муносибатҳои мусбӣ - ҳиссиётӣ, аммо ҷузъи иродавӣ боиси кушоиши мустақилона азхуд намудани дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мегардад.

Таҳия, мураттабсозӣ ва тарҳрезии амсилаи назариявии фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар таҳқиқотҳои мо вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ, инкишофи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ дар заминаи ҷанбаҳои мундариҷавии ҷараёни таълим тавсиф шудааст, ки аз чунин роҳу усулҳои фаъолгардонию ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва фарҳанги экологии хонандагон иборат мебошад:

1. Ба воситаи мундариҷаи донишҳои биологӣ, баланд бардоштани ҷанбаҳои назариявӣ, пурзӯр намудани ҷаҳонбинии илмӣ, асоснок намудани самтҳои методологӣ, пурзӯр намудани самтҳои амалӣ, бо таври проблемавӣ, баррасии донишҳо ва ғайраҳо[**4-М**].

2. Ба воситаи ташкилу фаъолияти мустақилона, ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ҳалли масъалаҳо, машқҳо, истифодаи роҳу усулҳои таҳқиқотӣ, ташкили мушоҳидаҳо, амалисозии ҷанбаҳои модели таҳқиқотӣ, дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои берунazсинфию берунazмактабӣ аз сикли фанҳои умумибиологӣ [**3-М**].

3. Дар заминаи таълими проблемавӣ, ягонагии ҷанбаҳои мундариҷавӣ ва муаррифию арзёбӣ, инчунин шаклу усулҳо, методҳо,

мундаричa, мақсад ва баҳамалоқамандии машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, самтҳои педагогию дидактикӣ ва методии фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон таҳия ва тарҳрезӣ карда шудаанд [**11-М**].

4) Нақши донишҳои экологию кишваршиносӣ дар мундариҷаи сикли фанҳои умумибиологӣ, бо мақсади фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон ва ташаккули донишҳои экологӣ маҳорату малакаҳои касбию касбинтихобкунии толибилмон коркард ва таҳияю тарҳрезӣ карда шудааст.

Экологиякунонии мундариҷаи барномаҳои таълимии сикли фанҳои умумибиологӣ дар заминаи мафҳумҳои намоёну пешрав аз ҷумла, «Омилҳои экологӣ», «Муҳити зист», «Ҷомеаи табиӣ», «Муҳофизат ва истифодаи самараноки объектҳои биологӣ» ба роҳ монда мешавад, ки боиси ошкор намудани баҳамалоқамандии организмҳо бо муҳити зист, нақши ин омилҳо дар табиат ва ҳаёти инсон, зарурияти ҳифзи обеъктҳои зинда, инчунин гуногуншаклии ташкили шаклҳои таълим, яъне дарсҳои муқаррарӣ, машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, ки асоси фаъолгардонӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон маҳсуб меёбанд, мегардад [**4-М**].

